АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
МАРКАЗИ МЕРОСИ ХАТТӢ

НАЦИОНАЛЬНАЯ АКАДЕМИЯ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
ЦЕНТР ПИСЬМЕННОГО НАСЛЕДИЯ

NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF THE TAJIKISTAN
CENTER OF WRITTEN HERITAGE

«МЕРОСИ ШАРҚ»

(МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ)

№ 1 (3), 2023

«НАСЛЕДИЕ ВОСТОКА»

(НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ)

№ 1 (3), 2023

«EAST HERITAGE»

(SCIENTIFIC JOURNAL)

No. 1 (3), 2023

ДУШАНБЕ - 2023

«МЕРОСИ ШАРҚ»
Муассис:
Маркази мероси хаттии назди Раёсати АМИТ
Маҷалла соли 2022 таъсис ёфтааст.
(Ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мегардад)

САРМУҲАРРИР:

Давлатов Раҳматкарим

Мирзокаримович – *н.и.т., директори Маркази мероси хаттӣ*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Ғиёсиев Меҳриддин – *н.и.п., мудири шуъбаи иттилоот, робитаҳои илмӣ ва омӯзиши тамаддуни Шарқи Маркази мероси хаттӣ*

МУҲАРРИРИ МАСЪУЛ:

Муҳаммадиев Алӣ – *н.и.ф., мудири шуъбаи матншиносӣ, таҳқиқ ва нашри мероси хаттии Маркази мероси хаттӣ*

ҲАЙАТИ ТАҲРИР:

Раҳимӣ Фарҳод Қодир – *академик, Президенти АМИТ*
Муҳаммад Абдураҳмон – *ноиби Президенти АМИТ, д.и.с., профессор*
Қосимшо Искандаров – *д.и.т., Саркотиби илмии АМИТ*
Парвона Ҷамшед – *д.и.ф., профессор*
Умар Сафар – *д.и.ф., профессор*
Хоҷамуродов Олимҷон Ҳамроевич – *д.и.ф., профессор*
Муллоҷонов Сайфулло Кӯчакович – *д.и.т., профессор*
Мирзоев Ниёз Мирзобадалович – *д.и.т., профессор*
Муҳаммадиев Алӣ – *н.и.ф*
Шарифов Маҳмадёр – *н.и.ф*
Ғиёсиев Меҳриддин Илёсиддинович – *н.и.п*
Ализода Сайидхоҷаи Саидумар – *н.и.ф*
Қодиров Ғиёсиддин – *н.и.т*
Шарифов Амриддин Нуриддинович – *н.и.т*
Байзоев Азим – *н.и.ф., дотсент*
Раҳматулоева Заррина – *н.и.ф., дотсент*

ҲАЙАТИ МУШОВИРОН:

Франссис Ришар – *(Фаронса),* **Шариф Шукуров** – *(Россия),*
Александр Хейзер – *(Германия),* **Садрӣ Саъдиев** – *(Узбекистон),*
Комилҷон Раҳимов – *(Узбекистон).*

«Мероси Шарқ»
Маркази мероси хаттии
назди Раёсати АМИТ.
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги
Ҷумҳурии Тоҷикистон
таҳти №249/мҷ-97, аз 02.06.22
ба қайд гирифта шудааст.
Тел.: (+99237) 221-32-02

Нишонии мо: 734025, ш. Душанбе,
кӯчаи Ш. Ҳусейнзода 35.
Маркази мероси хаттии назди
Раёсати АМИТ, ҳуҷраи 14, Идораи
маҷаллаи “Мероси Шарқ”,
E-mail: Merosisharqi@gmail.com

© ММХ. 2023

«НАСЛЕДИЕ ВОСТОКА»
Учредитель:
Центр письменного наследия
при Президиуме НАНТ
Журнал основан в 2022 г.
(Издаётся на трёх языках: таджикский, русский и английский)

ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР:

Давлатов Раҳматкарим
Мирзокаримович – *к.и.н., директор ЦПН НАНТ*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Гиёсиев Мехриддин – *к.п.н., заведующий отделом информации, научной связий и изучения культуры Востока ЦПН НАНТ*

ОТВЕТСТВЕННЫЙ РЕДАКТОР:

Мухаммадиев Али – *к.ф.н., заведующий отделом текстологии, исследование и изучение письменного наследия ЦПН НАНТ*

ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ:

Рахими Фарход Кодир – *академик, Президент НАНТ*
Мухаммад Абдурахмон – *вице-президент НАНТ, д.п.н., профессор*
Косимшо Искандаров – *д.и.н., гл. ученый Секретар НАНТ*
Парвона Джамшед – *д. ф. и., профессор*
Умар Сафар – *д.ф.н., профессор*
Ходжамуродов Олимджон Хамроевич – *д.ф.н.,профессор*
Муллоджанов Сайфулло Кучакович – *д.и.н., профессор*
Мирзоев Ниёз Мирзобадалович – *д.и.н., профессор*
Мухаммадиев Али – *к.ф.н*
Шарифов Махмадёр – *к.ф.н*
Гиёсиев Мехриддин Илёсиддинович – *к.п.н*
Ализода Сайидходжаи Саидумар – *к.ф.н*
Кодиров Гиёсиддин – *к.и.н*
Шарифов Амриддин Нуриддинович – *к.и.н*
Байзоев Азим – *к.ф.н., доцент*
Рахматулоева Заррина – *к.ф.н., доцент*

РЕДАКЦИОННЫЙ СОВЕТ:

Франссис Ришар – *(Франция),* **Шариф Шукуров** – *(Россия),*
Александ Хайзер – *(Германия),* **Садри Садиев** – *(Узбекистан),*
Комилджон Рахимов – *(Узбекистан).*

«Наследие Востока»
Центр письменного наследия
при Президиуме НАНТ.
Журнал зарегистрирован Министерством
культуры Республики Таджикистан
№249/жр-97, 02.06.22
Тел.: (+99237) 221-32-02

Адрес: 734025, г. Душанбе, ул.
Ш. Хусейнзода 35.
Центр письменного наследия
при Президиуме НАНТ, каб. 14,
редакция журнала "Наследие Востока",
E-mail: Merosisharqi@gmail.com

© MMX. 2023

«EAST HERITAGE»
Founder:
Center of the written heritage
under the Presidium of the NAST
The journal was founded in 2022.

EDITOR-IN-CHIEF OF THE JOURNAL:

Davlatov Rahmatkarim
Mirzokarimovich – *c.h.s., director of the Center of the written heritage*

DEPUTY EDITOR-IN-CHIEF:

Ghiyosiev Mehriddin – Candidate of Pedagogical Science Head of the Department of Information, Scientific Communication and Study of the Culture of the East of the Center for Written Heritage of the NAST

RESPONSIBLE EDITOR:

Muhammadiev Ali – candidate of philological sciences, Head of the Department of Textology. Preparation and publication of the written heritage of the Center for Written Heritage of the NAST

EDITORIAL BOARD MEMBERS:

Rahimi Farhod Kodir – academician, President of the NAST
Muhammad Abdurahmon – *Vice President of the NAST, d.p.s., professor*
Kosimsho Iskandarov – *d.h.s., Chief scientific secretary of the NAST*
Parvona Jamshed – *d.ph.s., professor*
Umar Safar – *d.ph.s., professor*
Khojamurodov Olimjon Hamroevich – *d.ph.s., professor*
Mullojonov Sayfullo Kucharovich – *d.h.s., professor*
Mirzoev Niyoz Mirzobadalovich – *d.h.s., professor*
Muhammadiev Ali – *c.ph.s*
Sharifov Mahmadyor – *c.ph.s*
Ghiyosiev Mehriddin Ilyosiddinovich – *c.p.s*
Alizoda Sayidkhojai Saidumar – *c.ph.s*
Qodirov Ghiyosiddin – *c.h.s*
Sharifov Amriddin Nuriddinovich – *c.h.s*
Bayzoev Azim – *c.ph.s., associated-professor*
Rahmatuloeva Zarrina – *c.ph.s., associated-professor*

INTERNATIONAL IDITORIAL COLLEAGUE:

Francis Richard - *(France),* **Sharif Shukurov** - *(Russia),*
Alexander Haizer - *(Germany)*, **Sadri Sadiev** - *(Uzbekistan),*
Komiljon Rahimov – *(Uzbekistan)*.

East Heritage
Center of the written heritage
under the Presidium of the NAST
The journal was registered by the Ministry of

Culture of the Republic of Tajikistan
No. 249/mj-97 dated 02.06.2022
Tel.: (+99237) 221-32-02

Address: 734025, Dushanbe,
35 Sh.Huseynzoda Str.
Center of the written heritage under
the Presidium
of the NAST, office №14, editorial office
of the journal "East Heritage",
E-mail: Merosisharqi@gmail.com

© MMX. 2023

ТДУ: 37 (575.3) (09))

ТАЪРИХ

ОСЕБШИНОСИИ МАКТАБИ МИЛЛИИ ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛ

Давлатов Р.М.[1]

Бидуни шакку шубҳа яке аз муҳимтарин дастовардҳои миллати тоҷик дар се даҳаи Истиқлоли давлатӣ эҳёи дубораи мактаб ва маорифи миллӣ, ба роҳ мондани низоми таълиму тарбия ва фароҳам кардани шароити созгор барои рушди илму маърифат аст. Идора кардани мусссисаи таълимӣ, дар маҷмуъ ба мақоми шахсияте бастагӣ дорад, ки донишманду муваффақ бошад ва гузашта аз ин эҳсоси масъулият на камтар аз маърифат аст. Масъалаи фаҳми масъулият, пайгирӣ аз манфиатҳои миллӣ ва доштани ҷаҳонбинии васеи илмӣ барои шахси сарвар аз муҳимтарин сифатҳо маҳсуб мешавад. Қобили зикр аст, ки дар кори роҳбарӣ ин хислатҳо ҷиҳати касби муваффақият дар фаъолият хеле заруранд ва шахси орӣ аз ин нерӯ наметавонад дар мақоми идора комёб бошад. Ҳамин ҷанбаҳои вазъи воқеии таълиму тарбия ё дар маҷмуъ мактаби миллӣ дар мақолаи профессор С. Ятимов “Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад” (андешаҳо перомуни Паёми Пешвои миллат), маҷаллаи “Илм ва ҷомеа”, №1(31), 2023) [6, 5-30] хеле равшан мавриди арзёбӣ ва баррасии амиқи илмӣ қарор гирифтаанд.

Ояндаи пойдор ва равшани миллат аз низоми таълиму тарбияи ҳамин мактаб ва маърифатбахшии ҳамин маориф вобаста аст. Аз ин нигоҳ аст, ки Сарвари давлат ба ниҳоли парваридаи худ ба назари меҳр ва бо ҷиддияти тамом муносибат намуда, маориф ва илмро дар сархати Паёми солонаи худ қарор дода ва медиҳанд. Муаллифи “Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад” ба унвони як муҳаққиқ ва нозири дақиқназар ҳамин ҷиддияти рисолат ва зарурати таваҷҷуҳ ба онро солҳост, ки дарк намуда ва дар талоши ҳамкорӣ барои таҳкими пояҳои маориф ва маънавиёти миллӣ мебошад. Муаллиф бо мурӯре ба гузашта як қиёси таърихӣ анҷом додааст: “...агар даврони салтанати Сомониён, давраи тилоии тараққиёти илм, адабиёту фарҳанг ёдоварӣ шавад, замони роҳбарии Пешвои миллат дар шароит ва имконоти навин, бидуни шак, муассиртар, самараноктар ва бузургтар аз он аст” [6, 6]. Ин ҷо ёдоварии як қиёси шоиронаи Бозор Собир, ки мехоҳад хидмат ва заҳамоти бузургу бесобиқаи таърихии устод Садриддин Айниро барои миллати тоҷик дар қиёс бо устод Рӯдакӣ бозгӯ кунад бамаврид мебуд:

Гарчи табъи Рӯдакӣ шеъри закӣ эҷод кард,
Офарин бар табъи Айнӣ, Рӯдакӣ эҷод кард. [1, 226]

Манзури шоир аз ин сатрҳоро аз худи ӯ пурсида будам, ки барои аҳли фаҳм ошност. Қиёси муаллифи муҳтарам низ дақиқан дар ростои ҳамин мантиқ қобили арзёбӣ аст. Ҳамин тавр, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рисолати таърихии худро аввал бо ҷасорат қабул карданд, дарк намуданд ва ба дурустӣ анҷом доданд. Парчами ҷунбишҳои ба камол нарасида ва ба шикаст мувоҷеҳшудаи миллиро баланд намуда, роҳбарӣ карданд ва бо боло кардани дасти Исмоили Сомонӣ дар майдони Озодӣ – рамзи қудрати сиёсии тоҷикон ба кӯйи мурод расонида, орзуи ҳазорсолаи миллати тоҷик ва дудмони Сомониро бо ин иқдом ба курсӣ нишонданд. Бидуни шак, метавон гуфт, ки руҳи Курӯши Бузург, Абумуслими Хуросонӣ, Яъқуби Лайси Саффорӣ ва Исмоили Сомонӣ дар симо ва шахсияти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буруз кардааст. Аз ин нигоҳ арзёбии муаллиф қобили дарк ва дақиқ аст: “Таърихсоз Инсон аст, ки ба вақту муҳит муҳтаво мебахшад” [6, 8]. Бо баёни омиёнатар метавон хулоса кард, ки дарвоқеъ як давраи томи таърихи миллати тоҷикро муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сохта

1. Давлатов Раҳматкарим Мирзокаримович – номзади илмҳои таърих, директори Маркази мероси хаттии АМИТ

ва сабти таърих кардааст. Аз ин нигоҳ, дар ин баҳси фалсафии муаллиф Инсони таърихсоз Эмомалӣ Раҳмон аст.

Хирад мояи ҷовидонӣ бувад

Зимни арзёбии сабаб ва омили шикастҳои пай дар пайе, ки тоҷикон дар дарозои таърих ба он рӯ ба рӯ шудаанд, муаллиф бо ҷасорат ба ин хулоса мерасад: “Бузургтарин фоҷеаҳое, ки дар тули асрҳо ба сари миллати тоҷик омадаанд, аз зарфияти камтарини дарки оммаи мардум дар қиболи воқеияти ҳастӣ сарчашма мегиранд” [6, 9]. Бояд гуфт, ки дар осебшиносии таърихи миллати тоҷик ин назария ва хулосаи бисёр муҳим қобили таҳқиқ ва пажӯҳиш аст. Ҳам таърихнигорӣ ва ҳам оянданигарии мо бояд бар мабнои ҳамин назария ва ҳамин андеша шакл бигирад. Мутаассифона, то кунун ҳеҷ яке аз бузургони мо аз ин манзар таърихи моро мӯшикофӣ ва осебшиносӣ накардааст. Умуман, осебшиносӣ дар соири илмҳои муосир, хусусан осебшиносии таърих асли муҳим барои ояндаи миллатҳо маҳсуб мешавад, ки дар илми мо ривоҷ надорад. Ин масъала қобили баҳси ҷудогона аст.

Мутаассифона, метавон гуфт, ки тоҷикон дар олами муосир аз ҷумлаи камтарин миллатҳое ҳастанд, ки “фардои худро на ба қудрат, тавоноӣ, воқеият, имконоти инсонӣ, ҳолат ва вазъияти ақлонии мавҷудоти соҳибтафаккур”, балки ба тақдир ҳавола кардаанд. Мушоҳидаи муаллиф дар мавриди қиёси мизони динзадагии миллатҳои Осиёи Марказӣ ҳам қобили тавоҷҷуҳ ва дақиқ аст: “... барои чӣ, ҳадди ақал, дар Осиёи Миёна ва умуман Осиёи Бузурги Марказӣ, миллати тоҷик нисбат ба дигар халқияту миллатҳо майли зиёдтар ба таваккалу тақдирсолорӣ дорад? ” [6, 9]. Бояд гуфт, ки дар ҳақиқат дар ин миён мо танҳо миллате ҳастем, ки аввал ба ақида ва дини худ менозем, баъд ба миллати худ. Дар аксари маврид миллатро муҳим намешуморидем ва намешуморем. Хусусан барои аҳли таассуб ва хурофот дар тули таърих миллат ва давлат муҳим набуд ва имрӯз ҳам нест. Он ки аз давлат гоҳе имрӯз ҳам ҳимоят мекунанд, аз рӯйи риёст, на вафо ва садоқат. Аз ҳамин ҷиҳат аст, ки омили суқути ҳамаи давлатҳои миллии тоҷикон, чи то исломӣ ва чи замони исломӣ динзадагӣ ва ҳамон ҳаволаи оянда ба тақдир буд ва ҳаст. Имрӯз ҳам дар андешаи аксари кулли диндорон ҳамин ақида чира аст, ки дар сурати ҳамлаи як кишвари исломӣ оё мо ҳаққи шаръии ҳимоят аз худро дорем ё не? Ин тоифа дар асли худ ба ақидаи давлат-миллат бовар манд нестанд. Ва дар ҳавои 1400 соли пеш ба сар мебаранд. Ин ҷо бояд ҳатто зикр намуд, ки дар таҳти шуури баъзе аз афрод ҳатто андешаи хилофатхоҳӣ ҳам зинда аст. Яъне, андешаи ДОИШ-ӣ, ки аз маҷрои сиёсӣ тавассути қудратҳои фаромиллатақавӣ обёрӣ ва фарбеҳ шудаааст.

Ҳатто сабаби иқтидори сиёсиро аз даст додани тоҷикони Афғонистон, ки наздики даҳ сол (1992 - 2001) қудратро дар ихтиёр доштанд, пойбандии беш аз ҳадди онҳо ба арзишҳои динӣ назар ба андешаи миллӣ буд. Баъди қатли Аҳмадшоҳи Масъуд маълум гашт, ки танҳо тоҷики соҳибнуфузе, ки “фардои худро ба қудрат, тавоноӣ, воқеият, имконоти инсонӣ, ҳолат ва вазъияти ақлонии мавҷудоти соҳибтафаккур” вобаста медонист, ба иқтидори сиёсӣ барои бақои миллат бовар дошт, шахси Аҳмадшоҳи Масъуд будааст. Баъди сари ӯ, ёрони ихвонияш андешаи “қудрати сиёсӣ”-ро ба ақидаи “тақдири илоҳӣ” иваз намуданд. Иттифоқан тоҷик шояд танҳо миллати соҳибдинест, ки на аз дини миллии худ ва на аз динҳои дигаре, ки дар дарозои таърих ба ӯ таҳмил шуда, ҳаргиз ба нафъи бақои миллӣ фоида наҷустааст. Балки динхӯйӣ дар ин муддат барои давлатҳои миллӣ ва ҳувияти миллӣ кушанда воқеъ шуда ва имрӯз ҳам бузургтарин таҳдид ба ҳастии давлат динзадагии афрод ва ба хислати фардӣ табдил шудани он аст. Дар дараҷаи аввал хатари ба хислати фарогир табдил шудани ҳамин зуҳурот вуҷуд дорад, ки он гоҳ ба таҳдиди билфеъл барои вуҷуди давлати миллӣ низ табдил хоҳад шуд.

Ин дугонагии тафаккур садсолаҳост, ки думболагири афроди миллат аст, ҳоло ман дар худам ин ҷуръатро суроғ надорам, то бигӯям, он хислати миллии моро ташкил медиҳад, аммо шодравон Лоиқ Шералӣ бо дарки умқи масъала ва вусъати пайомади он ин ҷасоратро дошт, ки гуфта бошад:

Миллати мо миллати яклахт нест,
З-ин сабаб хушдавлату хушбахт нест. [2, 443]

Вақте яклахт мешавем, ки навъи ҷаҳонбинӣ ва тарзи тафаккури воҳид, усули тафаккури ягона, на бегона дошта бошем, то он замон миллат намебошем. Ин давоми ҳамон андешаи шоири дигари забони тоҷикии форсӣ Муҳаммад Иқбол аст, ки бовар дошт:

Миллат аз якрангии дилҳостӣ,
Равшан аз як ҷилва ин синостӣ.
Қавмро андешаҳо бояд яке,
Дар замираш муддао бояд яке. [3, 71]

Аз ин манзар, хулосаи муаллиф роҷеъ ба аҳаммияти усули ташаккули андешаи воҳиди миллӣ, қобили таваҷҷуҳ ва саҳеҳ мебошад: “Муваффақияти миллат, таъмини амният ва рушди он ба раванд ва натиҷаи ҷамъиятикунонии (милликунонии) андешаи аъзои он вобаста аст” [6, 23].

Албатта, мафкура ё идеологияи давлатӣ ҳамеша бар мабнои бовару ормонҳои миллӣ, ки маҷмуи ҳаёти фарҳангӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии миллатҳоро дар маҳдудаҳои замонию маконӣ муайян мекунанд, сохта мешавад. Ва тафаккури дунявӣ, ки ба ҳайси як ҷаҳонбинии фарогир дар ҷомеаи муосир ҷой уфтодааст, реша дар хиради тоҷикӣ ва ориёии мо, дар биниши миллии мардуми мо дорад. Хиради тоҷикӣ, ки бар мабнои таҷриба, бовар ва ҷаҳонбинии гузаштагони мо ташаккул ёфта буд, барои ба вуҷуд омадани давлатҳои миллию дунявӣ, барои ҳифзи асолати миллӣ дар марҳилаҳои мухталифи сарнавиштсози таърих мусоидат намуд.

Дар боварҳои куҳани миллии мо масъалаи давлатсозӣ ва иштироки мардум дар рушди сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар ба унвони асл матраҳ мебошад. Мувофиқи боварҳои миллии мо, низоми сиёсӣ бояд бар мабнои мафҳум ва қарина (консепсия)-и ахлоқии меҳр, хирад, ростӣ, дод ва озодӣ бунёд ёфта бошад. Ин ҳама падидаест, ки муаллиф онро дар хусусияти давлати миллӣ ва сифатҳои шахсии Роҳбари он пайдо намудааст: “Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, шояд аз нодиртарин раҳбарони сиёсии олам аст, ки бо мардуми одӣ ба тарзи мустақим, рӯ ба рӯ суҳбат ва ҷаласаҳо меорояд. Бо тамоми қишрҳои аҳолӣ... батафсил, тахассусмандона, бурдборона, бо дарки хусусияти шахсӣ, дараҷаи дониш ва касбияти ҳар кас муошират мекунад. Ба муҳтавои нутқи ҳар кадом таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Бо ин восита мехоҳад, тасаввурот ва маълумоти худро оид ба ҳолу аҳвол, сатҳи маърифатнокии онон бозсанҷӣ, хулосабарорӣ ва чораҷӯӣ кунад. Ин усул ва тарзи давлатдорӣ намунаи олии ҳидояткунандаи раҳбарист ” [6, 8].

Албатта, ба қадри ин заҳматҳо бояд расид ва ба он посухи муносиб дод, то дар роҳи расидан ба рифоъ, тавсеа ва ҳамзамон ташаккули як хислат ва як тафаккури воҳиди миллӣ ё ба ибораи шоир “яклахт сохтани миллат” ҳамовозӣ ва кӯмак кунем.

Хирад, – яъне дониш, фаросат, огаҳӣ, ҳуш, дарк, зиракӣ, дарёфт ва тадбир, (“Шарофатнома”-и Мунирӣ, “Анҷуманоро”-и Носирӣ, “Луғатнома”-и Деҳхудо) бо усулҳои аслии дунявият мисли илмгароӣ ва инсонгароӣ созгорӣ дорад. Бинобар ин, талоши ба ҷойгоҳи худ бозгардонидани хирад ва озодсозии зеҳни миллӣ аз ишғоли таърихӣ вазифаи муқаддас аст. Зеро вақте “бахти араб бар Аҷам чира шуд”, хирад ва хирадварзӣ ҷойи худро ба ақлонияти динӣ ва тақдири аз пештаъйиншуда дод. Фард озодию қобилияти зояндагии фикрӣ ва миллат руҳияю иқтидори ҷаҳонкушоии худро бохт. Аз ин нигоҳ, хулосаи муаллиф саҳеҳ ва қобили дарк аст: “Муҳтавои ҷаҳонбинӣ ва равандҳоеро, ки дар ҷомеаи имрӯзаи мо -тоҷикон, онро дар сатҳҳои гуногун, ба тарзи одӣ “пайравӣ ба фарҳанги бегона” меноманд, падидаи маъмулӣ - ғуломии руҳӣ ва ақидатӣ аст. Чизи дигаре нест. Маҳз ҳамин ҳолат, ҳамин ҷаҳонбинӣ муҳтавои гуфтор ва рафторҳои ғуломонаро тавлид, ташвиқ, тарғиб, “асоснок” ва барои мутеъшавӣ ба онҳо истодагарию якравӣ мекунад” [6, 10-11].

Ин ҷо суханони машҳури нависандаи бузург Лев Толстой ба ёд меояд, ки гуфтааст:

“Бадбахттарин ғулом инсонест, ки хиради худро ба ғуломӣ додааст ва чизеро воқеъият мепиндорад, ки хирадаш онро қабул надорад ” [5, 96].

Акнун масъалаи муҳим ин ҷо муносибат ба масъалаи мазкур аст. Бояд эътироф кунем, ки ғуломон дар фикри озодӣ нестанд, ин инсонҳои озода ҳастанд, ки ғуломонро озод месозанд. Бинобар ин, вазифаи давлати миллӣ дар симои маориф ва барномаи таълим иҷрои ин вазифаи муҳим аст. Мутмаинан, агар давлати Сомониён ҳазор сол пойдор мемонд ва ё давлатҳои дигари миллӣ идома мекарданд, мо ҳоло ба як марҳилаи дигаре аз ғурури миллӣ ва истиқлоли фикрӣ расида будем. Ба ин маънӣ дарк, бардошт ва хулосаи муаллиф аз иллат ва сайри таърихии таҳаввули фикри миллӣ саҳеҳ аст: “Натиҷабардорӣ ва хулоса он аст, ки руҳ ва маънавиёти ғайримиллӣ натиҷаи ҳолати ғуломӣ, адами пуштибони аслӣ – ҳокимияти сиёсии миллати тоҷик дар тули ҳазор сол аст” [6, 10].

Аммо бояд эътироф кунем, ки он чизе дар садсолаҳо шикаста шуда ва зарба хӯрдааст, то ин ки тармиму таъмир шавад, роҳи дароз дорад. Яъне заҳмати зиёд мехоҳад, то дубора, хирад ва хирадварзӣ ҷойи таваккал ва тақдирпарастиро бигирад. Дар ҳар сурат, масъалаи муҳим барои мо боз гардонидани хирад ва ё бозгашти мо ба хирадварзист. Ин вазифаи муқаддаси мактаб аст. Зиёиён ва олимон бояд дар ин масъала ба давлат кӯмак кунанд.

Масъулият ва буҳрони бекифоятӣ

Бидуни шак, мактаб курраи миллатгудозӣ, шахсиятсозӣ аст. Он чӣ мебинем ва он чӣ дорем, маҳсули мактаб аст. Тавре муаллиф зикр намудааст:“Дар мамлакат шароити воқеӣ барои рушди маорифи миллӣ, асосан, омода шудааст. Аммо омили инсонӣ, масъулияти мудирият дар соҳаи мафкурасозӣ ҷавобгӯи талаботи замон нест” [6, 28].

Агарчи дер, аммо бо истифода аз фурсати муносиб, мехоҳам ба профессор, узви вобастаи АМИТ муҳтарам Саймумин Ятимов барои таваҷҷуҳе, ки ба китоби “Андешаҳои дунявӣ дар адабиёти классикии тоҷику форс” зоҳир намуданд ва тақризи фарогир, ширкат ва суханронияшон дар муҳокимаи китоб, изҳори сипос ва миннатдории самимии муаллифонро изҳор намоям. Маҳз тақриз ва тавсияи эшон буд, ки китоби мазкур мутобиқ ба таъйинот ва рисолати аслии худ таҳия ва ислоҳ шуд.

Ин ҷо ба ҷузъиёти нуктаҳои мавриди баҳс дар китоб намепардозам, танҳо бояд гуфт, ки эродҳои профессори муҳтарам дуруст ва усулӣ буданд. Аммо як нуктаеро мехоҳам ёдоварӣ намоям, ин аст, ки дар лоиҳаи аввалияи бархе саҳифаҳои он китоб, ки мавриди муҳокима қарор гирифт, воқеияти тарзи тафаккури ҷомеаи илмӣ ва умуман андешаи дугона дар зеҳни ҷомеаи мо ба намоиш омада буд. Зеро мо ҳудуди 70 тақриз аз муассисаҳои илмӣ ва донишгоҳҳо (рочеъ ба муҳтавои ҳар боб то 3 тақриз) гирифтем. Он ҳам баъди ислоҳ ва таҳрир, ки ба ҳайси ҳамоҳангсози гурӯҳи таҳиягар анҷом додем. Ҳеҷ муқарризе ба масъалаи тарзи ҷаҳонбинӣ ва зикри масъалаҳои усулӣ дар китоб изҳори назар накард. Баръакс, муаллифонро дар баъзе маврид ба эҳёи дидгоҳи замони Шуравӣ дар нисбат ба масъала муттаҳам месохтанд. Бинобар ин, муаллифи муҳтарам вазъиятеро, ки дар таҳияи китобҳои дарсӣ, барномаи таълимӣ ва мушкилеро, ки дар ҷаҳонбинии муаллифон ҷой дорад, инчунин сабаб ва омилҳои вазъияти мавҷудро батафсил таҳлилу матраҳ намудаанд. Ба он чизе изофа намудан мушкил аст. Ҷойи баҳс ҳам надорад. Фақат бояд афзуд, аз нигоҳи осебшиносии маориф ё низоми омӯзишу парваришро ба ин вазъият “буҳрони бекифоятӣ” (incompetence crisis) метавон гуфт. Ин як амри табиист, бояд онро эътироф кард, осебшиносӣ намуд ва барои ислоҳи он ирода варзид. Ба қавли А. Эйнштейн, “бидуни буҳрон, озмоишҳои ҷиддӣ пушти сар намешаванд. Ва буҳрони аз ҳама воқеӣ буҳрони бесалоҳиятӣ аст” [4]. Бояд гуфт, ки ин фақат мушкили нависандагони китобҳои дарсӣ нест. Ин ба як мушкил барои идораи муассисаҳои маориф, донишгоҳҳо ва муассисаҳои илмӣ низ табдил шудааст. Яъне, мушкил ин ҷо умдатан мушкили адами кадрҳои шоиста, огоҳ ва бо иродаи миллист.

Муаллиф, зимни натиҷагирӣ аз пажӯҳиши худ рочеъ ба роҳҳои ҳалли масъала, аз ҷумла таъкид мекунад: “Дар ин раванд олимоне, ки ба навиштани китобҳои дарсӣ ҷалб карда

мешаванд, бояд на танҳо донишманди соҳибтачриба, дар байни аҳли илм эътирофгардида, ҳамзамон боҷасорат, худогоҳ, хештаншинос, ватанпараст, соҳибтадбири худшиносии миллат, руҳбахш, вассофи руҳи тоҷикият, хирадситой, масъул, афзояндаи ғурур ва ифтихори миллӣ бошанд" [6, 29]. Албатта, дуруст аст, вале бояд афзуд, ки хуб мебуд, онҳое низ, ки "ба ҷалби олимон барои навиштани китобҳои дарсӣ машғуланд", яъне масъулини соҳа ҳам донишманд, худогоҳ, хештаншинос ва хирадситою бо дарки амиқи миллӣ, ҷаҳонбинии илмӣ ва босалоҳияту бокифоят бошанд. Ин ҷо масъулият миёни муаллифон ва масъулин баробар тақсим аст, балки бори масъулият ва рисолати масъулон бештар аст.

Рӯйиҳамрафта, муҳимтар аз ҳама насли баъдӣ бояд ба таърихи халқи куҳанбунёди хеш бештару беҳтар шинос гардад ва чунон ки гуфтаанд: ҳадафи таърих маърифати инсон ба худ аст. Дар ин замина вақте мо перомуни асолати фарҳангӣ ва ҳувияти миллӣ сухан гуфта, насли наврасро дар ин масир тарбият менамоем ва худамон бояд дар мақоми шахсияти масъул, босалоҳияту фарҳангӣ қарор дошта бошем. Анҷоми муваффақонаи ин корҳо ба маҳорату малакаи педагогӣ ва сарварии бомасъулиятонаи роҳбарони муассисаҳои таълимӣ вобастагии қавӣ дорад.

Бинобар ин, роҳи берунрафт аз ваъзият шинохтан, ҷалб кардан ва эътимод намудан ба қишри боирода, соҳиби андешаи миллӣ, ҷаҳонбинии илмӣ, босалоҳияту бокифоят, шинохтан ва гумоштани онҳо ба идора ва роҳбари муассисаҳои маориф, барномаҳои таълимӣ ва илмӣ мебошад.

Он гоҳ метавонем ба тарбияи шоиста ва ба камол расонидани насли худогоҳ, миллиандеш, хирадгаро ва бокифояту босалоҳият, ки бақои давлати миллӣ ва ояндаи дурахшони миллатро тазмин намояд, умед бибандем ва дар татбиқи роҳнамоиҳои Паёми Пешвои муаззами миллат саҳм бигирем.

АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

1. Ахтарони адаб. Ҷилди 47. – Бозор Собир [Матн] . –Душанбе: Адиб, 2020. – 480 с.
2. Ахтарони адаб. Ҷилди 47. – Лоиқ Шералӣ [Матн] . –Душанбе: Адиб, 2020. – 480 с.
3. Иқбол М. Куллиёти форсӣ [Матн] / Муҳаммад Иқбол, — Исломобод, 1997.
4. Мерло-Понти М. В защиту философии. Эйнштейн и кризис разума / М. Мерло-Понти //дастрасӣ: https: //sci.house/filosofiya-osnovi-scibook/eynshteyn-krizis-razuma-18287.html. (20.01.23).
5. Толстой Л.Н. Цитаты М [Текст] / Лев Николаевич Толстой //дастрасӣ: https://socratify.net/quotes/lev-tolstoi. (20.01.23).
6. Ятимов С.С. Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад (андешаҳо перомуни Паёми Пешвои миллат) [Матн] / Ятимов // Илм ва ҷомеа, №1(31), 2023. – С.5-30.

ОСЕБШИНОСИИ МАКТАБИ МИЛЛИИ ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛ

Дар мақола андеша ва мулоҳизаҳои муаллиф роҷеъ ба моҳияти усулии масъалаҳои маориф ва мактаби миллӣ дар партави Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, саҳми Пешвои миллат дар бозсозии тафаккури миллӣ ва эҳёи андешаи давлатдории миллӣ, масъалаҳои идораи маорифи миллӣ, нақши таълиму тарбия ва китоби дарсӣ дар ташаккули зеҳният ва ҷаҳонбинии ҷомеа баён шудаанд.

Калидвожаҳо: Паём, шахсияти таърихсоз, хирад, мактаби миллӣ, осбешиносии мактаб, буҳрони бекифоятӣ, андешаи дунявӣ, мафкурасозӣ.

Маълумот дар бораи муаллиф: Давлатов Раҳматкарим Мирзокаримович – номзади илмҳои таърих, директори Маркази мероси хаттии АМИТ. Нишонӣ: 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Ш. Ҳусейнзода, 35.

Тел.: 2213202

ЗАДАЧИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ШКОЛЫ ЭПОХИ НЕЗАВИСИМОСТИ

В статье автор излагает свои размышления о приципе и сущности вопросов образования и национальной школы в свете Послания Президента Республики Таджикистан, вклада Лидера нации в реформирование национального мышления, возрождение идеи национального государства, вопросы управления образовательных учереждение и роль учебных пособий в формировании мировоззрения общества.

Ключевые слова: Послание, личность, мудрость, национальная школа, кризис некомпетентности, светская мысль, идео¬логия.

Свидения об авторе: Давлатов Рахматкарим Мирзокаримович - кандидат исторических наук, директор Центра письменного наледия национальной Академии наук Таджикистана. Адрес: 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул Хусейнзода, 35.

Тел.: 2213202.

OBJECTIVES OF THE NATIONAL SCHOOL OF THE INDEPENDENCE ERA

In the article, the author presents his thoughts on the principle and essence of the issues of education and the national school in the light of the Message of the President of the Republic of Tajikistan, the contribution of the Leader of the Nation to the reform of national thinking, the revival of the idea of a national state, the management of educational institutions and the role of teaching aids in shaping the worldview of society.

Key words: Message, personality, wisdom, national school, crisis of incompetence, secular thought, ideology.

Information about the author: Davlatov Rahmatkarim–candidate of historical sciences, Director of Center for Written Heritage of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: 734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, 35 Sh. Huseynzade Street

Tel.: 2213202.

ТДУ: 902.6: 737 (576.3))

ДУШАНБИНСКИЙ КЛАД АББАСИДСКИХ ДИРХАМОВ IX В.

Давлатходжа Д.[1] Шарифзода А.[2]

В 2011 г. старанием одного из авторов этой сататьии (Шарифзода А.) в фонд Национального музея Республики Таджикистана имени Камалиддина Бехзода поступил новый клад. Место находки клада была обследовано авторами. Клад был найден на окраине города Душанбе в селении Охток во дворе местного жителя при ритье колодца на глубине 2 м. Монеты находились в глинянном кувшинчике, рядом находилось множество обломков керамических сосудов. Отсюда можно заключить, что возможно здесь находилось средневековое поселение и клад был припрятан на его территории.

Клад состоит из 7 целых монет, 2 монет с обломанным краем и 514 мелких обломков общим весом 140 граммов. Определению подаются целые монеты и 17 обломков (Таблица 1). Остальные 497 обломков не возможно определить ввиду их мелкого размера. Следовательно о составе клада мы можем судить только по определенным монетам, которые составляют его незначительную часть. На некоторых обломках сохранились имена халифов и названия монетных дворов, отсутствующих на целых монетах. Отсюда можно заключить, что целые монеты не отражают полный состав клада и что многие обломки относятся к типам, не представленным в целых монетах.

Самим ранним в кладе является обломок сасанидской монеты, на котором сохранились крыля от короны царя. Среды мусульманских самыми ранными явяются дирхамы халифа ал-Муътасима (833-842). В кладе также представлены дирхамы халифов ал -Мутаваккиля (847—861) и ал-Муътамида (870—892). По количеству преобладают монеты халифа ал-Муътамида, представленные 7 целыми монетами и 3 обломками. Дирхамы двух других халифов представлены единицами - ал-Муътасима одной целой и двумя обломками, а ал – Мутаваккиля двумя фрагментами.

Надписи на целых монетах за исключением имени халифа, названия монетного двора и даты одинаковы. В центре на л.с. находится первая часть мусульманской религиозной формулы единобожия “Нет бога кроме Аллаха, он един, нет у него товарища”. Внутренняя круговая легенда содержит выпускные сведения, а внешняя- Коран, 30-3,4. В центре на о.с. находится вторая часть мусульманской религиозной формулы “Мухаммад посланник Аллаха” и имя халифа. Круговая легенда – Коран 33-9. Надписи на о.с. одного дирхама несколько отличаются от других дирхамов (Таблица 1, № 13). В поле вверху находятся слова! لا لله ، дословно означающие «не для бога». Эта ошибка резчика или непонятное религиозное выражение, пока трудно судить. Далее идёт обычная двухстрочная надпись «Мухаммад посланник Аллаха», в которой в слове رسول пропущена буква ل. Эти две строки распложены косо. Под ними находится слово необычного очертания, которое должно быть именем халифа, но не подходит к именам халифов, хронологически близких к времени клада, т.е. в IX в. К тому же оно не имеет артикля ال характерного для имен халифов. Возможно, это слово طايع ?, а под ней слово بالله В целом получается словосочетание طايع بالله. Следует отметить, что на этом дирхаме почерк на о.с. отличается от почерка на л.с., буквы более крупные и выполнены менее изящно. Этот дирхам чеканен в Мадинату-с-саламе, т.е. в городе Багдаде. Создается такое впечатление, что оборотная сторона чеканена штемпелем другого типа монет.

На одном мелком обломке внизу на о.с. находится имя Джаъфар, который, скорее всего, относится к Джафару ибн Яхя из рода Бармакидов, который был приближенным халифа

1. Довутов Давлатходжа (1950-2022) – доктор исторических наук, старший научный сотрудник Национального музея Таджикистана при Исполнительном аппарате Президента Республики Таджикистан,
2. Абдували Шарифзода – кандидат исторических наук, за-ведующий отделом истории науки и техники Института истории, археологии и этнографии им А. Дониша НАНТ.

Харун ал- Рашида (786-809 гг.). Еще на одном мелком обломке внизу на о.с. находится слово «Малик».

Название монетного двора сохранилось на 6 целых монетах и на 8 обломках – это Мадинату-с-салам [Багдад], Андароба, Балх. Преобладают монеты Мадинату-с-салам (7 экз.), на втором месте Андароба (6 экз.), а Балх представлен лишь одним экземпляром. При этом все монеты Андароба и монета Балха чеканены от имени халифа ал-Муътамида, монета Муътасима чеканена в Мадинату-с-саламе, а на обломках с названием этого монетного двора имя халифа не сохранилось.

Дата полностью сохранилась лишь на одном дирхаме, чеканенном в Балхе - это 263 / 876-877 г., а на монетах и обломках дата сохранилась частично – это Мадинату-с-салам 253?/867 г., Андараба)(2) 64/877-888, (26) 5/878-879, 260?/873-874 г. или 2…6? г. х.

Установить хронологические рамки клада затруднено ввиду того, что абсолютное большинство клада составляют мелкие фрагменты, на которых ни дата ни имена халифов или правителей не сохранились. Наличие одного фрагмента сасанидской монеты может свидетельствовать о том, что в кладе наверняка имеются обломки и омейядских дирхамов первой половины VIII в. По самой поздней датой на монетах ориентировочно верхней хронологической границей клада является 880 г. В любом случае верхняя хронологическая граница не должно выходить за пределы правления халифа ал – Муътамида, т.е. за пределы 892 г. Об этом же косвенно может свидетельствовать отсутствие в кладе саманидских дирхамов, чекан которых начался с 874 г.. а в конце этого и начале следующего века был достаточно обильным. Скорее всего, клад был зарыт в 880-х годах.

О весе дирхамов клада мы можем судить только по 7 целым экземплярам. Как известно, стандартный средний вес дирхама был 2,9 гр. Дирхамы Мадинату-с-салам и Балха весом по 3,0 гр. в целом соответствуют этому стандарту. Одна монета Мадинату-с-салама, обрезана по краям и весить 2,7 гр., следовательно, до обрезки ее вес тоже соответствовал стандарту. Особняком стоят дирхамы Андароба имеющие более высокий вес – 3,8, 4,5, 5,2 гр. Очевидно, что дирхамы Андароба чеканены по другому, возможно местному весовому стандарту.

Как выше было отмечено абсолютное большинство клада составляют мелкие обломки – 514 штук, а целых монет всего 7 экземпляров и 2 монеты с обломанными краями. Если считать штучно, то 98,2 % клада составляют мелкие обломки, и лишь 7,8 % целые монеты.

Если судить по весу, то мелкие обломки весят 140 гр, а целые 33 гр. Следовательно, по весу 80,9 % клада составляют мелкие обломки, а 19,1% целые монеты. В любом случае обломки составляют абсолютное большинство в кладе. Обломки разного веса – от 1,05 до 0,04 гр [Таблица 2], формы и размера, изготовлены путем разламывания. Обломки встречаются и в других кладах дирхамов IX-X вв,, найденных как в Средней Азии и Ближнем Востоке, так и в многочисленных кладах, обнаруженных в странах Восточной и Северной Европы. В 2015 г. в Таджикистане был найден крупный клад саманидских дирхамов, в составе которого имеются более сотни обломков [3]. Об обломках и их обращении на денежном рынке сообщают письменные источники. Существовали специальные термины для обозначения обломков - «дирами шикаста» на персидском языке и «дирхам ал- максура» на арабском. Появление обломков исследователи связывают с тем, что дирхамы обращались на вес.

Следует отметить, что в Таджикистане найдены и другие клады дирхамов с обломками. Так в 2015 г. в Шураабадском (ныне Шахинском) районе Кулябского региона был найден крупный клад, состоящий из1377 целых и 180 обломков саманидских дирхамов [4]. Душанбинский клад примечателен тем, что в нем обломки составляют абсолютное большинство. Таких кладов, т.е. с преобладанием обломков дирхамов много найдено в Европе [2] . Даже имеются клады, состоящие только из обломков, в том числе очень мелких. Например, один такой клад, состоящий из 278 мелких фрагментов, найден в Германии и хранится в Исследовательском центре исламской нумизматики Тюбингенского университета [FIN;7]. Другой клад состоящий из 878 фрагментов и одного целого куфического дирхама найден в Чехии [5]. В книге А. Маркова отмечены десятки кладов, в которых присутствует большое коли-

чество обломков. Появление обломков исследователи связывают с обращением дирхамов по весу. Известный немецкий специалист по исламской нумизматике Лутц Илиш по кладам куфических монет, найденных в Ираке и Сирии установил, что в кладах зарытых в землю в VIII – IX вв. нет обломков, они появляются в кладах около середины IX в., когда в монетных дворах халифата не придерживались стандартного веса дирхамов. Это привело к тому, что из за колебания веса дирхамы при платежах стали принимать по весу [6]. При этом разумеется, что расчетной единицей был дирхам весом 2,9 гр. Для подбора необходимого веса целые дирхамы разламывали на разные части. При платежах дирхамами по весу с обломками легче было производит расчеты. Поэтому целые дирхамы заранее разламывали на части, в том числе на очень мелкие. Следует отметить, что обломки были не только довесками к целым дирхамам, а также самостоятельно без участия целых дирхамов. применялись при платежах. Об этом свидетельствуют клады, состоящие только из обломков.

Известно, что розничную торговлю мелкими товарами повседневного спроса обслуживали медные монеты. Здесь возникает вопрос – могли ли обломки серебряных дирхамов наряду с медными монетами обращаться в качестве монет мелкого номинала. Теоретически они могли выполнять эту функцию, когда, например, стоимость товара был ниже одного целого дирхама, или в 1,5 дирхама и т.д. Нужно полагать, что в странах восточной и северной Европе, где не было медных монет, обломки дирхамов однозначно выполняли и функцию монет мелкого номинала. Обломки и в розничной торговле принимались по весу. Хотя для этого торговцы должны были иметь ювелирные весы. Находки весов и гирей в составе кладов куфических дирхамов известны для Европы IX-X вв. Но были ли весы настолько распространены, что каждый торговец мелкими розничными товарами владел ими, трудно судить.

Денежное обращение Средней Азии в трех первых столетиях после арабского завоевания и установления ислама можно разделить на несколько этапов. Первый этап охватывает с начала и до 60-х годов VIII в., второй этап с 60-х годов VIII в. до конца IX в., третий этап - конец IX -X вв. На первом этапе обращались омейдские и раннеаббасидские дирхамы, на втором этапе аббасидские дирхамы, в том числе местного среднеазиатского чекана, а на третьем саманидские. Душанбинский клад относится к концу второго этапа. Еще один клад абасидских дирхамов этого этапа был найден в соседнем с Душанбе Гисарском районе [1,100-101]. В Душанбинском кладе половину определенных дирхамов составляют эмиссии Андароба и Балха, что свидетельствует о возрастании роли местных выпусков в денежном обращении и о торгово- экономических связах Душанбинского и Гисарского владений с Балхом и Тохаристаном

Таблица 1

Душанбинский клад аббасидских дирхамов

1	2	3	4	5	6	7	8	
№	Л.с.	О.с.	Имя халифа	Монетный двор	Год чеканки, г.х.	Вес, гр.	Диаметр,мм.	
	Центральные надписи	Круговые надписи	Центральные надписи	Круговые надписи				
1	لا اله الا							
الله وحده								
لا شريک له								

	Частично стерты, внутренняя-выпускные сведе-ния, внешняя-Коран, 30-3,4	لله						
محمد								
رسول								
الله								
المعتصم بالله	Коран,							
33, 9	ал-Муъ-тасим	Ма-дина-ту-с-са-лам	253?	3,0				
2	لا اله الا							
الله وده								
لا شريک له								
محمد	Частично стерты, внутренняя-выпускные сведе-ния, внешняя-Коран, 30-3,4		لله					
محمد								
رسول								
الله								
المعتمد على الله	Коран,							
33, 9	ал-Муъ-тамид	Андаро-ба?	[2]64	3,8				
3	Как № 1, но							
без име-ни محمد	Как № 1	Как № 1	Как № 1	ал-Муъ-тамид	Андаро-ба	[26] 5	5,2	

4	Как № 2	Как № 1	Как № 1	Как № 1	ал-Муъ-тамид	Андаро-ба?	-	2,2
Фр.								
5	Как № 2	Как № 1, но сильно стёрто	Стёрто	Стёрто	Стёрто	Ан-дар[о-ба]?	Стёрто	2,0
Фр.								
6	Как № 2	Как № 1	Как № 1	Как № 1	ал-Муъ-там[ид]	Андаро-ба	260 или 2…6	4,5
Край обло-ман.								
7	Как № 2	Как № 1	Как № 1	Как № 1	ал-Муъ-тамид	Балх	263	3,0
8	Как № 2	Как № 1	Как № 1	Как № 1	ал-Муъ-тамид	Стёрто	Стёрто	4,2
9	Стёрто	Стёрто	Как № 1	Как № 1	ал-Муъ-[тамид]?	Стёрто	Стёрто	4,0
10	Как № 2, но двойной удар штем-пелем и сильно стёрто.	Как № 1	Как № 1, но					
двойной удар штемпе-лем.	Как № 1	ал-Муъ-[тамид]?	Стёрто	26[5]?	2,6			
Край обло-ман.								
11	Стёрто	Стёрто	Как № 1	Как № 1	[ал-Муът] амид	Стёрто	Стёрто	1,7
Фр.								
12	Как № 2?	Как № 1	Как № 1	Как № 1	-	[Мади] на-ту-с-са-лам	…8	0,9
Фр.								

13	Как № 2	Как № 1, но вторая внешняя кру-говая надпись не про-слежи-вается.	لا الله ! . محمد					
رسو الله !								
ط؟ع								
بالله	Без кру-го-вой на-дпи-си.	-	Ма-дина-ту-[с-са-лам]	2…	2,7			
Обре-зана по краю								
Мелкие фраг-менты								
14	Саса-нидская	Видны криля от короны царя.	-	-	-	-	-	0,41
15	-	-	-	-	[ал-Муът] асим	-	-	0,77
16	-	-	-	-	[ал-Муът] асим	-	-	0,36
17	-	-	-	-	[ал-Му-тава]кил	-	-	0,39
18	-	-	-	-	[ал-Му-тава]кил	-	-	0,29
19	-	-	-	-	ал-Муъ-тамид	-	-	0.73
20	-	-	Джаъ-ф[ар]	-	-	-	-	0,41
21	-	-	Малик ….	-	-	-	-	0,25
22	-	-	-	-	-	[М] адина-ту-с-са-лам	-	0,41

23	-	-	-	-	-	[Ма] дина-ту-[с-са-лам]	-	0,41
24	-	-	-	-	-	[Ма-дина-ту-с]-са-лам	-	0,32
25	-	-	-	-	-	Ма-дина-ту-[с-са-лам]	-	0,24
26	-	-	-	-	-	Анд[а-роба]?	-	0,32

Таблица 2

Душанбинский клад, вес обломков в граммах													
1,05	,53	0,43	0,38	0,34	0,31	0,29	0,26	0,23	0,20	0,19	0,17	0,15	0,12
1,03	0,53	0,41	0,37	0,34	0,31	0,29	0,26	0,23	0,20	0,19	0,17	0,15	0,12
0,91	0,53	0,41	0.37	0,34	0,31	0,29	0,26	0,23	0,20	0,18	0,17	0,14	0,12
0,89	0,52	0,41	0,37	0,34	0,31	0.28	0,26	0,23	0,20	0,18	0,17	0,14	0.12
0,82	0,51	0,41	0,37	0,34	0,31	0,28	0,26	0,23	0,20	0,18	0,17	0,14	0,12
0,77	0,49	0,41	0,37	0,33	0,31	0,28	0,25	0,23	0,20	0,18	0,16	0,14	0,12
0,77	0,49	0,41	0,37	0.33	0,30	0,28	0,25	0,23	0.20	0,18	0,16	0,14	0,12
0,72	0,49	0,41	0,37	0,33	0,30	0,28	0,25	0,23	0,20	0,18	0,16	0,14	0,11
0,70	0,49	0,41	0,37	0,33	0,30	0,27	0,25	0,23	0,20	0,18	0.16	0,14	0,11
0,68	0,49	0,41	0,37	0,33	0,30	0,27	0,25	0,23	0,20	0,18	0,16	0.14	0,11
0,68	0,49	0,41	0,37	0,33	0,30	0,27	0,25	0,23	0,20	0,18	0,16	0,14	0,11
0,66	0,48	0,41	0,37	0,33	0,30	0,27	0,25	0,23	0,20	0,18	0,16	0,14	0,11
0,66	0,47	0,41	0,37	0,33	0,30	0,27	0,25	0,23	0.20	0,18	0,16	0,14	0,11
0,65	0,47	0,41	0,37	0,33	0,30	0,27	0,25	0,23	0,20	0,18	0,16	0.14	0,10
0,65	0,46	0,40	0,36	0.32	0,30	0,27	0,25	0,23	0,20	0,18	0,16	0.13	0,10
0,64	0,46	0,40	0.36	0,32	0,30	0,27	0,25	0,22	0,20	0,18	0,16	0,13	0,10
0,64	0,46	0,40	0,36	0,32	0,30	0,27	0,25	0,22	0,20	0,18	0,16	0,13	0,09
0,63	0,46	0,40	0,36	0,32	0,30	0,27	0,25	0.22	0,20	0,18	0,16	0,13	0,09
0,63	0,46	0,40	0,36	0,32	0.30	0,27	0,25	0,22	0,20	0,18	0,15	0,13	0,08
0,62	0,46	0,40	0,36	0,32	0,30	0,27	0,25	0,21	0,20	0,18	0,15	0,13	0,08
0,62	0,46	0,40	0,36	0,32	0,30	0,27	0,24	0,21	0,20	0,18	0,15	0,13	0,08
0,61	0,46	0,40	0,36	0,32	0,30	0,27	0,24	0,21	0,19	0,18	0,15	0.13	0,08
0,60	0,45	0,39	0,36	0,32	0,29	0,27	0,24	0,21	0,19	0,18	0,15	0,13	0,08
0,58	0,45	0,39	0,36	0,32	0,29	0,26	0,24	0,21	0.19	0.18	0,15	0,13	0,08
0,57	0,44	0,39	0,35	0,32	0,29	0,26	0,24	0,21	0,19	0,18	0,15	0,13	0,07
0,57	0,44	0,39	0,35	0,32	0,29	0,26	0,24	0.21	0,19	0,18	0,15	0,13	0,07
0,56	0,44	0,39	0,35	0,32	0,29	0,26	0,24	0,21	0,19	0,18	0,15	0,13	0,06
0,56	0,44	0.39	0,35	0,32	0,29	0,26	0,24	0,21	0.19	0,18	0,15	0,12	0.04
0,56	0,44	0,38	0.34	0,31	0,29	0,26	0.24	0.20	0,19	0,18	0,15	0,12	0,04
0,54	0,44	0,38	0,34	0,31	0,29	0,26	0,24	0,20	0,19	0,17	0,15	0,12	
0,54	0,43	0,38	0,34	0,31	0,29	0,26	0,24	0,20	0.19	0,17	0,15	0,12	

Фото 1. Душанбинский клад, номера фотографии монет соответствуют номерам в Таблице 1

Фото 2. Душанбинский клад



Фото 3. Клад мелких фрагментов саманидских дирхамов, найденный в Германии, хранится в Исследовательском центре исламской нумизматики Тюбингенского университета [FIN].

ИСПОЛЬЗОВАННЫЕ ЛИТЕРАТУРЫ

1. Довуди Д. Монетные клады Таджикистана [Текст] / Д. Довуди . – Душанбе: Дониш, 2009. – С. 100-101.
2. Марков А. Топография кладов восточных монет[Текст] / А. Макаров . – Санкт -Петербург, 1910.
3. Шарифзода А. Ганҷинаи Кӯлоб (Дирҳамҳои сомонӣ) [Матн] / Абдувалӣ Шарифзода. – Душанбе, 2019 – 648 с.
4. Шарифзода А. Новый монетный двор Саманидов[Текст] / Абдували Шарифзода // Сообщение Национального музея Таджикистана, № 2, 2017. – С. 176.
5. Vlastimil Novak. The Kelc Hoard revised: Fragments of Islamic Silver Coins.– Prague, 2010.
6 Lutz Ilisch. Whole and fragmented dirhams in Near Eastern Hoards // Commentationes de nummis saeculorum IX-XI. In Suecia repertis Nova Series 6.. Sigtuna Papers. Stockholm . – London 1990, p. 121-128.
7. Jarmila Stepkova. Islamske stribvo v nalezu z reetzova na usedomu [NDR]. – Praha, 1962.

ДУШАНБИНСКИЙ КЛАД АББАСИДСКИХ ДИРХАМОВ IX В.

Данная статья посвящена исследованию аббасидского клада. Этот клад был обнаружен в 2011 году в селе Охток в северо-восточной части города Душанбе при раскопки яме, и в том же году он поступил в фонд Национального музея Республики Таджикистан имени Камолиддина Бехзода. Авторы назвали его «Душанбинский клад» и в ходе исследования определили, что этот клад состоит из 514 ломанных дирхамов, 7 целых дирхамов и два дирхама с обломанными краями. Общий вес ломанных дирхамов составляет 140 граммов, а целых дирхамов – 33 грамма.

Из-за очень малого размера ломанных дирхамов невозможно расшифровать надписи и определить год чеканки и их монетный двор. За исключением одного ломанного сасанидского драхма, все дирхамы и ломанные дирхамы относятся к эпохи аббасидских халифов аль-Муътасима (833–842), аль-Мутаваккиля (847–861) и аль-Муътамида. (870-892). Целые дирхамы чеканились на монетных дворах Мадинату-с-салам (Багдад), Андароба и Балх. Вес дирхамов разный. Ломанные дирхамы свидетельствуют о том, что они в денежном обращении использовались не штучно, а по весам. Душанбинский клад является важным историческим источником и свидетельствует о развитии денежных обращений и торговых отношений города Душанбе в IX веке.

Ключевые слова: Душанбинский клад, аббасидские дирхамы, ломанные дирхамы, IX век, Охток, Душанбе, Балх, Мадинату-с-салам, Андароба, Национальный музей Таджикистана

Сведения об авторов: Довутов Давлатходжа (1950-2022) – доктор исторических наук, старший научный сотрудник Национального музея Таджикистана при Исполнительном аппарате Президента Республики Таджикистан, Абдували Шарифзода – кандидат исторических наук, за-ведующий отделом истории науки и техники Института истории, археологии и этнографии им А. Дониша НАНТ.
Тел: 900-55-75-75 **E-mail:** abduvali05@mail.ru

ГАНҶИНАИ ДИРҲАМҲОИ АББОСИИ АСРИ IX АЗ ШАҲРИ ДУШАНБЕ

Мақолаи мазкур ба таҳқиқи ганҷинаи аббосӣ бахшида шудааст. Ин ганҷина соли 2011 аз деҳаи Охтоқ, ки дар қисми шимолӣ-шарқии шаҳри Душанбе ҷойгир аст, ҳангоми кандани чуқурӣ кашф шуда, ҳамон сол ба фонди Осорхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба

номи Камолиддин Беҳзод ворид мегардад. Муаллифон онро “Ганҷинаи Душанбе” номида, дар рафти таҳқиқ муайян намуданд, ки ганҷинаи мазкур аз 514 дирҳампора, 7 дирҳам ва ду дирҳами охири ҳошияшон шикаста иборат мебошад. Вазни умумии дирҳампораҳо 140 грамм ва дирҳамҳо 33 грамро ташкил медиҳад.

Бо сабаби хеле хурд будани дирҳампораҳо аниқ намудани соли зарб ва зарробхонаи онҳо ғайриимкон аст. Ба истиснои як пораи хурди драхмаи сосонӣ ҳамаи дирҳам ва дирҳампораҳои он ба замони халифаҳои аббосӣ ал-Муътасим (833-842), ал-Мутаваккил (847-861) ва ал-Муътамид (870-892) мансуб мебошанд. Дар дирҳамҳои бутун дар зарробхонаҳои Мадинату-с-салом (Бағдод), Андароба ва Балх зарб шудаанд. Вазни дирҳамҳо гуногун мебошад. Дирампораҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки онҳо дар муомилоти пулӣ ба таври вазнбайъ истифода мешуданд. “Ганҷинаи Душанбе” сарчашмаи муҳимми таърихӣ буда, далели рушди муомилоти пулӣ ва муносибатҳои тиҷоратии шаҳри Душанбе дар асри IX мебошад.

Калидвожаҳо: Ганҷинаи Душанбе, дирҳамҳои аббосӣ, дирҳамҳои шикаста, асри IX, Охтоқ, Балх, Мадинату-с-салом, Андароба, Осорхонаи миллии Тоҷикистон.

Маълумот дар бораи муаллифон: Довутов Давлатхоҷа (1950-2022), доктори илмҳои таърих – корманди калони илмии Осорхонаи миллии Тоҷикистон назди Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Абдувалӣ Шарифзода, номзади илмҳо таърих – мудири шуъбаи таърихи илм ва техникаи Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ, 7340025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудаки, 33.

Тел.: 900-55-75-75 **E-mail:** abduvali05@mail. ru

DUSHANBE TREASURE OF ABBASID DIRHAMS OF THE IX CENTURY

This article is devoted to the study of the Abbasid treasure. This treasure was discovered in 2011 in the village of Okhtok in northen-easten during the excavation of a pit, and in the same year it entered on fond of the National museum of the Republic of Tajikistan named after Kamoliddin Behzod. The authors called it the "Dushanbe Treasure" and during the study determined that this treasure consists of 514 broken dirhams, 7 whole dirhams and two dirhams with broken edges. The total weight of broken dirhams is 140 grams, and dirhams - 33 grams.

Due to the very small size of broken dirhams, it is impossible to clarify the inscriptions and determine the year of minting and their mint. With the exception of one broken Sasanian dirham, all dirhams and broken dirhams belonging to the era of the Abbasid's caliphas al-Mu'tasim (833-842), al-Mutawakkil (847-861) and al-Mu'tamid. (870-892). Whole dirhams were minted at the mints of Madinatu-s-salom (Baghdod), Andaroba and Balkh. The weight of dirhams is different. Broken dirhams testify that they were used in monetary circulation not by piece, but by weight. The Dushanbe treasure is an important historical source and reason to the development of monetary circulation and trade relations in the Dushanbe city in the 9th century.

The article tells about the recently discovered Almasi site, where stone inscriptions of the Kushan period, a large stone structure and a cemetery of stone grave mounds were found. It discusses similar sites that were discovered and investigated earlier, as well as materials available in literature and sources. The opinions of scientists who has studied this site are also presented. This site has not yet been excavated. Only reconnaissance work and copying of stone inscriptions have been carried out. This site is expected to be excavated and explored this summer. The information and materials presented in this article are useful for research and in order to come to the correct scientific conclusion about the purpose and purpose of this structure, to which peoples and tribes these graves belong and to what time they belong.

Keywords: Kushan scripts, Almasi site, "unknown script", Bactrian script, paradise, corral, terrace, stone mounds.

Information about the author: Bobomulloev M. G., head specialist of the department of archeology and numismatics of the National Museum of Tajikistan, Dushanbe, Tajikistan.

Tel.: (+992) 935335091 **E-mail:** b.muhsin@mail.ru

ТДУ: 811.21/22-56:891.550

ЗАБОНШИНОСӢ

ЭТНОНИМИ “ТОҶИК” ВА ЗАБОНИ БОХТАРӢ

Назарзода С.[1]

Сарзамини Бохтар, ки гаҳвораи тамаддуни ориёӣ шуморида мешавад, аз нуқтаи назари забоншиносӣ мавриди пажӯҳиши амиқ қарор нагирифтааст. Аз забони бохтарии давраи бостонии рушди забонҳои эронӣ иттилооти мушаххас дар даст нест. Бархе аз донишмандони аврупоӣ забони авестоиро бархоста аз ин сарзамин медонанд. Муҳаққиқони муътабари забони авестоӣ П. Тедеско ва А. Мейе ин забонро ба гурӯҳи шимоли ғарбии эронӣ дохил намуда [18, 255; 6, 123], дар аввал номи ин забонро бо номи забони бохтарии қадим муаррифӣ кардаанд [6, 133]. Зеро аз назари аксарияти авестошиносон бахшҳои аввали он дар Бохтар пайдо шуда, баъдан ба Мод ва марказҳои дигари тамаддуни ориёӣ паҳн шудааст [6, 131]. Забони бохтарии миёна, ки бо номҳои тахорӣ ва балхӣ низ маъруф аст, хеле камомӯхта мебошад. Аз рӯи маълумоти пажӯҳишгарони таъриху фарҳанги мардуми Бохтар ва забони бохтарӣ 50-60 сол пеш дар бораи забони бохтарии миёна ба ғайр аз чанд маълумот болои сиккаҳо оид ба шоҳони Кӯшон ва ҷонишинони онҳо амалан ҳеҷ иттилои дигаре вуҷуд надошт. Тангаҳои кӯшонӣ навиштаҳои шакли мураббаъ дошта, бо алифбои юнонӣ ва бо тақлид ба шакли сангнавиштаҳои бохтарӣ сикка зада шуда буданд. Бозхонии ин навиштаҳо чандон душвор набуд, вале дар онҳо фақат ном ва унвонҳои ифтихории шоҳон ва номи Худоён дарҷ ёфта буданд. Тангаҳои ҳукмронҳои баъдии Бохтар сиккаҳои Сосонӣ-Кӯшонӣ, Кидориҳо ё Кӯшониёни сағир, ҳайтолиҳо ва туркҳо хатти шикаста дошта, бозхонии онҳо хеле душвор буд. Инчунин якчанд порчаи дастхат бо хатти шикаста вуҷуд дошт, ки бо сабаби камшуморӣ ва яклухт набудани онҳо бозхонии дақиқ ва дурусти ин матнҳоро душвор мекард. Таҳқиқи аломатҳои ҳарфии сиккаҳои шоҳони кӯшонӣ ва ҳайтолӣ имкон медиҳад, ки густариши алифбои юнониасоси бохтариро аз шакли навиштории сангнавиштаҳо то хатти шикастаи болои сиккаҳои ҳайтолиҳо ва хаттнавиштаҳои ёфтшуда аз Лоу-Лан (Чин) мавриди баррасӣ қарор диҳем. Рӯҳонӣ ва сайёҳи чинӣ Сюан Сзан дар нимаи аввали асри VII аз сарзаминҳои болооби рӯди Омӯ дидан карда, иттилоъ медиҳад, ки алифбои мардуми Ту-ху-ло (Тохаристон) аз алифбо ва хатти мардуми Су-ли (Суғд) ба куллӣ фарқ дошта, аз 25 ҳарф иборат аст. Самти навишти ин алифбо амудӣ буда, аз чап ба рост навишта мешавад. Тасвири алифбо ва хатти тохарӣ аз тарафи Сюан Сзан ин нуктаро собит месозад, ки ҳанӯз дар асри VII-и солшумории мо дар Тахористон алифбои юнонии мутобиқшуда ба забонҳои эронӣ истифода мегардид. Ин алифбо аз 25 ҳарф, бо иловаи як ҳарфи хоси овози бохтарии "ш", ки бо ҳарфи юнонии ипсилон ифода мегардид, иборат буд. Ин аломат ҳарфи сан буда, аз алифбои юнонӣ дар асри VI пеш аз мелод бароварда шуда буд, вале маълум мегардад, ки барои дабирону котибон ҳамчун рақам дар адабиёт оид ба мусиқӣ ва инчунин дар доғгузории аспҳо ошно будааст. Ҳамин тариқ, масъала сари илова кардани аломати нав дар алифбои юнонӣ нест (гоҳо дар ин бора низ дар пажӯҳишҳо оид ба забони бохтарӣ сухан меравад), балки сухан дар бораи барқарор кардани аломате меравад, ки пештар аз алифбои юнонӣ бароварда шуда буд. Самти навишти ин хат аз чап ба рост низ аз алифбои юнонӣ гирифтани алифбои бохтариро нишон медиҳад. Алифбои оромиасоси суғдӣ самти баръакс дошта, аз рост ба чап навишта мешуд ва бо як силсила вижагиҳо аз алифбои бохтарӣ фарқ мекард, ки ин рӯҳонии чинии мушоҳидакор ҳангоми таъкиди фарқиятҳо байни алифбои суғдӣ ва бохтарӣ онҳоро дар назар дошт. Аз рӯи осори мавҷудбуда ва иттилооти Сюан Сзан тахмин кардан мумкин аст, ки ин алифбо ва хатти тахорӣ то асри VIII мелодӣ (ҳатто дар Тахористон дар асрҳои баъдӣ) дар сарзамини Бохтар бо шумули Хутталон, водии Ҳисор,

1. Назарзода Сайфиддин – аъзои вобастаи АМИТ, доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири шуъбаи лексикографмя ва терминологияи Институти забон ва адабиёти ба носит Рӯдакии АМИТ.

Помири ғарбӣ (Шуғнон ва ғайра), вилояти Бомиён (шимоли Афғонистон) ва ҳоказо то ҳудуди Систон мавриди истифода будааст. Тибқи иттилооти Симс-Вилямс, пажӯҳишгари забони бохтарӣ, аксарияти навиштаҳо ба забони бохтарӣ баъд аз ёфт шудани сангнавиштаи Сурхкутал пайдо гардид. Вале, мутаассифона, ба гуфтаи ӯ аксари онҳо порча-порча ва дар ҳолати нохуб боқӣ мондаанд. Ба ҳар ҳол бозёфти тасодуфии сангнавиштаи наве дар шаҳраки Работак, каме дуртар аз Сурх- Кӯтали вилояти Самангон аҳаммияти усулӣ ва таърихӣ дошт. Сангнавиштаи Работак, ки ба ҳодисаҳои соли аввали ба тахт нишастани Канишка иртибот дорад, аз лиҳози услуб ба таври хеле аҷиб ба сангнавиштаи Беҳистуни Дориюши Кабир монандӣ дорад. Дар сатрҳои аввали сангнавиштаи Канишка ҳамчун «Наҷотбахши бузург Канишкаи кӯшонӣ, Худо Ҳокими мутлақ (сатри 2), Сазовори парастиш, Додрас, Одил, ки шоҳиро аз Нана ва ҷомеи Худоён гирифтааст, ба соли якуми (сатри 3) [ҳукмронии [худ] чун худоҳо розӣ буданд, шуруъ намуд ва он маншури [худро] ба юнонӣ бароварда [ва] баъд онро ба забони ориёӣ гардонид» [3, 10]. Маводи сиккашиносӣ нишон медиҳад, ки ин ҳодиса дар соли аввали тоҷгузории Канишка сурат гирифта, онро метавон оғози соли аввали ҳукмронии ӯ қаламдод намуд.

Кашфи ин сарчашмаи муҳимми таърихӣ барои пажӯҳиши муассири забони бохтарӣ аҳаммияти калоне дошт, вале бозёфтҳои нав, ки дар 4-5 соли охир пайдо гардид, дар пажӯҳиши забони бохтарӣ марҳилаи нав ҳисоб мешавад. Дар натиҷа, танҳо феҳристи санадҳои боқимонда аз забони бохтарӣ зиёда аз 100 дастхатро ташкил дода, аксарияти онҳо дар шаҳри Лондон дар феҳристи шахсии осори бохтарӣ, ки ба доктор Давид Халилӣ тааллуқ дорад, нигаҳдорӣ мешаванд. Аксарияти онҳо аз як маҳал пайдо гардидаанд. Ба ҷуз аз санаду номаҳо гурӯҳи муҳимми дигарро ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ, ки қарордодҳо, шартномаҳои фурӯш ва иҷораи замин, замонатномаҳо, санадҳо оид ба туҳфа ё озод карданро дар бар мегирад, ташкил медиҳад. Бар хилофи номаҳо ҳамаи ин ҳуҷҷатҳо санаи таҳия доранд. Аз рӯйи маълумоти Симс Вилямс дар соли 1996 зиёда аз 20 ҳуҷҷат барои ӯ маълум буд, ки санаи таҳияи онҳо байни солҳои 110 то 549 солшумории кӯшонӣ, ки баробар ба 342-781 мелодӣ мебошад (агар оғози солшумории кӯшониҳо соли 233 мелодӣ гирифта шавад). Ин марҳилаи таърихӣ даврaҳои Хионихо (Кӯшониҳо), Кидориҳо (Кӯшониёни сағир), Ҳайтолиҳо ва туркҳо, инчунин оғози давраи исломиро фаро мегирад [8, 3].

Ба ҳамагон маълум аст, ки бо омадани таҳориён ба минтақаи Бохтар номи ин сарзамин дигар шуд ва минбаъд Тахористон ба ҷойи Бохтар истифода гардид ва забони ин минтақа ҳам дар баробари истифодаи номи бохтарӣ ё кӯшонӣ забони тахорӣ номгузорӣ шуд, ки баъдан ба ақидаи баъзе муҳаққиқон [12, 140] ҳам вожаи «тоҷик» ва ҳам вожаи «дарӣ» аз ҳамин калима маншаъ гирифтаанд, ки минбаъд мавриди баррасӣ қарор хоҳад гирифт. Акнун, дар натиҷаи пажӯҳиши сарчашмаҳои тоисломӣ, ки бо забонҳои бохтарӣ, портӣ ва суғдӣ пайдо шудаанд, мо метавонем сари масъалаи пайдоиши вожаи «тоҷик» бештар равшанӣ андозем. Ин сарчашмаҳо аз тарафи донишманди олмонӣ Ҳелмут Ҳумбох ва Ғулом Ҷелонии Доварӣ аз нав бозхонӣ шудаанд, ки дастоварди ахири забоншиносии эронӣ оид ба ин мавзуъ мебошад. Ин сарчашмаҳои муҳим деворнавиштаи Яковланг ба забони бохтарӣ дар вилояти Бомиёни Афғонистон, сиккаҳои як шоҳ бо номи «Қайсари Рум – шоҳи тоҷикон» ба забони бохтарӣ ва матни якчанд ҳуҷҷат аз феҳристи «Ҳуҷҷатҳои бохтарӣ»-и Симс-Вилямс мебошанд.

1. Сангнавиштаи Яковланг. Ин сангнавиштаи бохтарӣ ба рӯйи як оҳаксанги бо андозаи 25х33 см. ҳаккокӣ шуда, 13 сатр дорад. Қисмати калони сатри аввал (ки таърихи сангнавишта ҳам шомили он аст) ва қисмате аз сатри дувум бар асари ҷудо кардани сангнавишта аз девори маъбад зарар дида, нохоно шудааст. Симс-Вилямс таърихи тадвини ин сангнавиштаро соли 492 таърихи бохтарӣ (724 милодӣ) медонад. Ҳарфҳои ин соли бохтарӣ ба ақидаи вай иборатанд аз: BQY=400+90+2. Вай соли бохтариро бо ин далел чунин хондааст, ки боварӣ дошт, зикри номи қавми тоҷик, ки дар сатри чаҳоруми сангнавишта зикр шудааст, иборат аз номи «тозӣ», яъне араб мебошад. Ба ақидаи вай таърихи тадвини сангнавишта дар соли 724 милодӣ баробар бо ҳуҷуми арабҳо ба Хуросон аст. Хониши Ғулом Ҷелонии

Доварӣ на танҳо аз рӯйи аксҳо, балки бо истифода аз таҷҳизоти лабораторияи хатшиносӣ ва осебшиносӣ, ки дар ҷусторҳои чиноӣ истифода мешавад, сурат гирифтааст.

Натиҷаи ин баррасӣ нишон медиҳад, ки ин таърихро бояд соли 392 тақвими бохтарӣ (624 милодӣ) хонд, яъне адади аввали сангнавишта Т=300 мебошад. Пас мо бо ин хониш дар охири давраи сосонӣ, яъне дар замони инқирози давлати Сосониён қарор мегирем, ки Эрон, аз як тараф бо императории Руми шарқӣ дар ғарбӣ ва, аз ҷониби дигар, бо давлати туркон дар Шарқ, ки машғули ҷангҳои хунин буд ва бар асари ин набардҳо хеле заиф гардида буд.

Дар оғози сатри чаҳоруми сангнабишта номи ду қавм зикр мешавад. Симс Вилямс номи қавми аввалро **Дурку** (Dorko) мехонад (яъне ҳарфи аввалро дол мехонад) ва дар ин бора тавзеҳоти муфассал низ пешниҳод мекунад. Тавре вонамуд мекунад, ки дар он замон бино ба асноди Осиёи Миёна ба турк дурку мегуфтанд. Номи қавми дувум яъне **tazigo**–ро тозик ба маънои тозӣ=араб тарҷума мекунад, ки иштибоҳ аст. Таҳқиқоти лабораторӣ, ки аз тарафи Ғулом Ҷелонии Доварӣ сурат гирифт, ба равшанӣ нишон медиҳад, ки ҳарфи аввали калима дар қисмати поинӣ комилан баста набуда, балки каме боз аст, яъне ҳарфи аввал аз назари расмулхати бохтарӣ «т» аст, на ҳарфи «дол». Илова бар он ҳарфи аввали калима аз ҳарфи баъдӣ бузургтар аст ва ба ҳарфи аввали номи **tazigo** шабоҳат дорад. Бо ин тартиб хониши дурусти ин калима иборат аз Torko «қавми турк» аст, ки мантиқан хониши дуруст барои ин қавм мебошад. Пас тарҷумаи дурусти ин ҷумла дар сатри чаҳорум аст: **«kaldo torko xaro (o)do tazigo xaro stado. Вақте ки ман подшоҳи турк ва подшоҳи тозик (=тоҷик) шудам» [3]**.

Аз ҷониби дигар зикри номи як подшоҳи араб (Tazigo Xaro) наметавонад ҳеҷ гуна иртиботе бо маъбади буддоӣ дошта бошад. Чӣ гуна як ҳукмрони араб ва мусулмоне ҳозир шудааст, ки дар маросими ифтитоҳи як маъбади буддоӣ ширкат кунад ва ё чӣ тавр шуда метавонад, ки араб дар он ҷо подшоҳ бошад. Мо дар шарқ дар оғози ҳуҷуми араб бо фармондеҳони низомӣ сару кор доштем ва арабҳо дар он замон хилофат доштанд, на шоҳигарӣ. Давраи ҳуҷуми арабҳо дар шарқи Эрон як давраи хунин буд. Арабҳо ба унвони истилогарон ва таблиғкунандагони як дини нав вориди сарзамини Хуросон шуданд. Ҳадаф ва мақсади онҳо паҳн кардани дини ислом ва нобуд сохтани динҳои дигар буд, ки бо хунрезӣ ва нобуд кардани фарҳанги мардумони ин сарзамин ҳамроҳ буд.

Бинобар он, ба таври куллӣ таъбири тозик Tazigo ба ҳайси араб ва санагузории сангнавиштаҳо бо соли 492 бохтарӣ (724 милодӣ) аз тарафи Симс-Вилямс ба назар дуруст намерасад. Агар фарзан қабул кунем, ки ин таърих дуруст аст, боз ҳам дар он замон дар минтақаи Бомиён арабҳо ҳанӯз вуҷуд надоштанд. Дар он вақт дар шимоли Ҳиндукуш хонаводаи салтанатии Тегиншоҳиён ҳукмфармоӣ мекард. Дар минтақаи Бомиён хонаводаи салтанатии дигаре бо номи Шер (таваҷҷуҳ шавад ба унвони «Шери Хатлон ва Бомиён» дар ин давра) ва дар минтақаи ҳамҷавори он, яъне дар Ғур хонаводаи дигари шоҳӣ салтанат мекард, ки лақаби худро шор меномиданд. Хеле баъдтар, яъне дар замони халифаи Аббосӣ Мансур (753-774 мелодӣ) шери Бомиён ба дини ислом гаройид. Ғулом Ҷелонии Доварӣ баъд аз хониши комили ин матн мегӯяд: «Ба ақидаи ман калимаи Tazigo дар сангнавиштаи бохтарӣ ҳеҷ чизи дигаре наметавонад бошад, ғайр аз номи қавми тоҷик, қавме, ки дар сарзамини Хуросони бостон (Афғонистони имрӯза) ва Осиёи Миёна маскангузин буданд. Аз рӯйи ин дарёфтҳои тоза метавон акнун қисмати фавқонии сангнавиштаи Яковлангро ин тавр тарҷума кард: «Дар соли 392 (624 милодӣ) моҳи сабул буд, ки обод шуд бунёди ин ступа (маъбади буддоӣ) аз тарафи ман Алхис – писари Харос Хидеви Газон аз Роғи Замангон, вақте ки ман подшоҳи турк ва подшоҳи тозиг (тоҷик) шудам» [3, 54].

2. Этноними тоҷик дар ҳуҷҷатҳои бохтарӣ. Номҳои тоҷику арабу турк дар санаду ҳуҷҷатҳои дигари бохтарӣ, ки акнун кашф шуда ва аз тарафи Симс Вилямс хонда ва чоп шудаанд, омадаанд. [16, 127; 131,133]. Аммо дар ин маврид ҳам Симс Вилямс иштибоҳ карда номи тозикро ба «араб» таъбир мекунад. Боз ҳам ба қавли Ғулом Ҷелонии Доварӣ, аз ҳамин аснод низ метавон номи тозик ва тозӣ (=араб)-ро возеҳан аз ҳамдигар фарқ кард, ки

Симс Вилямс ба он мутаваҷҷеҳ нашудааст. Ғулом Ҷелонии Доварӣ барои исботи фикри худ чунин намунаҳоро аз ҳуҷҷатҳои бохтарӣ пешниҳод мекунад:

1. Ба маънои мардуми тоҷик. Alo rōbigo odo alo bamoianigo alo torko alo tazigo alo ōdagosigo alo andaro uarso kiso «ҳамчунон рубӣ (яъне мардуми руй дар шимоли Афғонистон) ҳамчунон бомиёнӣ, ҳамчунон турк, ҳамчунон тозиг, ҳамчунон мардуми бумӣ ва касони дигар. (Санади ВВ с. 131 сатри 25) Ё «Ҳеҷ кас набояд (чизеро) нигаҳ дошт ва ё мутолиба кард ва ё зӯрманд шуд ва ҳақ ҳам надорад, на рубӣ (яъне мардуми Руи имрӯз) ва на бомиёнӣ (мардуми Бомиён), на турк, на тозиг, на бумиён (мардуми бумӣ) ва на ҳеҷ каси дигаре…» (Санади ВВ, с. сатрҳои 20-21). Дар «Асноди бохтарӣ»-и Симс Вилямс, ки соли 2000 дар як ҷилд чоп шудааст, боз як матн пешниҳод мешавад, ки тарҷумаи он чуни наст: «Умед аст, ки мардуми Бомиён, турк, тоҷик ва маҳал… розӣ бошанд». Ин санад дар бораи фурӯши замин аст, ки соли 525 бохтарӣ баробар ба 758 милодӣ таҳия шудааст. Дар ин ҷо ҳам муҳаққиқи олмонӣ вожаи «тоҷик»-ро ба маънои «араб» тафсир кардааст, ки тавре аз намунаҳои боло мушоҳида кардем, ба ҳақиқат дуруст намеояд.

2. Ба маънои араб. Storgo taziiaggo gazito odo barito lado «Бояд ҷизяи бузург ва бароати тозӣ (=арабӣ) пардохт шавад» (Санади ВВ, с.127, сатри 6). Ё «Пас, моро дар хона дигар чунин тавони молӣ набуд, ки бо он (мо) ҷизяю бароати арабиро тавонист пардохт. (Санади ВВ, с. 127, сатрҳои 6-7).

Дар асоси ин ҳуҷҷату санадҳои нав метавон ҳоло номи ҳар ду қавми тоҷику тозӣ (араб)-ро ба сурати нависторӣ ва гуфторӣ возеҳу равшан аз ҳамдигар чунин ҷудо кард:

1. Tazigo = Тозик (ручуъ шавад ба калимаи портӣ-суғдӣ = тожик) яъне номи қавми тоҷик;

2. Taziio=тозӣ (ки дар матни аснод ба сурати сифати taziiaggo=тозиянг омадааст), яъне араб.

Пас метавон чунин хулоса кард, ки шабоҳат ва монандии шаклии номи ин ду қавм ва омехта кардани онҳо бо ҳамдигар дар матнҳои осори адабӣ – таърихии давраи исломӣ ба матнҳои осори бохтарӣ ва форсии миёна (ручуъ шавад, масалан ба Бундаҳишн), ки дар он номи ин ду қавм тавре ки мебинем, хеле бо ҳам наздик будаанд, бармегардад. Дар ин матн як калимаи дигар ҳам ба ду шакли мухталиф мисли tazauo ва tazago (ки аз назари забонӣ шакли аввалӣ «бостонӣ» ва шакли дувумӣ «нав» аст) зикр мешавад, ки Симс Вилямс инро ҳам иштибоҳан «араб» тарҷума мекунад. Аммо маънои ин калимаи бохтарӣ «тоза» мебошад. Яъне «draxmo /tazago simiggo» ба маънои «дирҳами тозаи симин (нукрагӣ)» аст. [2] (Санадҳои В (с.739), с. 117 сатри 10, В, с. 129, сатрҳои 9-10, ВВ, с. 135 сатри 31). Тавре ин мисолу намунаҳо нишон медиҳанд, дар санаду ҳуҷҷатҳо ва тангаҳои навпайдошуда ба забони бохтарӣ вожаҳои «тоҷик», ҳамчун этноним, «тозӣ» дар шакли ҷамъ ва сифат ба маънои «араб» ва «арабӣ» ва инчунин вожаи «тоза» дар шакли «тозаго» ба маънои «пок» аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Тавре пажӯҳишгарон қайд мекунанд, ин вожа ҳамчун сифат ба маънои «зӯр, ҷасур, диловар» аз рӯйи решашиносӣ ба ҳамин вожа иртибот дорад. Бо гузашти замон овози «ч» ба «з» табдил ёфта, пасвандҳои мухталифе ба монанди -а, -ак, қабул карда, дар форсии миёна шаклҳои нави тозак, кавозак-ро гирифтааст. Дар санскрит маънои пешини худро «тоза» – зебо хуб ва дар форсии миёна маъноҳои «пок, беолоиш, дуруст» -ро нигоҳ дошта, дар забони тоҷикии имрӯз ҳам маънои аслии худро нигоҳ дошта, дар зимн маънои «нав, тару тоза»-ро низ касб кардааст.

3. Сиккаҳои Тегиншоҳиён. Донишманди фаронсавӣ Эдвард Шоун дар китоби худ бо номи «Аснод дар бораи туркони ғарбӣ» (1903) дар робита бо муносибатҳои сиёсии сулолаи Ханҳо (Ҳонҳо)-и Хитой дар минтақаи марзҳои ғарбии онҳо дар Бохтар дар бораи шоҳони Хуросон бо номи «Тегиншоҳон» маълумот медиҳад. Яке аз шоҳони ин сулола дар солномаҳои чинӣ соли 745 милодӣ бо номи Пуфу-Чуан бо сиккаҳои ӯ ёд шудааст. Сиккашиноси маъруфи Австрия Роберт Гебл дар рисолаи бузурги хеш «Аснод дар бораи таърихи хунҳои эронӣ дар Бохтар ва Ҳинд» (ҷилдҳои 1-4, 1967) чанд сиккаи шоҳи дувуми Тегиншоҳиёнро чоп кард, ки ҳанӯз нопурра буданд ва хондани ин сиккаҳо низ душвор буд. Бо пайдо шудани тангаҳои нави ин шоҳ эроншиноси олмонӣ Ҳелмут Ҳумбох онҳоро бозхонӣ кард.

Дар ин сиккаҳо номи тозик бо ҳарфи «к» дар сиккаҳои арабӣ-сосонӣ дида мешавад, ки матни аслии сиккаҳо аз тарафи яке аз шоҳони сокини Хуросон, ки бо арабҳо мухолиф буд, ҳаккокӣ шуда ва ба ҷойи он лақаби хешро ба забони бохтарӣ рӯйи сиккаҳо сабт кардааст. Дар ин сиккаҳо вай лақаби ифтихоромези қайсари Рум (fromo kēsaro) дорад. Ин сиккаҳо, ки дар солҳои 60 асри XX кашф шуданд, шомили маҷмуае аз сиккаҳое аст, ки хониши панҷ адади онро олими олмонӣ Ҳелмут Ҳумбох ба донишмандон пешниҳод кард [15, 81-85]. Дар ин сиккаҳо номи ин шоҳ нахуст ба сурати хулоса ин тавр омадааст: fromo kēsaro bago xoadēo «қайсари Рум, Худои бузург». Ин донишманд баъдан номи Taziko= тозикро дар маҷмуаи дигаре дар «Феҳристи сиккаҳои Порис» кашф намуд ва тавонист чаҳор адади қобили хониши онро дар соли 1982 мунташир намояд [14, 303-309]. Вай дар ин сиккаҳо дарёфт, ки номи ин қавм дар ҳолати ҷамъ Tazikano = тозикон (бо ҳарфи к) омадааст ва баъд аз он як калимаи дигар ҳам дида мешавад, ки назар ба заифии ҷой ва дар асари тахриби канори сиккаҳо нохоно маълум мешуд. Ҳелмут Ҳумбох хониши xaito ва xaigo –ро пешниҳод кард, аммо баъдан дар ҷойи дигаре вай хониши xoago-ро ишора мекунад ва дар натиҷа онро xoago Tazikano мехонад ва бо «фотеҳи аъроб» тарҷума мекунад. Аммо тибқи катибаи бохтарии Яковланг ва таҳқиқоти лабораторӣ, акнун собит шудааст. ки калимаи охирӣ дар ҳар чаҳор сиккаҳои охир иборат аз лақаби xaro = хар ба маънои «шоҳ» мебошад, ки дар асари заифии ҷой аз тарафи зарроб дуруст нақш нашудааст. Пас хониши дурусти рӯйи сиккаҳо чунин ба назар мерасад: fromo kēsaro bago xoadēo tazikano xaro - Қайсари Рум, Худои бузург. Шоҳи тозикон. Дар рӯи яке аз сиккаҳои ин шоҳ матни дар боло зикршуда боз ҳам муфассалтар ва дақиқтар омадааст. «Кайсари Рум, баѓи хадю – касе, ки шоҳи тоҷикон аст». Пушти ин сикка низ як маълумоти муҳимми таърихӣ омадааст. «Ва сова (хироҷ) ҳосилоти кишоварзӣ буд, ки онро пардохтанд» [3, 52]. Ҳамин тариқ, далели пирӯзии бохтариён аз болои арабҳо ва гирифтани товони ҷанг аз онҳо бо сикка задани тангаҳои махсус ба ифтихори ин пирӯзӣ тасдиқ мегардад.

Пас ин сиккаҳо дар бораи вуҷуди подшоҳе бо лақаби Tazikano Xaro, яъне «шоҳи тоҷикон» шоҳиди таърихии муҳимманд, ки Tazigo Xaro дар катибаи бохтарии Яковланг ҷуз аз шоҳи тоҷик (бояд донист, ки калимаи хар=xaro аз калимаи xšθriyo омадааст ба маънои «шоҳ») ба маънои дигаре таъбир кардан ғайриимкон аст.

Дар қисмати гуногунии талаффузи ин калима дар лаҳҷаҳо метавонем натиҷагирӣ кунем, ки номи Tazigo дар сангнавиштаи Яковланг баробар аст бо номи тожик дар лаҳҷаи монавӣ-портӣ ва номи тозик дар рӯйи сиккаи қайсари Рум бо лаҳҷаи суғдии тозик баробар аст [4].

Дар бораи нисбат ба худ раво дидани унвони «қайсари Рум» ҳамин қадар бояд гуфт, ки вай бо подшоҳи Чин робита дошт ва дар як эътилофи сиёсию низомӣ ба муқобили арабҳо ҷангида ва ба пирӯзиҳое низ ноил шудааст. Интихоби лақаби «Қайсари Рум» аз он хабар медиҳад, ки ин шоҳ дар қаламраваш қудратманд буда, тавониста буд ба арабҳо шикастҳое расонда ва онҳоро маҷбур ба пардохтани боҷ кунад (тавре ки аз рӯйи матни ақиби сикка собит мешавад). Ба монанди ҳамтои муосираш дар ғарб, яъне Лиони Савум, қайсари Рум (яъне Византия), ки арабҳоро дар вақти муҳосираи Константинопол дар солҳои 726, 739 ва 740-и мелодӣ шикастҳои сахт дод. Дар ин маврид муаррихони араб хомӯш мондаанд.

Бояд қайд кард, ки сиккаҳои давлати Кӯшониҳо маълумотҳои ҷолибе доранд. Аз ҷумла подшоҳони кӯшонӣ дар ин сиккаҳо бар фарози кӯҳҳои Помиру Ҳиндукуш тасвир шудаанд, ки бо ин амал онҳо сарзамини аслӣ ё бумии хеш, яъне меҳани обоии худро дар сиккаҳои хеш ба тасвир кашидаанд.

Ё дар яке аз сиккаҳо тасвири шоҳаншоҳи афсонавӣ ё ривоятии мардуми тоҷиктабор Йимо ё Ҷамшед омадааст, ки ин гуна тасвир умуман дар таърихи мардуми тоҷик бори аввал вомехӯрад. Аз ин тасвир бармеояд, ки Ҷамшед дар ҳақиқат дар сарзамини мо эҳтироми зиёде дошта, шахси муқаддас ҳисоб мешудааст.

Аз ин матнҳо бармеояд, ки вожаи «тозиг» ба араб ва шоҳи араб ҳеҷ иртиботе надорад. Дар ин давра дар байни исломиён вожаи «шоҳ» ҳамчун истилоҳи расмӣ вуҷуд надошт. Аз ин матн чунин хулоса кардан мумкин аст, ки сухан дар бораи шоҳони маҳаллии тоҷикон

меравад (масалан шоҳони тоҷики Бомиёну Хатлон), ки дар ин сарзамин то омадани арабҳо ҳукмронӣ мекарданд. Ин санади нави тоза дар бораи маъмул будани истилоҳи тожик / тозик / тоҷик гувоҳи он аст, ки забони тахории бохтарӣ оҳиста-оҳиста ба забони тоҷикӣ ва қавми бохтариҳои ин сарзамин ба халқи тоҷик табдили ном кардааст. Фақат истилои араб ва турктозиҳои ин давра тавонист пеши роҳи ин ҷараёнро, яъне ҷараёни ташаккули халқи тоҷикро гирад, ки бо омадани сулолаҳои тоҷиктабори Тоҳириёну Саффориёну Сомониён ин ҷараён аз нав ҷон гирифт ва дар давраи Сомониён ҷараёни ташаккули халқи тоҷик, ки дар давраи Кӯшониёни Кабир оғоз шуда буд, ба анҷом расид.

Забони бохтарӣ дар давраи миёнаи рушди забонҳои эронӣ, аз рӯйи истилоҳоти қабулшуда барои забонҳои эронии миёна, забони бохтарии миёна, ки дар сарзамини Бохтари таърихӣ, вилоятҳои имрӯзаи шимол ва маркази Афғонистон, минтақаҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон, ҷанубии Узбекистон паҳн шуда буд, дар байни забонҳои эронии миёна ҷойи махсусеро ишғол мекунад. Вижагиҳои хоси забони бохтарӣ дар муқоиса бо забонҳои дигари эронӣ чунинанд:

1. Забони бохтарии миёна аз лиҳози надоштани ҷинсият, ҷамъи сегона ва бархе хусусиятҳои дастурӣ аз забонҳои эронии миёнаи шарқӣ ба куллӣ фарқ карда, бештар хусусиятҳои забонҳои эронии ғарбии давраи миёнаро доро мебошад. Бинобар ин масъалаи ба гурӯҳи забонҳои эронии шарқӣ мансуб будани забони бохтарӣ бознигарӣ мехоҳад. Он бояд дар баробари забонҳои портӣ ва форсии миёна ба гурӯҳи забонҳои эронии ғарбӣ мансуб дониста шавад. Ин масъала пажӯҳиши иловагии забоншиносиро талаб дорад.

2. Забони бохтарии миёна нисбат ба забонҳои эронии давраи миёна, ки бо номҳои халқҳои соҳиби ин забонҳо (парсиг – форсӣ, суғдӣ, хоразмӣ, портӣ) ёд мешуданд, номи таърихии худро дар шакли «ориёӣ» нигоҳ доштааст. Дар ин бора сангнавиштаи Работаки давраи Кӯшониёни Кабир иттилоъ медиҳад. Дар ин сангнавишта, аз ҷумла, эълон шудааст: «Наҷотбахши бузург, Канишкаи Кӯшонӣ, ростин, боадолат, Шоҳи шоҳон, худованд, сазовори ибодат, шоҳиро баргирифта, аз Нана ва дигар худоён пояи соли аввали ҳукмронии худро мувофиқи хоҳиши худоён ба роҳ монд. Ва ӯ ин фармонро аввал ба юнонӣ ва сипас ба забони ориёӣ навишт. Ӯ фармон дод, ки тасвири ин шоҳон сохта шавад: Шоҳ Куҷула Катфиз, бобокалони ӯ ва шоҳ Вима Такту падарбузурги ӯ ва шоҳ Вима Катфиз, худи шоҳ Канишка» [8, 4]. Донишманди машҳур, коршиноси сарчашмаҳои бохтарӣ Симс-Вилямс ҳангоми бозхонии матни катибаи Работак қайд мекунад: «Баъдан, дар ин матн эълон мегардад, ки ӯ ин фармонро аввал бо юнонӣ ва баъдан бо забони ориёӣ таҳия кард». Усулан, ҳамаи забонҳои гурӯҳи ҳиндуориёро метавон забони ориёӣ номид. Вале, дар ин ҷо равшан аст, ки Канишка дар бораи «забони ориёӣ» сухан гуфта, ӯ забони бохтариро, яъне забони сангнавиштаи Работакро дар назар дорад. Тавре, ки Дориюши Кабир дар сангнавиштаҳои форсии қадим чунин дар назар дошт: «Мувофиқи хоҳиши Аҳурамаздо ман матни дигареро ба забони ориёӣ тартиб додам, ки пештар вуҷуд надошт. Душвор аст, ки ба ин масъала таваҷҷуҳ накунем, ки Канишка лозим донист, ки дар замони табдили забони юнонӣ ба забони бохтарӣ дар сиккаҳо ӯ дар истифода истилоҳи «забони ориёӣ»-ро зарур донад» [8, 3] . Ҳамин тариқ бо ин намунаю шоҳидҳо мо оид ба ягонагии забонӣ ё забони умумие сару кор дорем, ки шартан ва расман забони ориёӣ ном дошта, дар муддати тулонии таърихи забонҳои эронӣ, аз забони авестоӣ ва форсии бостон то забони бохтарии миёна идома доштааст. Ин ягонагӣ ва умумияти забонӣ баъдан ба таври равшан ҳангоми пайдоиш ва ташаккули «забони форсии нав» ва аниқтараш «забони тоҷикӣ-форсӣ-дарӣ» инъикос меёбад.

3. Забони бохтарии миёна дар байни забонҳои эронии миёна ягона забонест, ки аз алифбои юнонӣ барои сабт истифода кардааст. Ин алифбо аз 25 ҳарфи алифбои юнонӣ иборат буд. Тавре ки Симс Вилямс қайд мекунад: «Кӯшониҳо фармондорони нави кишвар аввал забони юнониро ҳамчун забони асосии маъмурии шоҳаншоҳӣ нигоҳ дошта, баъдан бисёр зуд барои сабти вожаҳои забони бохтарии маҳаллӣ ба истифодаи алифбои юнонӣ гузаштанд. Лаҳзаи гардиши муҳим дар таърихи ин забон вақте шуруъ шуд, ки шоҳи кӯшонӣ Канишкаи 1 барои бори аввал забони бохтариро ҳамчун забони расмӣ дар сиккаҳои худ истифода

кард. Баъди ислоҳоти пулии аввали Канишка дар ин бахши Осиё забони юнонӣ тамоман аз истифода дар сиккаҳо баромад ва ба ҷойи он забони бохтарӣ истифода гардид» [8, 3].

4. Забони бохтарии миёна дар давраи ҳукмронии дудмони кӯшониҳо, на танҳо забони расмӣ ва давлатии ин шоҳаншоҳии бузург, балки забони осори адабӣ, динӣ, таълим ва илм гардид. Тавре Симс Вилямс қайд мекунад: «Дар асрҳои аввали солшумории мо забони бохтарӣ бо боварии комил яке аз забонҳои муҳимми дунёи қадим шумурда мешуд. Ин забон забони шоҳони кӯшонӣ буда, барои тамоми мардумони шоҳаншоҳии бузурги Кӯшониён, ки Афғонистони муосир, шимоли Ҳиндустон ва як бахши бузурги Осиёи Миёнаро дар бар мегирифт, фаҳмо буд. Ҳатто, баъд аз инқирози шоҳаншоҳии Кӯшон ҳадди ақал шаш садсола ба забони бохтарӣ менавиштанд. Бозёфтҳои навиштаҳои бо забони бохтарӣ дар асри IX дар водии Тучии Покистон ва инчунин дастхатҳои будоӣ ва монавӣ ба забони бохтарӣ дар воҳаи Турфони Чини ғарбӣ далели ин гуфтаҳост. Ҳамин тариқ, истифодаи забони адабии бохтарӣ қариб 1000 сол идома пайдо кардааст» [8, 3].

АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

1. Бернштам А.Н. Тюрки и Средняя Азия в описании Хой Чао (726) [Текст] / А.Н. Бернштам // Вестник древней истории. 1952, №1.- С. 186-194.

2. Дандамаев М.А., Луконин В.Г. Культура и экономика Древнего Ирана [Текст]. –М., «Наука», 1980. – 416 с.

3. Доварӣ, Ғулом Ҷелонӣ. Чакидаҳое аз таърихи тожикон бар мабнои осори кашфшуда [Матн] / Ғулом Ҷелонии Доварӣ.- Душанбе: «Эр-граф», 2016. – 174 с.

4. Ғолибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз [Матн] / Ғолибшо Ғолибов . –Душанбе: Дониш, 2006. – 906 с.

5. Назарзода С. Забон ва истиқлол [Матн] / С. Назарзода //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бахши филологӣ 2011, №6(70), – С.306-311

6. Оранский И.М. Введение в иранскую филологию [Текст]. – М., «Наука», 1988.– 390 с.

7. Основы иранского языкознания. Древнеиранские языки [Текст]. – М., «Наука», 1979. – 388 с.

8. Симс-Вильямс Н. Новые бактрийские документы [Текст] / Н. Симс-Вильямс // Вестник древней истории.– М., 1997, № 3,– С. 3-10.

9. Стеблин-Каменский И.М. Бактрийский язык.Основы иранского языкознания [Текст] / И.М. Стеблин-Каменский . – М., 1981.– С.314-346.

10. Раҳмон, Эмомалӣ. Забони миллат-ҳастии миллат [Матн] / Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – 491 с.

11. Раҳмон, Эмомалӣ. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби сеюм. Аз Ориён то Сомониён [Матн] / Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 704 с.

12. Ҳабибӣ, Абдулҳай. Забони духазор сол қабли Афғонистон ё модарзабони дарӣ (Таҳлили катибаи Сурхкӯтали Бағлон) [Матн] / Абдулҳай Ҳабибӣ / – Душанбе: Меҳрона, 2017», 2019. – 152 с.

13. Ethnologie und Geschichte. Festschrift für Karl Jettmar.- Wiesbaden, 1983. – P. 303-309.

14. Helmut Humbach: Bactrian kidabo, odabo, malabo/malbo. In: Etudes irano-aryennes offertes à Gilbert Lazard. Paris 1989. – P. 210-215.

15. Helmut Humbach. New coins of Fromo kēsaro. In: G. Poller (ed.): India and the Ansient World. Professor P. H. L. Eggermont Jubilee Volume. –Leuven, 1987.- P.303-309.

16. Nicholas Sims-Williams. Bactrian Documents I (Studies in the Khalili Collection, Vol III). Oxford University Press, 2000. -215 p.

17. Tarn W.W. The Greeks of Bactria and India.– Cambridge, 1951.-510 p.

18. Tedesco P. Dialektologie der west iranischen Turfan [text] / P. Tedesco MO, 1925.– 255 p.

ЭТНОНИМИ “ТОҶИК” ВА ЗАБОНИ БОХТАРӢ

Забони бохтарӣ дар давраи миёнаи рушди забонҳои эронӣ, аз рӯйи истилоҳоти қабулшуда барои забонҳои эронии миёна, забони бохтарии миёна, ки дар сарзамини Бохтари таърихӣ, вилоятҳои имрӯзаи шимол ва маркази Афғонистон, минтақаҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон, ҷануби Узбекистон паҳн шуда буд, дар байни забонҳои эронии миёна ҷойи махсусеро ишғол мекунад. Забони бохтарии миёна аз лиҳози надоштани ҷинсият, ҷамъи сегона ва бархе хусусиятҳои дастурӣ аз забонҳои эронии миёнаи шарқӣ ба куллӣ фарқ карда, бештар хусусиятҳои забонҳои эронии ғарбии давраи миёнаро доро мебошад. Бинобар ин масъалаи ба гурӯҳи забонҳои эронии шарқӣ мансуб будани забони бохтарӣ бознигарӣ мехоҳад. Он бояд дар баробари забонҳои портӣ ва форсии миёна ба гурӯҳи забонҳои эронии ғарбӣ мансуб дониста шавад. Ин масъала пажӯҳиши иловагии забоншиносиро талаб дорад.

Забони бохтарии миёнаи нисбат ба забонҳои эронии давраи миёна, ки бо номҳои халқҳои соҳиби ин забонҳо (парсиг – форсӣ, суғдӣ, хоразмӣ, портӣ) ёд мешуданд, номи таърихии худро дар шакли «ориёӣ» нигоҳ доштааст. Дар ин бора сангнавиштаи Работаки давраи Кӯшониёни Кабир иттилоъ медиҳад. Ҳамин тариқ, бо ин намунаю шоҳидҳо мо оид ба ягонагии забонӣ ё забони умумие сару кор дорем, ки шартан ва расман забони ориёӣ ном дошта, дар муддати тулонии таърихи забонҳои эронӣ, аз забони авестоӣ ва форсии бостон то забони бохтарии миёна идома доштааст. Ин ягонагӣ ва умумияти забонӣ баъдан ба таври равшан ҳангоми пайдоиш ва ташаккули «забони форсии нав» ва аниқтараш «забони тоҷикӣ-форсӣ-дарӣ» инъикос меёбад.

Забони бохтарии миёна дар байни забонҳои эронии миёна ягона забонест, ки аз алифбои юнонӣ барои сабт истифода кардааст. Ин алифбо аз 25 ҳарфи алифбои юнонӣ иборат буд. Забони бохтарии миёна дар давраи ҳукмронии дудмони кӯшониҳо, на танҳо забони расмӣ ва давлатии ин шоҳаншоҳии бузург, балки забони осори адабӣ, динӣ, таълим ва илм гардид. Дар асрҳои аввали солшумории мо забони бохтарӣ бо боварии комил яке аз забонҳои муҳимми дунёи қадим шуморида мешуд. Ин забон забони шоҳони кӯшонӣ буда, барои тамоми мардумони шоҳаншоҳии бузурги Кӯшониён, ки Афғонистони муосир, шимоли Ҳиндустон ва як бахши бузурги Осиёи Миёнаро дар бар мегирифт, фаҳмо буд. Ҳатто, баъд аз инқирози шоҳаншоҳии Кӯшон ҳадди ақал шаш садсола ба забони бохтарӣ менавиштанд. Ҳамин тариқ, дар мақола гуфта мешавад, ки истифодаи забони адабии бохтарӣ қариб 1000 сол идома пайдо кардааст.

Калидвожаҳо: забон, забони бохтарӣ, тоҷикӣ, дастхат, сикка, давраи миёнаи забонҳои эронӣ, забони адабӣ, бозёфт, кофтуков, пажӯҳиш.

Маълумот дар бораи муаллиф: Назарзода Сайфиддин – узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илми филология, профессор, мудири шуъбаи фарҳангнигорӣ ва истилоҳоти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 19.

Тел.: 98 562 4444. **E-mail:** snazarzoda56@mail.ru

ЭТНОНИМ «ТАДЖИК» И БАКТРИЙСКИЙ ЯЗЫК

Язык Бактрии в среднем периоде развития иранских языков,по принятой в иранистике современной терминологии среднебактрийский язык, распространившийся на территории современного Северного Афганистана, южной и центральной части Таджикистана и южной части Узбекистана, занимает особое место среди среднеиранских языков. В настоящее время бактрийский язык остаётся самым неизученным языком группы среднеиранских языков. Тщательное исследование бактрийского языка может пролить свет на многие вопросы развития не только этого языка, но и этого периода. Вопрос о принадлежности средне бактрийского языка к восточноиранской групе иранских языков также вызывает сомнения.

Отдельного исследования требует взаимосвязанность бактрийского языка с авестийским языком, как языка предшествующего, и таджикского-дари как языка нового периода на ареале распространения бактрийского языка. Единственный язык среди среднеиранских языков, для записи которого использовался греческий алфавит. Этот алфавит состоял из 25 греческих букв.

Средне бактрийский язык в отличие от иранских языков среднего периода, которые назывались по имени этнонимов своих народностей (парсиг-персидский, согдийский, хорезмийский, парфянский), сохранил свое историческое название «арийский», о чем свидетельствует Рабатакская надпись эпохи Кушан. Таким образом, этим доказательством мы имеем свидетельство об идентичности языков или об общем языке, который, хотя формально, официально назывался «арийским» в течение долгого периода истории иранских языков от авестийского и древнеперсидского до среднебактрийского языков. Эта идентичность или общность языка позднее ярко проявляется при появлении и становлении так называемого «новоперсидского», а точнее «персидского-таджикского-дари» языка.

Среднебактрийский язык в периоде правления кушанской династии становится не только официальным и государственным языком огромной империи, но и языком художественной, религиозной, учебной и педагогической литературы. Бактрийский мог быть с полным основанием назван одним из важнейших языков древнего мира. Будучи языком кушанских царей, он несомненно был понятен народам всей огромной Кушанской империи, включавшей территории современного Афганистана и Северной Индии, а также части Средней Азии. Даже после распада Кушанской империи по-бактрийски продолжали писать, по крайней мере, еще шесть столетий. Таким образом, использование литературного бактрийского языка продолжалось около тысячелетия.

Ключевые слова: язык, бактрийский язык, таджикский язык, иранские языки, среднеиранские языки, рукопись, манеты, литературный язык, государственный язык, надпись, империя.

Сведение об авторе: Назарзода Сайфиддин – член-корреспондент Национальной академии наук Таджикистана, доктор филологических наук, профессор, заведующий отдела лексикографии и терминологии Института языка и литературы им. Рудаки Национальной академии наук Таджикистана. Адрес: 734025, Республика Таджикистан г. Душанбе, проспект Рудаки 19.

Тел.: 98 562 4444. **E-mail:** snazarzoda56@mail.ru

ETHNONYM "TAJIK" AND THE BACTRIAN LANGUAGE

The Bactrian language in the middle period of the development of Iranian languages, according to the modern terminology used in Iranian studies, the Middle Bactrian language, which spread throughout the territory of modern Northern Afghanistan, southern and central parts of Tajikistan and southern Uzbekistan, occupies a special place among the Midlde Iranian languages.

At present, the Bactrian language remains the most unexplored language of the group of Middle Iranian languages. A thorough study of the Bactrian language can shed light on many questions of the development of not only this language, but also of this period. The question of whether the Middle Bactrian language belongs to the East Iranian group of Iranian languages also raises doubts. A separate study requires the interconnectedness of the Bactrian language with the Avestan language, as the language of the preceding, and Tajik-Dari as the language of the new period on the area of distribution of the Bactrian language.

Only language among the Middle Iranian languages for the recording of which the Greek alphabet was used. This alphabet consisted of 25 Greek letters.

The Middle Bactrian language, unlike the middle-Iranian languages, which were named after the ethnonyms of their nationalities (Parsig – Persian, Sogdian, Khorezmian, Parthian), retained its historical name “Aryan”, as evidenced by the Rabatak inscription of the Kushan era.

Thus, with this evidence there is a testimony of the identity of languages or of a common language, which, although formally, was officially called “Aryan” for a long period of the history of Iranian languages from Avestian and Ancient Persian to Middle Bactrian. This identity or community of language later clearly manifests itself in the emergence and formation of the so-called "New Persian", or rather, "Persian-Tajik-Dari" language.

The Middle Bactrian language during the reign of the Kushan dynasty became not only an official and state language of the vast empire, but also the language of fiction, religious, educational and pedagogical literature. Bactrian could justifiably be called one of the most important languages of the ancient world. Being the language of the Kushan kings, it was undoubtedly understood by the peoples of the entire vast Kushan empire, which included the territories of modern Afghanistan and Northern India, as well as parts of Central Asia. Even after the collapse of the Kushan empire, they continued to write Bactrian for at least six more centuries. Thus, the use of the literary Bactrian language lasted about a millennium.

Key words: language, literary, literary language, Persian-Tajik-Dari, middle-Iranian languages, Bactrian language, East Iranian group, Avestan language, Rabatak, Greek letters, manifests.

About the author: Nazarzoda Sayfiddin – Member -correspondent of NAS RT, Doctor of Philological Sciences, Professor, Leading Researcher at the Department of Lexicography and Terminology. Address: 734025, 21 Rudaki Avenue, Dushanbe, Republic of Tajikistan.

Tel.: 98 562 4444. **E-mail:** snazarzoda56@mail.ru

ТДУ 891. 55. 09-1

ВЕЖАГИҲОИ СОХТОРИЮ УСЛУБИИ СИЛСИЛАБАНДҲОИ НАҲВӢ ДАР ДОСТОНИ “ЛАЙЛӢ ВА МАҶНУН”-И НИЗОМИИ ГАНҶАВӢ

Собирҷонов С. [1]

Шоири маъруф ва бузурги форситаборон Абумуҳаммад Илёс Низомии Ганҷавӣ бо тарзи баёни басо зебою мафтункунанда ва бо донишу хиради ҳакимонааш, бо шеъру достонҳои сеҳркушои ишқу муҳаббаташ шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо намудааст.

Дар бобати соҳиби фазлу дониши баланд будан ва ҳунари волои суханварӣ доштани ин Ҳакими бузург-Низомӣ суханшиносон ва аҳли илму адаб хеле зиёд баҳо додаанд. Аз ҷумла, профессори шодравон Шарифҷон Ҳусейнзода он ҳамаро ҷамъбаст намуда, донишмандию бузургии Низомии Ганҷавиро хотирнишон карда, чунин таъкид намудааст: “Низомӣ тамоми илмҳои замонаи худаш; фиқҳ, ахлоқ, калом, фалсафа, астрономия, космография, тиб, математика, анатомия ва ғайраро пухта омӯхтааст. Вай ба андозае бо адабиёти христианӣ низ ошно буд. Дар он замон илм ҳанӯз ба соҳаҳои алоҳида ҷудо нашуда буд, бинобар ин касе, ки ҳамаи илмҳоро медонист, одатан, унвони ҳаким (донишманд, файласуф)-ро мегирифт. Аз ин ҷост, ки ҳамаи манбаъҳои қадим ба Низомӣ ин унвони боифтихорро додаанд.

Низомӣ дар баробари омӯзиши илмҳои гуногуни замони худ забонҳои тоҷикӣ ва арабӣ, инчунин назарияи санъати шоириро хеле хуб медонистааст. Худи Низомӣ дар бораи соҳиби фазлу дониш ва ба қуллаҳои баланди санъати сухан расидани худ чунин мегӯяд:

Маликулмулуки фазлам ба фазилати маонӣ,
Заману замин гирифта, ба мисоли осмонӣ.
Нафаси баланди савтам, ҳараси баланди ситӣ
Қалами ҷаҳоннавардам алами ҷаҳонситонӣ!
Ба вилояти сухан дур, ки муайидулкаломам,
Назада касе ба ҷуз ман дари соҳибулқиронӣ! [19, 124]

Ҳамчунин адабиётшиноси маъруфи тоҷик, профессори шодравон Аълохон Афсаҳзод Низомии Ганҷавиро аз шоирони бузургтарини дунё пиндошта, чунин таъкид намудааст: “Ӯ бо нубуғу азамат, афкори баланд ва қувваи суханварии худ дар сафи Ҳомеру Арасту, Софоклу Еврипид, Аристофану Анакреон, Рӯдакию Фирдавсӣ, Руставелию Данте, Саъдию Шекспир, Пушкину Толстой ва амсоли инҳо меистод. ... Вай адибест, ки бо эҷодиёт ва афкори ҳакимонаи худ халқҳои Озарбойҷон, тоҷику форс ва мардумони дигарро бо ҳам дӯсту қарин мегардонад” [2, 41].

Аббосалӣ Гасанов, собиқ Сафири Ҷумҳурии Озарбойҷон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ифтихормандии беҳад зиёд ҷиҳати сухангустарии Низомии Ганҷавӣ чунин ибрози назар намудааст:

“Анъанаи беназири сухангустарии Низомии Ганҷавӣ асосу бунёди мактаби бегазанди адабӣ гардидааст, ки суханварони пасинаи форсизабонони Озарбойҷонӣ монанди Қатрони Табрезӣ, Абулъалои Ганҷавӣ, Соиби Табрезӣ, Имомуддини Насимӣ, Муҳаммадҳусайни Шаҳриёр ва дигарон, хишти заррине бар он ниҳода, пайванди ҳамсуханию ҳамсунании моро қавитар гардонидаанд” [16, 3].

Профессор Абдунабӣ Сатторзода низ ба “Хамса”-и Низомии Ганҷавӣ баҳои баланд дода, аз ҷумла чунин изҳори ақида намудааст: “... ҳеҷ шоире низ на пеш ва на пас аз “Хамса”-и Низомии Ганҷавӣ асаре наофаридааст, ки бо он баробарӣ бикунад. Шоир панҷ маснавӣ-панҷ ганҷашро, барҳақ, “навгул”, “сухани нав”, “ҳайкале аз қолиби нав”, “дурре аз баҳри нав”, “баҳори нав”, “сеҳре дигар”, “тозаарӯс”, “абёти нав”, “гавҳари носуфта”, “кони

1. **Собирҷонов Солеҳҷон** – ходими пешбари илмии Институти забон ва адабиёти ба нони Рӯдакии АИМТ

нав”, “бикрони пардагӣ”, “тарзи нав”, “навои ғариб” номидааст ва дар ин арзёбиҳояш ҳеҷ дурӯғе нагуфтааст ва заррае зиёдаравӣ накардааст. Шоир ва суханшиноси бузург Абдураҳмони Ҷомӣ, ки се аср пас аз вай зиндагӣ ва эҷод кардааст, тасдиқ намудааст, ки “он қадр латоифу дақоиқу ҳақоиқ, ки дар китоби “Панҷ ганҷ” дарҷ кардааст, касеро муяссар нест, балки мақдури (тавони) навъи башар нест” [18, 232].

Муҳаққиқони адабиётшинос, назмшинос ва суханшиносони дақиқназар Алии Муҳаммадии Хуросонӣ ва Мубашшир Акбарзод ба сухани нобу поки Низомии Ганҷавӣ баҳо дода, чунин таъкид намудаанд: “Ҳифзи сухани ноб, покиза нигоҳ доштани он, дар вақти эҷоди осори адабӣ муъҷазбаёнӣ, ҳақиқати зиндагиро ба василаи гавҳари сухан баён намудан, ҷавонмардӣ ва хайрандеширо тараннум кардан ва ғ. “Хамса”-и Низомии Ганҷавиро аз ҳар ҷиҳат дилнишин, ҷозибанок, хондanӣ ва ҳамзамон махзани бегазанди андешаҳои баланди ахлоқӣ гардонидааст" [16,10].

Забоншиноси мумтоз ва профессори Озарбойҷон Мамедов М.Т. ҷиҳати бойигарии (захираи) таркиби луғавии забони осори Ҳаким Низомӣ маълумот дода, мушоҳидаҳои хешро чунин овардааст: "Дар фарҳангҳои тафсирии асри миёна истифодабарии воҳидҳои луғавии осори Низомӣ бештар ба назар мерасад. Аз ҷумла дар фарҳанги тафсирии забони форсии асри XVII “Маҷма-ул-фурс”-и Муҳаммад Қосим Сурурӣ воҳидҳои луғавии осори Низомӣ мавқеи намоёнро ишғол менамояд. Дар фарҳанги мазкур бештар аз сесад байти осори Низомӣ оварда шудааст, ки дар таркиби ин байтҳо калимаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои соҳаҳои гуногун: номҳои хос, таърихӣ ва ҷуғрофӣ истилоҳоти соҳаи зоология, ботаника, мусиқӣ, тиббӣ, минералогия, астрономия, динӣ, мавҷудот, феълҳои гуногун ва ғайра мебошад. Ғайр аз ин, калимаю терминҳо дар фарҳангҳо, мақолу зарбулмасалҳо ва ифодаҳои идеоматикӣ низ ҷой доранд [10, 92] .

Аз таҳлилу таҳқиқи калима-муродифҳои беҳад зиёди достони “Ҳафт пайкар”-и Низомӣ Фархунда Неъматзода ба чунин хулоса омадааст: "Мавҷудияти муродифҳои бешумор дар асари мазкур аз як тараф, далели бойигарии таркиби луғавии забон бошад, аз тарафи дигар маҳорати баланди шоиронаи Низомӣ ба назар мерасад" [13,5-17] .

Дар корбурди воҳидҳои тавсифӣ низ маҳорату ҳунари шоиронаи Низомии Ганҷавӣ шоиста аст, ки он дар мақолаи профессор М.Н. Қосимова таҳти унвони “Ифодаи забонии тавсиф дар як боби “Хусрав ва Ширин”-и Низомии Ганҷавӣ” баррасӣ шудааст. Аз муҳтаво ва хулосаи мақолаи мазкур бармеояд, ки барои ифодаи тавсифи ҷамоли Ширин воситаҳои гуногуни забонӣ ба мисли калимаҳо (содда ва мураккаб), ибораҳои номӣ, ҷумлаҳо (содда ва мураккаби пайвасту тобеъ, мураккаби тобеи сертаркиб) корбаст шудаанд.

Ҷиҳати дигари ҷолибу ба таҳқиқ нигарони забони осори Низомии Ганҷавӣ корбурди силсилабандҳои наҳвӣ мебошад, ки онҳо дар достонҳои дохили “Хамса” ва хусусан дар достони “Лайлӣ ва Маҷнун” хеле фаровон ба назар мерасанд. Таҳти мафҳуми силсилабандҳои наҳвӣ силсилаи ибораҳо, ҷумлаҳои мураккаб, мухотабҳои бо ҳам алоқаманде, ки дар алоҳидагӣ ҳар кадоми онҳо як банди наҳвиро ташкил медиҳанд, дар назар дошта шудааст.

Дар бобати банди наҳвӣ равоншод профессор Баҳриддин Камолиддинов чунин ибрози назар намуда буд:

“Истилоҳи” “период”-ро А.Н. Гвоздев навъи махсуси ҷумлаи мураккаби сайқалёфта шуморидааст, ки аз лиҳози мундариҷа шарҳи муфассали мавзуъ буда, чанд қисматро дар бар мегирад, вале аз ҷиҳати шакл хусусияти муназзамӣ ва мавзунӣ дорад. Ба ақидаи таҳқиқгарони дигар, “период” қолаби мураккаби наҳвист, ки мундариҷаи мукаммал дошта, аз лиҳози шакл дорои хусусиятҳои мавзунӣ ва муназзамии ҷузъҳост. Гарчи банди наҳвӣ бештар дар қолаби ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиби чида воқеъ мегардад, вале ин воҳиди наҳвиро аз ҷиҳати ифода бо қолаби ҷумлаҳои мураккаб маҳдуд кардан раво нест, зеро банди наҳвӣ гоҳе хеле тафсил ёфта, якчанд ҷумлаи содаю мураккабро дар бар мегирад [7, 373-374].

Мо бо дарназардошти он, ки дар достони “Лайлӣ ва Маҷнун”-и Низомии Ганҷавӣ силсилаи ибораҳо, ҷумлаҳои мураккаби пайвасту тобеъ ва мухотабҳои тафсилӣ, ки ҳар кадоми

онҳо бандҳои алоҳидаи силсилавиро ташкил кардаанд, силсилабандҳои наҳвӣ номидем.

1. Силсилабанди наҳвии ибора. Дар достони “Лайлӣ ва Маҷнун” барои ифодаю тасвири чеҳраю аҳволи Лайлӣ силсилаи ибораҳои исмии ба ҳам алоқаманд ба кор рафтаанд, ки ҷузъи асосии ҳар як ибора бо исм ифода гардида, маҷозан зина ба зина дараҷаҳои олии ҳусни Лайлиро тасвиру тавсиф кардаанд:

Сардафтари ояти накӯӣ,
Шоҳаншоҳи мулки хубрӯӣ,
Феҳристи ҷамоли ҳафт паргор,
Аз ҳафт халифа ҷомагихор.
Рашки рухи моҳи осмонӣ,
Ранҷи дили сарви бӯстонӣ:
Мансубакушои биму уммед,
Меросситони моҳу хуршед.
Меҳроби намози бутпарастон,
Қандили сарою сарви бустон,
Ҳамхобаи ишқу ҳамсари ноз,
Ҳам хозиру ҳам хазинапардоз,
Пироягари парандапӯшон,
Сармоядиҳи шакарфурӯшон,
Дилбанди ҳазор дурри макнун,
Занҷирбури ҳазор Маҷнун. [16, 230]

Силсилабанди мазкур аз шонздаҳ ибораи исмии мураккаби изофии тасвирию тавсифӣ иборат буда, ҳар як ибораи он се-чор ҷузъро фаро гирифтааст. Ҳар як ҷузъи асосии он номгӯйи як мақоми олӣ ва ё соҳиби ин ё он аломати зебо мебошад. Масалан, калимаҳои **сардафтар**, **шоҳаншоҳ** ҳамчун мақоми олӣ дараҷаи волои ҳусну ҷамоли Лайлиро ифода карда бошад, ибораҳои **ояти накӯӣ, мулки хубрӯӣ** маҷмӯи ҳусну зебоии ба он тобеъро номбар кардаанд. Таносуби маъноии ҷузъҳои асосии ибораҳо ва номбаркунии пасиҳами аломатҳои маҷозии зебоии ҳусн алоқаи маъною сохтории ибораҳои таркиби силсилабанди наҳвиро қавӣ гардонидааст. Ифодаи дараҷаи волои ҳусн бо тарзу воситаҳои гуногун сурат гирифтааст. Бо калимаҳои сардафтар, шоҳаншоҳ ва ибораҳои маҷозии “феҳристи ҷамоли ҳафт паргор”, **аз ҳафт халифа ҷомагихор, рашки рухи моҳи осмонӣ** низ дараҷаи волои ҳусн баён гардидааст. Шоири нозукбаён Низомии Ганҷавӣ бо ибораи “рашки рухи моҳи осмонӣ” ҳусну ҷамоли Лайлиро аз рухи моҳи осмонӣ болотар дониста, ӯро ба рашк оварандаи рухи моҳи осмонӣ гуфтааст.

Силсилабанди наҳвии ибораҳои мазкур дорои тобишҳои эҳсосию оҳанги мутантан буда, ҷилоҳои басо рангину тобишҳои маъноии вай мафтункунандаи шунавандаю хонандаи ин сатрҳо мебошад. Ифодагари робитаҳои эҳсосию оҳанги мутантан ва ҳамоно ибораҳои тавсирии дар боло зикршуда мебошанд.

Дар силсилабанди наҳвии ибораҳои дигар, ки дар мадҳи Шервоншоҳ Ахситон Ибни Манучеҳр бахшида шудааст, чунин силсилаи ибораҳоро дидан мумкин аст:

Дорандаи тахти подшоҳӣ,
Дорои сапедию сиёҳӣ,
Сархайли сипоҳи тоҷдорон,
Сарҷумлаи ҷумла шаҳриёрон,
Хоқони ҷаҳон, маликмуаззам,
Мутлақ маликулмулуки олам,
Соҳибҷиҳати ҷалолу тамкин,
Яъне, ки ҷалоли давлату дин

Тоҷи маликон Абулмузаффар,
Зебандаи мулки ҳафт кишвар,
Шарвоншаҳи офтобсоя,
Кайхусрави кайқубодпоя .[16, 209]

Силсилабанди наҳвии ибораҳои мазкур дувоздаҳ ибораи исмии изофиро дар бар гирифтааст.

Ибораҳои дохили банди мазкур ибораҳои тасвирӣ буда, барои ифодаи мансаби олӣ ва ҷиҳатҳои писандидаи он корбаст шудаанд. Номбаркунии пайдарҳами аломатҳои мусбат алоқаи байни ҷузъҳои (ибораҳои) силсилабанди наҳвиро устувор намудаанд. Алоқаи синтаксисии байни ҷузъҳои ибораҳо бештар бо бандаки изофӣ ва алоқаи байни ҷузъҳои силсилабандҳо тавассути интонатсия (оҳанг) воқеъ мегардад, ки дар натиҷа ибораҳои мазкур дар намуди ҷумла зоҳир мегардад.

2. Силсилабанди наҳвии ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандак

Дар достони "Лайлӣ ва Маҷнун" ҷумлаҳои мураккаби пайваст мавқеи муайяне доранд. Хелҳои гуногуни сохтории ҷумлаҳои мазкур ба назар мерасад, ки онҳо ҷумлаҳои мураккаби пайвасти пайвандакдор ва бепайвандак ё бо бандакҳои хабарӣ ва ё бебандак мебошад. Гоҳ дар қатори ҷумлаҳои мураккаби пайваст силсилаи ҷумлаҳои мураккаби пайвастеро дидан мумкин аст, ки онҳо чун як банди наҳвии ҷумлаҳои мураккаби пайваст ба назар мерасанд. Масалан дар матни зерин мисоли онро мебинем:

Ёрон ба ҳисоби илмхонӣ,
Эшон ба ҳадиси меҳрубонӣ.
Ёрон сухан аз луғат сириштанд,
Эшон луғати дигар навиштанд.
Ёрон варақе зи илм хонданд,
Эшон нафасе ба ишқ ронданд.
Ёрон сифати фиъол гуфтанд,
Эшон ҳама ҳасби ҳол гуфтанд.
Ёрон ба шумори пеш буданд,
Эшон ба шумори хеш буданд. [16, 219]

Силсилабанди наҳвии ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвндаки мазкур аз даҳ ҷумлаи сода ва панҷ ҷумлаи мураккаби пайваст иборат буда, тавассути такроршавии калимаҳои “ёрон” ва “эшон”, ки мубтадои ҷумлаҳо мебошанд, дар аввали ҳар байт, ё ҷумлаи мураккаби пайваст ҷиҳати вобастагии маъноии байни ҷумлаҳо таъкид гардидааст. Аз оҳангу мазмуни ҷумлаҳо чунин бармеояд, ки пасванди калимасози -ӣ ба вазифаи бандаки феълии шахси севум “-анд”, ё бандаки хабарии “-аст” ба кор рафтаанд.

Ҷумлаи мураккаби пайвасти бепайвандаки аввал: **Ёрон ба ҳисоби илмхонӣ, Эшон ба ҳадиси меҳрубонӣ бо ёрии оҳанги хабарӣ,** бе бандакҳои хабарӣ сурат гирифтаанд ва амалҳои гуногуни субъектро ифода кардаанд.

Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандаки баъдинаҳо бо бандаки феълии шахси сеюм: -анд таркиб ёфтаанд. Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандаки таркиби банди наҳвӣ хеле содаву равон ва қолабӣ буда, дар баёни фикру мақсади равшану возеҳ ва гуворо нақши муҳиме доранд.

Дар мисоли зерин низ силсилабанди наҳвии ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандак ҷолибтар менамояд:

Лайлӣ чу ситора дар аморӣ,
Маҷнун чу фалак ба пардадорӣ.

Лайлӣ калабанд боз карда,
Маҷнун гилаҳо дароз карда.
Лайлӣ зи хурӯш чангдарбар,
Маҷнун чу рубоб дастбарсар.
Лайлӣ на, ки субҳи гетиафрӯз,
Маҷнун, на ки шамъи хештансӯз.
Лайлӣ ба гузор боғ дар боғ,
Маҷнун ғалатам, ки доғ бар доғ
Лайлӣ чу қамар ба равшанӣ чуст,
Маҷнун чу қасаб баробараш суст. [16, 221-222]

Силсилабанди наҳвии ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандаки зикршуда аз нуздаҳ ҷумлаи мураккаби пайвасти бепайвандак ва аз сиву ҳашт ҷумлаи сода иборат аст, ки ҳамаи онро овардан тибқи талаботи ҳаҷми мақола имкон надорад. Дар банди наҳвии мазкур ифодаи амалҳои мухолифи ҳамдигарии Лайлӣ ва Маҷнун алоқаи байни ҷумлаҳои мураккаби пайвасти дохили банди наҳвиро қавӣ гардонидааст.

Силсилабанди наҳвии ҷумлаҳои содаи саволие низ ба назар мерасанд, ки онҳо ҳам бо тобишҳои эҳсосии хоси худ ҷолибанд:

Эй шефта, чанд беқарорӣ?!
В-эй сӯхта, чанд хомкорӣ?!
Чашми кӣ расид дар ҷамолат?
Нафрини кӣ дод гӯшмолат?
Хуни кӣ гирифт гарданатро?
Холи кӣ халид домонатро? [16, 222]

Ҷумлаҳои саволии пайдарҳами мазкур ҳолпурсии дилсӯзонаи падари Маҷнунро ифода кардаанд.

Дар қатори силсилабандҳои наҳвии овардаамон дар достони Лайлӣ ва Маҷнун силсилабандҳои наҳвии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ва мухотабҳои силсиланок низ ба назар мерасанд, ки онҳо низ ба таҳқиқоти алоҳида нигаронанд.

Хулоса, силсилабандҳои наҳвии ибораҳо ва ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандак дар достони “Лайлӣ ва Маҷнун”-и Низомии Ганҷавӣ мавқею мақоми хоса дошта, ҳамчун воситаи ифодаи муассири наҳвӣ корбаст шудаанд. Воситаҳои асосии ташаккулёбии силсилабандҳои наҳвӣ оҳанг (интонатсия), муносибатҳои маъноии ҷузъҳои силсилабандҳои наҳвӣ, такроршавии калимаҳо мебошанд.

АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

1. Абдуқодиров А. Забон ва услуби назми Мирзо Турсунзода [Матн] / А. Абдуқодиров –Душанбе: Дониш, 1988. –125 с.
2. Афсаҳзод А. Суннатҳои устувор ва навпардозиҳои эҷодкор [Матн] / Аълохон Афсаҳзод-Душанбе: Дониш, 1989. –276 с.
3. Бертельс Е. Э. Низами и Фузули [Текст] // Е.Э. Бертельс Избр. Труды. М., ИВЛ, 1962. – 482 с.
4. Брызгунова Е.А. Эмоционально-стилистические различия русской звучащей речи [Текст] /. Изд-во Московского университета, 1984. – 117 с.
5. Ғаффоров Ф. Забон ва услуби Раҳим Ҷалил / Н.Р.Ғаффоров. Душанбе: Дониш, 1966. – 224 с.
6. Зеҳнӣ Т. Санъати сухан [Матн] / Т. Зеҳнӣ-Душанбе: Адиб, 2007. – 196 с.
7. Камолиддинов Б. Сухан аз баҳри дигарон гӯянд [Матн] / Б. Камолиддинов.-Душанбе: Дунёи дониш, 2015.– 400 с.

8. Қосимова М.Н. Ганҷи сухан [Матн] / М.Н. Қосимова-Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2013. – 639 с.

9. Қосимова М.Н. Ифодаи забонии тавсиф дар як боби “Хусрав ва Ширин”-и Низомии Ганҷавӣ [Матн] / М.Н. Қосимова // забон-рукни тоат (маҷаллаи илмӣ) №11.-Душанбе 2018. – С. 3-6.

10. Мамедов М.Т. Низами персидская лексикография /текст/ VI всесоюзная конференция по актуальным проблемам Иранской филологии (тезисы докладов) [Текст] / М.Т. Мамедов-Изд-во Тбилиского Университета.-Тбилиси 1970. – С.91-92.

11. Мақсудов Б. Рӯзгор ва осори Камоли Хуҷандӣ [Матн] / Таҳияи Бадриддин Мақсудов. –Душанбе: Сино, 1994. – 163 с.

12. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик Ҷ.1 [Матн] / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе, 2007. – 242 с.

13. Неьмат-заде Фархунда. Лексико-семантическое асобенности поэмы “Семь красавиц” Низами Гянджави [Текст] / Ф. Неъмат-заде. Автореферат диссертации на соискании ученой степени кандидат филологических наук.-Душанбе, 2001. –18 с.

14. Неьмат-заде Фархунда. Книжная лексика в поэме “Семь красавец” Низами Ганджави [Текст] / Ф. Неъмат-заде // “Илм ва ҳаёт” №4-6, 2001. – С.16-18

15. Низомии Ганҷавӣ. Куллиёт. Ҷилди якум. Хусрав ва Ширин[Матн]. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 449с.

16. Низомии Ганҷавӣ. Хамса [Матн] . Таҳияи матн бо муқаддима ва луғоту тавзеҳот аз Алии Муҳаммадии Хуросонӣ ва Мубашшир Акбарзод. – Душанбе: Адиб, 2012. –672 с.

ВЕЖАГИҲОИ СОХТОРИЮ УСЛУБИИ СИЛСИЛАБАНДҲОИ НАҲВӢ ДАР ДОСТОНИ “ЛАЙЛӢ ВА МАҶНУН” – И НИЗОМИ ГАНҶАВӢ

Дар мақола мартабаю маҳорати баланду бемислу монанди шоирии Низоми Ганҷавӣ баррасӣ гардида, таҳлили вежагиҳои сохторию услубии силсилабандҳои наҳвии достони “Лайлӣ ва Маҷнун” мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Вежагиҳои сохторию услубии силсилабандҳои наҳвӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар достони “Лайлӣ ва Маҷнун” барои ифодаю тасвири чеҳраю аҳволи Лайлӣ ва чанде аз қаҳрамонҳои дигари достон силсилаи ибораҳои исмии ба ҳам алоқаманду таносуби маъноидошта ба кор рафтаанд, ки ҳар кадоми ин силсилабандҳо зиёда аз понздаҳ ибораи исмии мураккаби изофии тасвирию тавсифиро фаро гирифтааст. Ҳар як ҷузъи асосии ибораҳо ифодагари як мақоми олӣ ё соҳиби ин ё он аломати зебо мебошад (сардафтар, шоҳаншоҳ, қандил, дилбанд...) Алоқаи синтаксисии байни ҷузъҳои ибора бештар бо бандаки изофӣ ва алоқаи байни ҷузъҳои силсилабандҳо тавассути интонатсия (оҳанг) воқеъ гардидааст, ки дар натиҷа ибораҳои мазкур дар намуди ҷумла зоҳир мегарданд.

Силсилабандҳои наҳвии ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандак низ фарогири зиёда аз даҳ ҷумлаи сода ва панҷ ҷумлаи мураккаби пайваст буда, бо тарзу воситаҳои алоқа бо тобишҳои эҳсосӣ ва хусусиятҳои услубии ҷолиби худ ҷилодиҳандаи ҳусни забони достони “Лайлӣ ва Маҷнун” мебошанд.

Калидвожаҳо: банди наҳвӣ, силсилабанди наҳвӣ, ибора, ибораи исмӣ, ҷумлаи мураккаби пайваст, бандаки изофӣ, таносуби маъноӣ, тобишҳои эҳсосӣ, калима, ибораи тавсифӣ, интонатсия, хусусиятҳои услубӣ.

Маълумот дар бораи муаллиф: Собирҷонов Солеҳҷон, ходими пешбари илмии Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакии АМИТ Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, Х. Рӯдакӣ, 17. **Тел:** (+992) 907 – 907- 003

СТРУКТУРНО – СТИЛИСТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ СЛОЖНЫХ СИНТАКСИЧЕСКИХ ЦЕПЕЙ В ПОЭМЕ «ЛЕЙЛИ И МЕДЖНУН» НИЗАМИ ГЯНДЖЕВИ

В статье рассаматривается высокое и непревзойденное поэтическое мастерство Низами Гянджеви, анализируются структурно – стилистические асобенности сложных синтаксических цепей поэме «Лейли и Меджнун».

Утверждается, что структурно – стилистические особенности синтаксических целых проявляются в том, что в поэме «Лейли и Меджнун» для выражения и описания лица и состояния Лайли и некоторых других персонажей используется ряд взаимосвязанных именных словосочетаний и смысловых соотношений. В каждом из этих циклов используются более 15 сложенных именных словосочетаний изобразительного и описательного характера.

Каждая основная часть фразы выражает оперделенную мысль или степень превосходство (сардафтар, шоҳаншоҳ, қандил, дилбанд...).

Синтаксическая связь между компанентами словосочетаний чаще всего осуществляется изофетом и а связь между компанентами цепи без союза но через интонацию (тон), в результате чего эти словосочетания предстают в виде предложения. Ряды сложных предложений без связи также включаютв себе более десяти простых предложений и пять сложных предложений, и своими средствами связи, своей эмоциональной окраской и интересными стилистическими особенностями они создают красоту языка рассказа «Лейли и Меджнун».

Ключевые слова: сложных синтаксических целое, цепей сложное синтаксическое целое, словосочетание, именное словосочетание, сложносочиненное предложение, изофетное сочетание, семантическая связь, эмоциональный тон, слово, описательное словосочетание, интонация, стилистическая особенность.

Сведения об авторе: Сабиржанов Солежан, ведущий научный сотрудник Института языка и литературы им. Рудаки ННАТ.Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул Рудаки, 17. **Тел:** (+992) 907907003

STRUCTURAL AND STYLISTIC FEATURES OF COMPLEX SYNTACTIC CHAINS IN THE POEM OF "LEYLI AND MAJNUN" BY NIZAMI GANJAVI

The article discusses the high and unsurpassed poetic skill of Nizami Ganjavi, and analyzes the structural and stylistic features of complex syntactic chains in the poem of "Leyli and Majnun".

It is argued that the structural and stylistic features of syntactic purposes are manifested in the fact that in the poem "Layli and Majnun" a number of interrelated nominal phrases and semantic relationships are used to express and describe the face and state of Layli and some other characters. In each of these cycles, more than 15 compound nominal phrases of a pictorial and descriptive nature are used.

Each main part of the phrase expresses a certain thought or degree of superiority (sardaftar, shohanshoh, qandil, dilband...).

The syntactic connection between the components of phrases is most often carried out by isofet and the connection between the components of the chain without a union but through intonation (tone), as a result of which these phrases appear in the form of a sentence. The series of complex sentences without connection also includes more than ten simple sentences and five complex sentences, and with their means of communication, their emotional coloring, and interesting stylistic features, they create the beauty of the language of the story “Layli and Majnun”.

Keywords: complex syntactic whole, chains complex syntactic whole, phrase, nominal phrase, compound sentence, isophetic combination, semantic connection, emotional tone, word, descriptive phrase, intonation, stylistic feature.

Information about the author: Sabirzhanov Solezhan, Leading Researcher, the Institute of Language and Literature after Rudaki of the NAST.

Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17 Rudaki Ave., Tel.: (+992) 907907003

ТДУ: 809.155.0

НАЗАРЕ БА ВОЖАСОЗИИ НАЗРИ ЯЗДОН

Пудинаев У.[1]

Вожасозӣ яке аз воситаҳои асосӣ ва муҳимми ғанигардонии таркиби луғавии забон буда, ба ин минвол таркиби луғавӣ бо вожаҳои нав такмил ва рушд меёбад. Бештари калимаю истилоҳот дар натиҷаи дигаргуниҳои сиёсию иҷтимоӣ, илмию фарҳангӣ, ба вижа пешрафти илму технологияи муосир ба вуҷуд меоянд. Чунин навъи калимаҳои бавуҷудомада ба сохти грамматикӣ ва меъёрҳои забон бояд мувофиқат кунонида шаванд [2, 80].

Бузургтарин вазифаи ҳар фарди соҳибзабон нигаҳбонию пос доштани ин мероси муқаддас, ба наслҳои оянда расонидани забони ширину шево ва забони шеъру адаби оламшумули тоҷикӣ мебошад. Зеро забон моли халқ, мероси миллат ва сармояи маънавии давлати соҳибистиқлол аст. Ва ҳеҷ кас ҳақ надорад, ки аз номи миллат ҳукм барорад, фарҳангу забонашро зери шубҳа гузорад, ё ҳақиқати таърихро инкор намояд [3, 69-70].

Бо сабаби пешрафти соҳаҳои гуногуни ҷаҳонӣ ва муносибат миёни дигар забонҳо дар солҳои охир вожаҳои нав ба истифода ворид шуда, садҳо вожаву калимаҳои дигар аз миён рафта истодаанд. Пас бояд коре намуд, то истилоҳоту вожаҳои забони ноби тоҷикиро мутобиқат намуд, ки дар ин даврон аз миён наравванд. Яъне, калимаю вожаҳои забони тоҷикиро бояд истифода намуд ва то ҳадди имкон калима ва истилоҳоти нав сохта, пешниҳоди ҳамагон кард, то забони тоҷикӣ қавитару ғанитар ва фарогиру доманадортар гардад.

Бояд қайд намуд, ки солҳои охир вожаҳои зиёди нав аз дигар забонҳо ба миён омадаанд, ки бевосита ба забони тоҷикӣ ворид мегарданд. Аз ин рӯ, иддае аз шоиру нависандагони мо барои насли баъдӣ баъзе вожаҳоеро бо истифода аз дигар забонҳо сохта, барои истифодаи омма пешниҳод намудаанд, ки дигарон метавонанд он калимаҳоро мавриди истифода қарор диҳанд. Бо ҳамин тариқ, онҳо барои ғанӣ гардонидани хазинаи илмии забони тоҷикӣ саҳми арзандаи худро гузоштанд. Чунонки шоири шаҳири тоҷик Лоиқ Шералӣ калимаҳои “мавҷгир” ва “чархбол”-ро пешниҳод намуда буд, ки то имрӯз ба шакли васеъ истифода мешаванд.

Бузургии шоир ё нависандаро метавон дар вожасозию иборабандии ӯ ба мушаххас гирифт. Аз ҷумлаи чунин адибони мо Назри Яздон аст, ки калимаю ибораҳои зебою дилрас сохта, дар сурудаҳояш истифода кардааст.

Калимаҳое, ки шоир дар маҷмуаи шеърҳои “Қалами найшакарӣ”-и худ пешниҳод ва истифода намудааст, инҳоянд:

1. Дилнигора.

Вожаи зебои **дилнигора** дар сурудаҳои шоир Назри Яздон истифода шуда, аз се таркиб: вожаи **дил, нигор** (нигоридан, нигоштан) ва пасванди а сохта шудааст. Маънои “дилнигора”-ро шоир дар поварақи китоби зикршуда шарҳ додааст: **Дилнигора – кардиограф, дасткоҳи сабти вазъи сиҳати дил** мебошад [7, 15].

Дар дигар сарчашмаҳо ҳам калимаи кардиография ё худ вожаи нав – “**дилнигора**”-ро чунин шарҳ додаанд:

Кардиография як усули махсусест, ки роҳҳои гуногуни омӯзиши кори дилро дар бар гирифта, имкон медиҳад, фаъолияти дилро сабт кунанд. Кардиография имкони баҳодиҳии таъминоти хун ва гузарониши миокард, инчунин, муайян кардани тағйирот дар андозаи деворҳо ва холигии камераҳои дил, мавҷудияти ғафсшавии мушакҳои дил ва муайян кардани ритми дилро фароҳам меорад. Электрокардиография имкон медиҳад, ки тағйирот дар мувозинати электролитҳо, инчунин осеби миокард бо токсинҳои гуногун ва давомнокии сактаи дилро муайян кард [11].

1. Умед Пудинаев –ходими илмии Шуъбаи иттилоот, робитаҳои илмӣ ва омӯзиши тамаддуни Шарқи Маркази мероси хаттии назди Раёсати АМИТ

Машав ҳайрон, агар ҳусни хати ман,
Ба роҳи дафтарам пастобаланд аст.
Ки чун хатти шикасти **дилнигора,**
Гувоҳи зарби қалби дардманд аст. [7,15]

2. Нурполо.

Вожаи **нурполо** дигар аз вожаҳоест, ки шоир истифода намудааст. **Нурполо** аз ду таркиб **нур** ва **поло** иборат аст.

Дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” калимаи нур чунин шарҳ дода шудааст:

Нур 1 نور**.** рӯшноӣ, равшанӣ, зиё (-и офтоб, ситора, чароғ, оташ ва ғ.). 2. шуоъ: нурҳои ултрабунафш. 3. фурӯғ, тобиш, дурахшиш (-и чашм) ба тарзи истиора: нури дониш, нури илм, нури маърифат; нур аз чашм (дида) рафтан – хира шудани чашм, заиф ва беқувват шудани биноӣ; нур бахшидан а) равшанӣ додан, равшан кардан; б) кин. ҳузуру ҳаловат бахшидан; нур додан, равшанӣ додан... [5, 945].

Вожаи полоро дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” чунин шарҳ ёфтааст:

Поло پالا кит. асп. Полоидан پالائیدن ниг. полудан. Полудан 1.پالودن соф кардан, аз софӣ гузаронидан, аз олоиш покиза кардан. 2. гудохтан, об карда тоза намудани зару нуқра ва ғ. 3. таровидан, рехтан. 4. зоеъ гардидан, табоҳ шудан. Полоиш 1 پالا یش. соф шудан, софшавӣ, тозашавӣ. 2. таровидан, қатра-қатра чакидан [5, 113].

Вожаи нурполоро дар забони русӣ фильтр света мегӯянд:

Сарпаноҳо!
Сарпаноҳи ҷовидон,
Нурполои ту гашта роғ-роғ,
Боми нилии ту дар як рӯзи бедодӣ,
Пора шуд аз дасти худхоҳии шаддодӣ. [7, 67]

Дар умум маънои нурполо полидани нур мебошад.

3. Паргори родар.

Ибораи дигари пешниҳоднамудаи шоир, Паргори родар ном дорад. Маънои “Паргори родар”-ро шоир дар поварақи китоби “Қалами найшакарӣ” чунин шарҳ додааст: Паргори родар – доираи мавҷгири чатрии радиатсионӣ мебошад [5, 15].

Вожаи паргор дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” чунин шарҳ ёфтааст:

Паргор 1 پرگار. афзорест барои кашидани доира, сиркул. 2. доира. 3. маҷ. роҳ, равиш; тариқ; чора [5, 71].

Суханҳо дидаам титу парешон,
Қаламро кардаам паргори родар.
Дилеро дида будам пора-пора,
Қаламро кардаам кафшери лозар. [7, 15]

Дар ҷойи дигар ҳам ба ин маъно ва ибора истифода шудааст:

Агар бо ту нагӯям, бо кӣ гӯям:
Парешондардҳоро дида аксар,
Қаламро кардаам паргори родар,
Қаламро кардаам кафшери лозар. [7, 16]

4. Кафшери лозар.

Дар ҳамин радиф, ибораи кафшери лозар ҳам маҳсули зеҳнии шоир буда, маънои ибора дар поварақи китоби “Қалами найшакарӣ” чунин шарҳ ёфтааст: **Кафшери лозар – дастгоҳи кафшери лазерӣ, шаклан монанди қалам аст. Ҳам филиз, ҳам захми дилро бидуни амалиёти ҷарроҳӣ кафшер мекунад** [7, 16].

Суханҳо дидаам титу парешон,
Қаламро кардаам паргори родар.
Дилеро дида будам пора-пора,
Қаламро кардаам кафшери лозар. [7, 15]

Таркиби ибораи “Кафшери лозар” аз кафшер ва бандаки изофии и ва калимаи лозар иборат мебошад.

Вожаи кафшер дар “Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ” чунин шарҳ шудааст:

Кафшер كفشير – гудохта ва ё ба роҳи дигар ба ҳам пайваст кардани филизот, муқ. лаҳим: кафшер кардан; кафшери гап (суҳбат) киноя аз воситаи тафсондани суҳбат (аз қабили чой-нӯшӣ) [7, 603].

Гунаи дигари вожаи лозар омадааст:

Агар бо ту нагӯям, бо кӣ гӯям:
Парешондардҳоро дида аксар,
Қаламро кардаам паргори родар,
Қаламро кардаам кафшери лозар. [7, 16]

Дар ҷойи дигар вожаи кафшер бо калимаи сухан истифода шудааст:

Ман сафири ватани ишқаму ирфону фанам,
Аз паёми ватани сулҳу сафо муждаи ман.
Банду пайванд занам оҳану пӯлод ба ҳам,
Васли дунёю Ватан низ ба кафшери сухан. [7, 64]

Дар “Ҳикмати озодагон” ҷойе калимаи кафшер низ истифода шудааст:

...ман сӯрохии хурди мудавваре кардам ва ба андозаи он сӯрохӣ найчае бар он кафшер кардам, ки нӯги он моил ба замин буд... [7, 258].

Вожаи кафшер бо пасванди гар дар китоби “Ормонҳои ориёнӣ – тоҷикӣ (Аз Бостон то Ҷовидон)” дар қолаби исму пасванд - кафшергар истифода шудааст, ки маънои онро дар “Фарҳанги тафсирӣ” чунин пайдо кардем:

Кафшергар كفشيرگر - он ки касбу шуғли ӯ ба тариқи кафшер пайваст кардани филизот ва банд кардани шикоф дар филизот аст, кафшеркунанда. Ва кафшергарӣ كفشيرگري бошад, амали кафшергар, ба воситаи кафшер пайваст кардан, кафшеркунӣ мебошад [4, 603].

Ҳатто як кафшергар агар салоҳиятманд аст нисбат ба кафшергарҳои дигар, ки бесаводу коҳилу дар ихтисосашон ақибмонда ҳастанд, даромади чандин маротиба бештар дорад, иззату обрӯи бештар дорад [6, 181].

5. Забонгардонӣ.

Вожаи дигари пешниҳоднамудаи эҷодкор ин вожаи забонгардонӣ мебошад, ки вожа аз се таркиб: забон + гардон + ӣ иборат аст.

Вожаи забонгардонӣ дар фарҳангҳо оварда нашудааст ва умедворам, ки дар оянда онро дар фарҳангҳо ворид месозанд:

Лаҳни бозаргонӣ.
Мо куҷоему дигар,
Илми забонгардонӣ. [7, 92]

6. Лолафарангӣ.

Вожаи “Лолафарангӣ” низ аз се таркиб: лола – фаранг – ӣ иборат аст.

Лолафарангӣ як падидаи наву тозаест дар ҳунари гулпарварӣ, зебоисозӣ. Дар баробари гулу дарахтоне, ки дар боғҳою гулистонҳои мо намесабзиданд, магар баъди кӯшишу заҳматҳои ватандӯстон ба боғу бӯстонҳои мо оварда шуданд, мутобиқ гардонида шуданд ва нашъунамо ёфтанд. Аз ҷумла, лолаҳои рангоранг: – сафед, зард, сурх, ширҷонӣ, бунафш, сиёҳ ва ғ. Аз ин гунаҳо, лолаи сиёҳ дар баъзе навиштаҳои адибони Эрону Афғонистон ба унвони лолаи лулӣ дида мешавад. Аммо дар маҷмуъ он лолае, ки дар баробари лолаи маъмулии тоҷикӣ - лолахасак калимаи сохта шуда, лолаи навро аз чанд ҷиҳат муаррифӣ мекунад:

а) **лолафарангӣ** – ошкору равшан намоиш медиҳад, ки ин **гул** аз Фаранг – Аврупо оварда шудааст.

б) ин лола аз сарзамини Аврупо омадааст, вале аслаш тоҷикӣ аст. Он пардозу парвариши аврупоӣ гирифта, боз омадааст. Ин ҳақиқат дар шеър ҳам омадааст:

Асли ману асли ту ҳамин лолаи худрӯ,
Аз асли худ, олуфтасанам, рӯй магардон. [7, 219]

в) ин лола “Сад ҷилва дорад, ранг ба ранг аст”,
“Гаҳ мушкию нилуфарӣ, гаҳ лолаи лулист”. [7, 219]

Ҳамаи ин сифатҳо аз Фаранг омаданашро ошкору равшан мекунад. Дар маҷмуъ “Лолафарангӣ” ин як навъи нави лоларо барои дақиқу саҳеҳ муаррифӣ мекунад:

Мо лолахасак будаю ту лолафарангӣ,
Мо дар талаби ваҳдату ту дар пайи ҷангӣ. [7, 102]

7. Қалампошна.

Вожаи қалампошна ҳам маҳсули зеҳни шоир буда, як шеъраш унвони “Қалампошна”-ро гирифтааст. Вожаи қалампошна аз ду вожа қалам ва пошна иборат буда, зери кафи пойафзоли занонаест, ки монанди қалам борику нозук мебошад ва дар роҳ рафтан садои тақ-такро медиҳад. Шоир ана ҳамон пошнаро, ки садои тақ-такро медиҳад, ба тасвир кашидааст.

Ин гуна пойафзол дар байни хонумҳо бо унвони “шпилки” машҳур аст:

Аз растаи мо шӯхи қалампошна мерафт,
Аз чашми ман он шӯхи қаламқош намерафт.
Дар синаи ман муҳри қаламқош ниҳода,
Барҷаста дил аз пушти қалампошна мерафт. [7, 84]

Ё қаламхӯрда: шоир бо истифодаи калимаи қалам ва сифати феълии хӯрда калимаи қаламхӯрда сохтааст:

Ӯ бар дари дил тақ-тақи маҳшар заду бигзашт,
Чун санги шарар бар ҷигар ахтар заду бигзашт,
Бардошта шаҳболи қаламхӯрдаи абру,
Баргашта ба дил оташи дигар заду бигзашт. [7, 84]

Пас барои бештар баён намудани вожаи “қалампошна” дар мисраъҳои зайл онро дар ибораи “Он шӯхи қалампошна” истифода намудааст:

Аз чак-чаки пояш бирасад нағмаи борон,
Яъне, бишитобед, ки бигзашт баҳорон.
Хандону шитобон чу баҳорони Душанбе
Он шӯхи қалампошна бигзашт шитобон. [7, 84]

Дар мисраи аввали рубоии зер ибораи шӯхи қалампошна, дар мисраи дувум муҳри қалампошна ва дар мисраи чорум бошад ибораи пушти қалампошна истифода намудааст, ки аз маҳорати баланди нигорандагии шоир дарак медиҳад.

Аз кӯчаи мо шӯхи қалампошна рафта,
Аз синаи ман муҳри қалампошна рафта.
Афтода ба раҳ ними дилам дар паи пояш,
Ними дигар аз пушти қалампошна рафта. [7, 84]

Дар ин ду байт баробари ёфтани калимаи хуби «қалампошна» ҳусни қофия ҳам риоя мешуд, шеърияташ меафзуд.

8 Оташи Бангола.

Оташи бангола ибораест, ки шоир дар шеъри худ онро истифода намудааст:

Дилам як рӯз месӯзад,
Вале таркида-таркида,
Мисоли оташи Бангола месӯзад,
Хурӯшон,
Озарахшон,
Ошиқона... [7, 94]

Дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” вожаи оташ чунин маънидод шудааст:

Оташ 1 آتش. он чи аз сӯхтани чӯб, ангишт, газ ва ғ. ба вуҷуд меояд. 2. маҷ. ҷӯшу хурӯш; сӯзу гудоз: оташи ишқ, оташи ғазаб, оташи дил сӯзу гудози дил; оташу об ду чизи тамоман ба ҳамдигар зид, ду чизи соқиткунандаи якдигар; оташ набошад, дуд намешавад (зарб.); оташи чудоӣ маҷ. сӯзу гудози чудоӣ;... а) даргирифтан, сӯхтан; ҷомааш оташ гирифт; б) маҷ. хашмгин шудан, тез ва асабонӣ шудан; б) маҷ. фитнаеро паст кардан; миёни ду оташ мондан маҷ. чи кор кардан ва ба куҷо рафтани худро надонистан... [7, 39].

Вожаи бангола бошад, шакли тағйирёфтаи бангола аст, ки дар Фарҳанг чунин шарҳ дода шудааст:

Банголӣ 1 – بنگالي. мансуб ба вилояти қадимаи Бангола, ки ҳоло ҷумҳурии Бангладешро ташкил медиҳад. 2. сокини Бангола [4,130].

Дар поварақи китоби “Қалами найшакарӣ” ҳам ибораи “Оташи Бангола”-ро ба русӣ тарҷума намудааст: Оташи Банголаро ба забони русӣ бенгалские огни, свечи меноманд [7, 132].

9. Фаввораи ҷаввола.

Фаввораи ҷаввола – [фейервек] ибораи дигаре, ки шоир сохтааст ва маънояш ҷӯшандаи тарканда мебошад:

Ҳамчунон фаввораи ҷаввола месӯзад,
Ва шоми навбаҳоратро дурахшон мекунад рӯзе,
Дурахшон,
Ишқборон карда дунёи туро як рӯзи наврӯзӣ,
Чу як фаввораи ҷавволаи пирӯзӣ метаркад. [7, 94]

Дар фарҳанг Фаввора а. فواره шарраи об ё моеъ, ки аз сӯрохӣ ё лӯлае бо қувваи фишор ҷӯш зада, баланд мебарояд; фаввора задан, яъне, ҷӯш зада баромадани об, хун ва моеоти дигар; фаввораи нур чашмаи нур, ҷараёни нур [5, 375].

Барои бештар фаҳмидани маъно ва истифода вожаи ҷавволаро дар ҷустори “Вожаёб” ҷустуҷӯ намудем, ки ин торнамои вожаҳо бо такя ба “Фарҳанги форсии Муъин” калимаи ҷавволаро чунин шарҳ додааст:

جواله **ҷаввола** – бисёр ҷавлонкунанда, сайркунанда ва бисёр гарданда мебошад [10].

10. Шоҳнам.

Шоҳнам аз дигар вожаҳоест, ки шоир истифода намудааст. Вожаи шоҳнам аз ду таркиб: шоҳ ва нам иборат буда, маънояш борони нарму пайваста, ки сифатҳои шоҳонаи боҳашаматро дорад.

Баҳоро, ту зи шохнам даргурез,
Сафодор як шоҳнамро бирез.
Ҷаҳонпаҳлавоне сафопеша буд,
Ҷавоне ҳаме бо ҷафо дар ситез. [7, 124]

Асли ин калима аз “шохнам”-и мардумӣ (борони шохнам, яъне борони танҳо шохи дарахтонро каме тар мекардаю ба замин таъсир намекарда) гирифта шудааст.

11. Решадархеш.

Решадархеш – вожаи дигари сохтаи шоир буда, барои истифодаи омма пешниҳод намудааст, ки ин маънои дар асолати худ қавӣ буданро дорад. Таркиби калима аз се қисм: решадар-хеш иборат мебошад.

Маънои вожаи реша дар Фарҳанг чунин омадааст:

Реша 1 – ریشه. қисми зерихокии рустаниҳо, ки аз хоку об моддаҳои ғизоиро ҷаббида мегирад, бех, бун. 2. сабаби аслӣ, моҳияти ҳар чиз. 3. асли калима бе ванд (пешванд, пасванд ва миёнванд); реша давондан а) бехи худро паҳн кардан; б) мустаҳкам шудан, устувор ҷой гирифтан (дар маҳалле); решаи чизеро кандан чизеро тамоман барҳам додан, нобуд кардан; ба решаи касе (чизе) теша задан ба нобудии касе ё чизе кӯшидан; “то реша дар об аст, умеди самаре ҳаст” (зарб.) [163].

Пешоянди дар дар ин калима ба сифати миёнванд омадааст.

Маънои хеш خویش I. Маънои аввали он истилоҳи исмӣ буда, маъноаш худ, аз они худ мебошад. Чунончи, дар шеъри Абулқосим Фирдавсӣ омадааст:

Касе, к-ӯ надорад хирадро зи пеш,
Дилаш гардад аз кардаи хеш реш.

Дувум, ба маънои табор, акрабо, наздикон, яке аз наздикон дар шеъри Саноӣ омадааст:

Бо ҳар кӣ нишинӣ, агарат хеш бувад,
Он бар дили ман зи марги ман беш бувад.

Маъноҳои дигари онро, ки дар ҷустори “Вожаёб” омадааст, меорем:

Хешу акрон خویش و اقران – хешовандон, наздикон. Хешон ва мутааллиқон خویشان و متعلقان – аҳли хонадон ва мулозимону хизматгорон. Хешу пайванд خویش و پیوند – хешу табор, наздикон. Хешро гум кардан خویش را گم کردن – ихтиёри худро аз даст додан, аз худ бехуд гардидан, аз худ бехабар шудан. Хешро кам кардан 1 – خویش را کم کردن. худро хоксор нишон додан 2. киноя аз парешонхотир шудан; саросема шудан. Хешро сохтан خویش را ساختن – худнамоӣ кардан, ҳавобаландӣ кардан /феъл/. Аз хеш рафтан از خویش رفتن – аз худ рафтан, парешонхотир шудан, беҳуш шудан /феъл/. Бар хеш чидан بر خویش چیدن – даст ба коре задан, ки кас аз уҳдаи он баромада наметавонад /феъл/ [9].

Дар умум, маънои решадархеш маънои шинохтани асолати хештан, ба асолати миллии хештан вафодор будан, устувор будан дар заминаи тамаддуни хештан мебошад:

Решадархеш аст Султони Қаран,
Реша маҳкам дошт бояд,
реша андар хештан! [169]

Хулоса, калимаю ибораҳо ва истилоҳоти нав, ки дар осори Назри Яздон мавриди истифода қарор гирифтааст, калимаю ибораҳои зебою дилписанд ва барои ғанӣ гардидани захираи луғваии забони тоҷикӣ то андозае мусоидат менамоянд..

АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик (нашри академӣ). Ҷ.1 [Матн]. – Душанбе, 1985. – 356 с.
2. Мирзоев Сайфиддин. Вижагиҳои грамматикии пасванди – don –(dun) дар забони яғнобӣ [Матн] / Сайфиддин Мирзоев // Масъалаҳои вожагузинӣ ва истилоҳоти забони тоҷикӣ – форсӣ Маводи конференсияи байналмилалӣ (шаҳри Душанбе, 27-уми июли соли 2015), Душанбе “Истеъдод” 2016.– 151 с.
3. Сайидзода, Зафар Шералӣ, Суханҳои ҳикматомӯзи Президент Эмомалӣ Раҳмон дар бораи забон [Матн] / Зафар Шералӣ Сайидзода. –Душанбе: Бунёди забон, 2015. – 116 с.
4. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ. 1 [Матн] – Душанбе: Ксеркслend, 2008. – 950 с.
5. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ. 2 [Матн] – Душанбе: Ксеркслend, 2008. – 944 с.
6. Яздон, Назр. Ҳикмати озодагон [Матн] / Назри Яздон. – Душанбе: Хуросон. 2018, – 400 с.
7. Яздон, Назр. Қалами найшакарӣ[Матн] / Назри Яздон. – Хуҷанд Хуросон. 2019, – 264 с.
8. Яздон, Назр. Ормонҳои ориёнӣ-тоҷикӣ (Аз бостон то ҷовидон) [Матн] / Назри Яздон. – Душанбе: Шоҳин –С. 2021, – 384 с.
9. https://vazhaju.tj/search/%D1%85%D0%B5%D1%88 Вожаҷӯ.
10. https://vajehyab.com/?q=جواله&d=en Вожаёб.
11. Кардиоскопия (кардиография) сердца https: //foodan-dhealth.ru/diagnostika/kardioskopiya-serdca/.

НАЗАРЕ БА ВОЖАСОЗИИ НАЗРИ ЯЗДОН

Дар мақола шарҳу тавзеҳоти ибораю калимасозие таҳқиқ гардидааст, ки шоир Назри Яздон дар эҷодиёти худ истифода намудааст ва ин ибораю калимаҳо маънои хоссеро доро мебошанд. Шоири мардумӣ калимаю ибораҳоро барои истифодаи васеи омма пешкаш намудааст. Наздик ба ҳамин шаклу маънои ин вожаю ибораҳо дар дигар фарҳангҳо ва дар хатти форсӣ ҳам омадааст ва мо то андозае ин калимаю ибораҳоро мавриди таҳқиқ қарор додем. Бояд қайд намуд, ки дигар шоиру нависандагонии тоҷик агар барои ғанӣ гардонидани фарҳанги маънавии миллати хеш, як ё ду калимаи нав ҷиҳати истифодаи ҳамагон пешниҳод намоянд, табиист, ки фарҳанги миллии мо фарҳанги қавитару ғанӣ мегардад. Ҳамзамон, дар мақола барои калимаҳои истифодашуда таҳқиқу шарҳу тавзеҳ бо мисолҳои мушаххас оварда шудааст.

Калидвожаҳо: калима, забони тоҷикӣ, калимасозӣ, вожаҳои калимасоз, дилнигора, мероси миллат, сармояи маънавӣ, давлати соҳибистиқлол, миллат, фарҳанг, забон, ҳақиқати таърих.

Маълумот дар бораи муаллиф: Пудинаев Умед – унвончӯи Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакии АМИТ. Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21.
Тел.: (+992) 918596076, **E-mail:** donishdust@gmail.com.

ВЗГЛЯД В СЛОВООБРАЗОВАНИИ НАЗРИ ЯЗДОН

Статья представляет собой описание фраз и слов, которые Назри Яздан использовал в своем творчестве, имеющих особое значение. Народный поэт представляет слова и выражения для широкого общественного пользования. Подобные слова и фразы в других культурах и в персидском письме имеют схожие формы и значения, и мы изучили некоторые слова и фразы. Следует отметить, что если и другие таджикские поэты и писатели предложат одно-два новых слова для обогащения духовной культуры своего народа, то естественно, наша национальная культура и язык станет сильнее и богаче. В то же время, в статье даны пояснения и конкретные примеры для исследованных слов.

Ключевые слова: слово, таджикский язык, словообразование, словообразование, дильнигора, национальное наследие, духовная столица, независимое государство, нация, культура, язык, историческая правда.

Об авторе: Пудинаев Умед – аспирант Института языка и литературы им. А. Рудаки НАНТ. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 21.

Тел.: (+992) 918596076, **E-mail:** donishdust@gmail.com.

A LOOK AT NAZRI YAZDON′S WORD FORMATION

This article is a description of the phrases and words that Nazri Yazdan used in his Poetries, which have a special meaning. The people's poet presented words and expressions for wide public use. Similar words and phrases in other cultures and in Persian writing have similar forms and meanings, and we have studied some of the words and phrases. It should be noted that if other Tajik poets and writers offer one or two new words to enrich the spiritual culture of their people, then it is natural that our national culture and language will become stronger and richer. At the same time, the article provides explanations and specific examples for research word phrase.

Keywords: tajik language, word formation, dilnigora, national heritage, spiritual capital, independent state, nation, culture, language, the truth of history.

About the author: Pudinaev Umed – post-graduate student of the Institute of Language and Literature, named after. A. Rudaki of the NAST. 734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 21.

Tel.: [+992] 918596076, **E-mail:** donishdust@gmail.com.

ТДУ891.550.09-1

НОМВОЖАҲОИ НУҶУМӢ ДАР АШЪОРИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ

Қудратова Б. А.[1]

Мавлоно Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ (1414 -1492) аз зумраи адибони шинохта ва сермаҳсули адабиёти форсии тоҷикӣ ба шумор рафта, тули умри бобаракати худ ба мо-баъдинагон мероси гаронмояи адабию илмӣ ба ёдгор гузоштааст. Ҷойи таъкид аст, ки дар бораи ин адибу мутаффакир ва мероси адабию илмии ӯ аз замони зиндагонияш то ба рӯзгори мо мақолаю рисола, ишораҳои хурду бузург, таҳқиқоти зиёде рӯи кор омадааанду минбаъд ҳам омӯзишу пажӯҳишҳо идома хоҳанд ёфт. Ин ба он маъност, ки дар ҳар давру замон вобаста ба талабот ва раванди он ба эҷодиёти адибони гузашта муроҷиат хоҳанд кард.

Мероси илмию адабии Абдураҳмони Ҷомӣ гуногунрангу пурмуҳтаво буда, бо забони гуворо, ғанӣ, ширин, фасеҳ, халқӣ ва барои хосу ом фаҳмо эҷод гардидаанд. Вай ҳамчун як чеҳраи саррофи сухан бо корбурду истифодаи санъатҳои бадеӣ ва истеъмоли вожаҳои хушоҳанги форсии тоҷикӣ, ибораю таъбирҳои мардумӣ, мақолу зарбулмасалҳо, номвожаҳои улуми замон ва ғайра барои рангину намакин намудани забони осори бадеияш хастанопазирона кор гирифтааст. Барои ин мебояд, ки боре ба девонҳо, маснавиҳои ‘‘Ҳафт авранг’’, ‘‘Баҳористон’’ ва дигар офаридаҳои килки сеҳрангези ӯ муроҷиат намуду итминони комил ҳосил кард.

Ба қавли муҳаққиқи рӯзгору осори Мавлоно Ҷомӣ профессор Аълохон Афсаҳзод дар истифодаи забон, асосан ба талаботи сарфу наҳви забони адабии асри ХУ тоҷик риоя кунад ҳам, истеъмоли калимаҳои хушоҳанг, ибораю таъбирҳои рехтаи халқӣ ниҳоят ва борикбин аст. Шоир сухани худро чунон обуранг медиҳад, ки хонанда воқеаю ашхоси тасвиршударо бемалол мебинад, ин навоварӣ, ки асосан ба кушода шудани афкори ботинӣ, барҷаста тасвир шудани симоҳои офаридашуда, нишон додани нобаробариҳои иҷтимоӣ, зебо гардидани сухан, барангехтани шавқи хонанда нигаронида шудааст [1,128].

Мавриди зикр аст, ки забони ашъори Мавлоно аз забони гуфтугӯии халқ дур набурда, онро ба намунаи забони ширину гуворои зиндаи тоҷикӣ, ки то кунун бо тамоми бузургӣ дар таҳаввул аст, табдил намудааст.

Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ вобаста ба сохту муҳтавои ашъораш ва маъниофаринӣ дар баробари истифодаи бемайлон аз забони равон, санъатҳои лафзию маънавии адабиётамон аз номвожаҳои ҷуғрофӣ монанди Рум, Юнон, Тӯрон, Лубнон, Эрон, Ҷом, Ҳирот, Харгард, Макка, Мадина, Ҳинд ва ғ., номвожаҳои асотирии мардумони форситабор, монанди Рустами Дастон, Суҳроб, Ҳотам, Юсуф, Зулайхо, Лайлӣ, Маҷнун, Ширин, Исо, Сулаймон, Билқис ва ғ.-ҳо, номвожаҳои афсонаю ривоятҳои динӣ, монанди Одаму Ҳавво, Тӯфону Нӯҳ, Дами Исо, Асои Мусо, Тӯбо, Оташи Намруд, Шофеъӣ ва ғ., номвожаҳои марбут ба рӯйдодҳо ва шахсони таърихӣ Афлотун, Фағфур, Ҳоқон, Санҷар, Маҳмуд, Аёз, Халлоҷ, Ҳасану Ҳусайн, Султон Ҳусайни Бойқаро ва ғ., номвожаҳо аз воқеаҳои фарҳангӣ, монанди Анварӣ, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Хоҷа Ҳофиз, Мавлоно Ҷалолуддини Балхии Румӣ, Авесто, Монӣ ва ғ., номвожаҳои нуҷумӣ монанди Моҳ, Муштарӣ, Хуршед, Офтоб, Гови Фалак, Зуҳра, Уторид, Ноҳид, бурҷҳои осмонӣ ва ғ. огоҳона истифода намудааст.

Воқеан, то имрӯз оид ба номвожаҳои ҷуғрофии мавзеъҳои алоҳидаи Тоҷикистон як силсила рисолаҳои илмию таҳқиқотӣ ва асару мақолаҳои илмӣ-оммавӣ ба нашр расидаанд, ки ҳар кадомашон ба таҳлилу баррасӣ ва ҳаллу фасли ҳамаҷонибаи масоили мухталифи топонимияи маҳалҳои гуногуни ҷумҳурӣ бахшида шудаанд [2, 9]. Вале аз ин нигоҳ ба номвожаҳои нуҷумии дар осори бадеии адибони классикиамон, умуман, камтар таваҷҷуҳ рафтааст.

Дуруст аст, ки ин номвожаҳо бештар ба таври умумӣ дар бахши адабиётшиносиамон

1. Қудратова Бунафша Абдунабиевна – унвончӯи ДДБЗТ ба номи С.Улуғзода

ба сифати санъати талмеҳ мавриди истифода қарор гирифта бошанд хам, ба хусусиятхои граматикии онхо ва махсусан, таҳлили луғавӣ ва маъноии онҳо бошад, ҳанӯз таваҷҷуҳи хосае дода нашудааст. Аз ин рӯ, мо дар маколаи хеш пиромуни хусусиятхои номвожахои нуҷумии осори Мавлоно Абдурахмони Ҷомӣ баъзе мулоҳизаҳои хешро, ба таври мухтасар, иброз менамоем.

Чи тавре ки ишора рафт, Мавлоно Ҷомӣ барои бо либоси шинам оро додани мероси адабии худ аз тамоми имконоти забонии замонаш устокорона истифода намудааст ва бадин васила тавонистааст омӯхтаҳою андӯхтаҳои худро моҳирона ба кор барад. Яке аз инҳо огоҳии тамом доштани ӯ аз илми нуҷум ва тасаввури доштаи ӯ аз пешиниёни банӣ-башар дар бораи пайдоиш, сохти кайҳону сайёраҳо, ситораҳо ва ҷойгиршавии онҳо дар осмони бекарон мебошад. Ва ҷойи таъкид аст, ки дар мавриди истифодаи истилоҳоти нуҷумӣ ва сипеҳршиносӣ шоир аз маънои кулли онҳо истифода нанамуда, ҳар кадомеро вобаста ба мазмуну мундариҷаи осораш маҷозану талмеҳан кор фармудааст. Ин тарзи истифодабарию маъносозӣ ба Мавлоно Ҷомӣ имкон фароҳам овардааст, ки забони осораш ва баёни андешаҳояш ғанитар гарданд.

Дар забоншиносии муосир, тавре ишора рафт, дар бораи сохтори топоним ва микротопонимҳои тоҷикӣ, ташаккули топонимияи таърихии бисёр минтақаҳои Тоҷикистон, хусусиятҳои онҳо корҳои зиёде анҷом ёфтаанд [2,206,225] ва боз ҳам омӯзиши ин номвожаҳо идома дорад. Аммо номвожаҳои нуҷумӣ ва кайҳонӣ, ки онҳоро низ инсонҳо дар тули таърихи дароз ва омӯхтаю андӯхтаҳо номгузорӣ намудаанд, пажӯҳише ба назар намерасад. Осмон, Замин, Кайвон, Хуршед, Офтоб, Моҳ, Зуҳал, Зуҳра, Муштарӣ, Сурайё, Суҳо, Суҳайл, Парвин, Уторид барин номҳо, ки маншаи луғавию маъноӣ доранд, дар баробари дар сари худ истиқлолияти забонӣ доштан, барои ифода намудани ҷирмҳои муайяни осмонӣ дар адабиёт мавриди истифодаи бадеӣ қарор гирифтаанду забони осори бадеиро ғанӣ ва ҳунари маънисофарии эҷодкорро афзудаанд. Мо инро дар мисоли ашъори Мавлоно Ҷомӣ то ҳадди имкон ба мушоҳида гирифтаем.

Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ вобаста ба сохту муҳтавои асари бадеияш ва рангинбаён намудани забони офаридаҳояш дар баробари истифода аз имкониятҳои васеъи забон аз номвожаҳо ё истилоҳоти нуҷумӣ низ кор гирифтааст, ки чанде аз онҳоро бо мисолҳои мушаххас ба риштаи таҳлил мекашем:

1. Муштарӣ – номи бузургтарин сайёраи манзумаи Офтоб-Юпитер, ки онро Бирҷис ва Ҳурмуз низ меноманд. Муштарӣ дар фалак ё осмони шашум ҷойгир аст ва ситорашиносони қадим онро муборак шуморида, Саъди Акбар ва Қозии фалак ҳисоб кардаанд. Ҷомӣ дар достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и худ ҷое сифати зебоии Лайлиро карда, номвожаи «Муштарӣ»-ро ин тавр мавриди истифода қарор додааст:

То бурд ба сӯи хонааш роҳ,
Дидаш, ки буруни хайма чун Моҳ.
На Моҳ, ки Меҳри оламафрӯз,
На Меҳр, ки оташи ҷаҳонсӯз.
Маҳҳулаю Муштариҳамоил,
Ҳуришияму паришамоил. [9,226]

Дар ин ҷо дар баробари истифода шудани номвожаи «Муштарӣ», ҳамзамон аз ҷирмҳои осмонӣ номҳои «Моҳ» (Моҳтоб), «Меҳр» (Офтоб) ёд гардида, ба сифати ҳусну ҷамоли Лайлӣ омадаанд.

2.Зуҳал – номвожаи нуҷумӣ буда, номи дигараш сайёраи Кайҳон , ки бар фалак ё осмони ҳафтум ҷой дорад ва онро мардум «Наҳси Акбар» низ ном мебаранд. Дар достони «Хирадномаи Искандарӣ» ин номвожа чунин истифода шудааст.

Зи Кайҳон басе бештар айвони ӯ,
Зуҳалпайкарон гашта дарбони ӯ. [9,276]

Ин ситораро мардум барои он «Наҳс» гуфтаанд, ки гӯё ба сарашон бадбахтию бадтолеъӣ меорад. Бад-ин маънӣ, ки таъсири бади ситораҳо гӯё сабаби бадбахтии мардум аст. Маънои вожаи «Зуҳалпайкар» бошад бузургҷусса, қавиҳайкал, тануманд, аз ҳад зӯр, боқувват, қавибозу будааст. Дар ин маврид Мавлоно Ҷомӣ посбони дари подшоҳи шаҳрро дар қуввату зӯр ба ситораи Зуҳал монанд намуда, ҳамзамон аз санъати талмеҳ кор гирифтааст.

Мавлоно дар чанд маврид аз ситораи Зуҳал –Кайвон ёд кардааст:

Зи Кайвон бартар аст айвони васлаш,
Хуш он мурғе, ки ӯро парру бол аст. [6,235]
Ба ҳафтум кох чун наълайн судаш ,
Зуҳал ҳал ёфт ҳар мушкил, ки будаш. [3,274]

3.Зуҳра – ё сайёраи Ноҳид (Аноҳита). Онро «Саъди Аасғар» низ меноманд. Мардум ин ситораро «Мутриби фалак», «Зуҳраи чангӣ», «Лӯлии фалак», «Зуҳраи барбатнавоз» низ хондаанд ва олиҳаи зебоӣ, суруду рақс ва хушию хурсандӣ шуморидаанд. Зуҳра аз равшантарину дурахшонтарин ситора ба шумор меравад. Аз ин нигоҳ, онро Зуҳраи заҳро низ мегӯянд. Мавқеи ҷойгиршавии Зуҳра дар осмон бурҷи мизон аст. Зуҳра нисбат ба Замин баъд аз Уторид қарор гирифтааст. Мавлоно Ҷомӣ дар достони «Саломон ва Абсол» фармудааст:

Нақти Абдол аз замири ӯ бишуст,
Меҳри рӯи Зуҳра бар вай шуд дуруст. [8,237]

Мисоли дигар низ аз ҳамин достон:

З-он ҳакимаш васфи ҳусни Зуҳра гуфт,
Кард ҷонашро ба меҳри Зуҳра ҷуфт.
То ба тадриҷ ӯ ба Зуҳра орамид
В-аз ғами Абсолу ишқи ӯ раҳид. [8,245]

Дар ин мисолҳои овардашуда дар навбати аввал ҳамоно ситораи Зуҳра дар назар дошта шуда бошад, дар навбати сонӣ номи занест, ки раққоса будаю Ҳоруту Морут шефтаю шайдо ва ошиқи ӯ будаанд. Ба ин маънӣ Мавлоно Ҷомӣ мегӯяд:

Чу рухсат ёфт ҳамчун Зуҳра раққос,
Даромад шодмон дар хилвати хос. [3,275]

Дар ривоятҳо омадааст, ки гӯё «Зуҳра» дар байни мардум замоне раққоса ва дар чагнавозӣ устоди машҳур будаю дар базмҳо табъҳоро болида медоштааст. Боре ӯро мардум меранҷонанд ва ӯ гӯё ба Осмон парвоз карда, ба сифати ситора мегардаду дар Осмон мемонад, ки ин чандон ба ҳақиқат монанд нест, вале ситорае, ки хеле равшану тобон аст, ахтаршиносон ба хотири ин «Зуҳра»- и чангӣ, «Зуҳра» ном ниҳода буданд.

Дар заминаи вожаи ‘‘Зуҳра’’ Мавлоно Ҷомӣ ҳамчунон вожаи мураккаби ‘‘Зуҳрачабин’’-ро сохтааст, ки маънои базеб, хушрӯ, зебо, соҳибҷамолро дорад:

Ҳавои мутриби гулчеҳра кун, ки гӯӣ чанг,
Ба дасти зуҳрачабинон аҷаб диловез аст. [5,212]

4. Парвин – вожаи нуҷумӣ буда, номи шаш ситораи хурде, ки дар як ҷо ҷамъ шуда, дар

Осмон ба бурҷи Сарв дохил мешаванд . Он асосан дар айёми зимистон ва дар аввали шаб намоён мешавад. Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ дар ашъораш аз номвожаи нуҷумии ‘‘Парвин’’ бо маъниҳои гуногун хеле зиёд истифода бурдааст. Монанди киноя аз оби дида, дандон, намоён кардани дандон, ҷамъ омадан, қатраҳои об ва ғайра. Масалан:

Зад маҳи рӯи ту хирман, фалак аз мазраъи хеш,
Гӯ ба доси маҳи нав хӯшаи Парвин бидарав. [7,315]

Дар ин ҷо «Хӯшаи Парвин» гуфта шоир пеш аз ҳама шаш ситораи хурдро, ки якҷоя Парвин номида мешаванд, дар назар дорад. Номи дигари «Парвин» «Сурайё» мебошад, ки Мавлоно Ҷомӣ ин номвожаи нуҷумиро, ки муродифи «Парвин» аст, ба кор бурда, ашъори худро аз нигоҳи забон ва ҳусни баён рангину хотирнишин сохтааст. Мисол:

З-ашку оҳам дар Замину Осмон расвои ишқ,
Чун кунам, к-он то саро в-ин то Сурайё меравад. [6,436]

Мавлоно Ҷомӣ баъзан киноятан вожаи «Парвиниқд»-ро ҳам офаридааст, ки мурод аз касе, ки гарданбандаш аз сангҳои қиматбаҳо иборат мебошад. Масалан:

Назму насраш бин, ки пиндори дабири чарх кард,
Иқди Парвинро дар аснои Банотуннаъш ҷо. [5,56]

5. Суҳо – номи ситораи бисёр хурд дар Банотуннаъш (номи галаситорае, ки онро ба тоҷикӣ Ҳафт Додарон мегӯянд), ки паҳлуи ситораи дувум ва се ситораи байнаш меистад ва тезии назарро ба он меозмоянд. Мисол:

Пире , ки дар изофаи нур Офтобу Моҳ,
Пеши замири анвари ӯ камтар аз Суҳост. [6,43]

Мисоли дигар:

Хусрави ғозӣ муизи мулку дин - Султон Ҳусайн,
Он ки пеши талъаташ Хуршедро қадри Суҳост. [10,24]

Дар ин байт шоир сифати зоҳирии султони вақт Ҳусайн Бойқароро намуда, гуфтааст, ки талъати шоҳ он қадар гарму назарработ, ки аз Хуршед ҳам болост ва пеши талъати шоҳ «Хуршедро қадри Суҳост».

6. Суҳайл – вожаи нуҷумист. Номи яке аз ситораҳои дурахшон дар қисми ҷанубии Осмон, ки шабҳои охири тобистон намудор мешавад. Онро Суҳайли Яманӣ низ меноманд. Мавлоно Ҷомӣ онро ба таври зайл истифода намудааст:

Як хулқи хуш зи ҳар кӣ бибинӣ писанд кун,
Юмни Суҳайл шуд санади давлати Яман. [6,55]

Ҷои дигар Мавлоно вожаи Суҳайлро ин тавр овардаю маънӣ сохтааст:

Лаъли сероби ту рахшанда Суҳайлест, ки дод
Гавҳари ашки маро партави он ранги ақиқ. [6,58]

7. Уторид - ин ҳам аз вожаҳои нуҷумӣ буда, дар сайёраи Тир, Меркурӣ , ки дар илми ҳайат, яъне илм барои ҷисмҳои осмоншиносӣ ва ситорашиносӣ онро Дабири фалак меноманд. Дар ашъори Абдураҳмони Ҷомӣ ба ин номвожаи нуҷумӣ метавон дучор омад. Мисол:

В-аз он ҷо шуд ба болотар сабукхез ,
Уторидро ба фарқи сар аторез. [4,217]

Дар тасвири шоир ситораи Уторид дар ҳайати нуҷумӣ дорои ҷою мақом, баландмартаба, баланддараҷа, баландпоя, олиқадр, олимақом пуршукӯҳ аст, ки ӯ вожаи мураккаби ‘‘Уторидҳашмат’’- ро ба ин мазмун сохта мегӯяд:

Даромад ногаҳон аз дур чу моҳе,
Уторидҳашмате, хуршедҷоҳе. [4,217]

Илова бар ин ҳама дар эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ номвожаҳои нуҷумӣ ба ин ё он муносибате, бештар дар муқобилаю муқоиса ба симоҳои офаридааш истифода гардидаанд, ки пажӯҳиши ҳамаҷонибаи онҳо дар баҳо додан ба забони ашъори шоир муфид буда, кори муфассали минбаъда дониста мешавад.

Ниҳоят бояд гуфт, ки Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ дар осораш бо бинишу дониши фарох ва диди амиқи эҷодӣ ба ҳама ашёи дунё таваҷҷуҳ намуда, забони баёни осорашро ғанӣ, пурбор ва хотирмон сохтааст. Истифодаи номвожаҳои нуҷумӣ дар ашъори масуф хаёлоти ӯро рангину ширин сохтаанд ва хонандаро во медоранд, ки каме ҳам бошад ба андеша фурӯ равад, фикр кунад, кӯшиши ба умқи маънии офарида бирасад. Ин бошад дар адабиётшиносӣ талмеҳан овардани номвожаҳои нуҷумӣ аст, ки назари адабиётшиносонро мехоҳад.

АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

1. Афсаҳзод, Аълохон. Достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Абдураҳмони Ҷомӣ [Матн] / Аълохон Афсаҳзод. –Душанбе: Дониш ,197. –240 с.

2.Маҳмадҷонов О.О. Топонимия ва микротопонимияи қисмати шимолии води Ҳисор [Матн] / Олимҷон Обидҷонович Маҳмадҷонов. –Душанбе : Шуҷоиён,2010. –228 с.

3. Нуров А. Фарҳанги осори Ҷомӣ.Иборат аз ду ҷилд.Ҷилди 1 [Матн] /Амон Нуров. – Душанбе ,1983 .– 536 с.

4. Нуров А.Фарҳанги осори Ҷомӣ.Иборат аз ду ҷилд.Ҷилди 2 [Матн] / Амон Нуров. – Душанбе,1984. – 608 с.

5. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Иборат аз ду ҷилд [Матн].-Москва;Советская эециклопедия.Ҷилди 1,1969. -952с.;ҷилди ду. Москва,1969. – 950 с.

6. Ҷомӣ. Осор. Дар ҳашт ҷилд.Ҷилди якум. Фотиҳат-уш-шубоб [Матн] / Абдураҳмони Ҷомӣ. Ба чопҳозиркунанда Аълохон Афсаҳзод. –Душанбе: Ирфон ,1986. – 950 с.

7. Ҷомӣ. Осор. Дар ҳашт ҷилд. Ҷилди дуюм. Фотиҳат-уш-шубоб [Матн] / Абдураҳмони Ҷомӣ .Ба чопҳозиркунанда Аълохон Афсаҳзод . –Душанбе: Ирфон ,1987.– -576 с.

8. Ҷомӣ. Осор. Дар ҳашт ҷилд.Ҷилди сеюм. Силсмлат-уз-заҳаб,Саломон ва Абсол, Тулфат-ул аҳрор [Матн] / Абдураҳмони Ҷомӣ. Ба чоптайёркунандагон К.Айнӣ, А.Зуҳуриддинов –Душанбе: Ирфон, 1987. – 288 с.

9. Ҷомӣ. Осор. Дар ҳашт ҷилд. Ҷилди панҷум. Лайлӣ ва Маҷнун, Хирадномаи Искандарӣ / Абдураҳмони Ҷомӣ. Ба чопҳозиркунанда Аълохон Афсаҳзод . –Душанбе: Ирфон, 1988. – 384 с.

10. Ҷомӣ. Осор. Дар ҳашт ҷилд. Ҷилди шашум. Воситат-ул-иқд, Девони сонӣ / Абдураҳмони Ҷомӣ. Ҳозиркунандаи чоп Аълохон Афсаҳзод . –Душанб: Ирфон ,1988. – 560 с.

НОМВОЖАҲОИ НУҶУМӢ ДАР АШЪОРИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ

Мавлоно Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ (1414-1492) адибу муттафаккири асри ХУ адабиёти форсии тоҷикӣ буда, аз худ осори зиёди бадеӣ ба мерос гузоштааст. Вай барои суру-

дани ашъори ғиноӣ ва навиштани достонҳои зиёду офаридани симоҳои барҷаста аз забони модариаш - форсии тоҷикӣ устокорона аз тамоми имкониятҳои мавҷуда истифода намуда тавонистааст.

Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи номвожаҳои нуҷумӣ ва корбурди онҳо дар ашъори Ҷомӣ меравад. Шоир дар ашъораш аз номвожаҳои нуҷумӣ, монанди Муштарӣ, Зуҳал, Зуҳра, Парвин, Суҳо, Суҳайл, Уторид дар мавридҳои зарурӣ кор гирифта, вобаста ба муҳтавои асарҳояш ба онҳо мазмуну маънои тоза додааст. Агар ин номвожаҳо дар ашъори шоир аслан ба маънои аввалӣ, яъне талмеҳан истифода шуда бошанд, муаллиф дар мақола кӯшиш намудааст, ки маънии забонӣ ва маншаи баромаду таърихияташонро ҳаддалимкон нишон диҳад. Минбаъд, ҳамаҷониба омӯхтани он барои ба забони асарҳои адиби мутафаккир баҳои арзанда додан муфиду арзишманд дониста мешавад.

Калидвожаҳо: Абдураҳмони Ҷомӣ, номвожаҳои нуҷумӣ, корбурд, муҳтаво, ашъор, Муштарӣ, Зуҳал, Зуҳра, Парвин, Суҳо, Суҳайл, Уторид, забон ҳусни баён, маънио-фарӣ…

Маълумот дар бораи муаллиф: Кудратова Бунафша Абдунабиевна –муаллимаи муассисаи давлатии «Мактаб-интернати миёнаи мусиқии ба номи Зиёдулло Шаҳидӣ», унвонҷӯи ДДЗТ ба номи С. Улуғзода. Суроға: 734019, Ҷумҳурии Трҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Фирдавсӣ, 29/1. хонаи 15.

Тел.: (+992)938024004. **E-mail:** qudratovabunsha@gmail.com

АСТРОНОМИЧЕСКИХ ТЕРМИНОВ В ПОЭЗИИ АБДУРАХМАНА ДЖАМИ

Мавляна Нуриддин Абдурахман Джами (1414-1492) является великим поэтом и мыслителем таджикско-персидской литературы 15-ого века, оставивший в наследство множество художественных произведений. Для сочинения своих известных музыкальных стихов и эпос и создания многочисленных ярких образов он мастерски использовал свой родной таджикско-персидский язык. В настоящей статье речь идет об астрологических терминах и их использовании в поэзии Абдурахмана Джами. В своих стихотворениях и поэмах великий поэт часто употребляет такие астрологические термины, как Муштари (Юпитер), Зухал (Сатурн), Зухра (Венера), парвин (плеяды), Сухайл (Канопус), Уторид (Меркурий) и в зависимости от содержания своих произведений придавал им новые значения. Изучение данной темы представляется важным для дальнейшего всестороннего анализа богатого наследия великого поэта.

Ключевые слова: Абдурахмана Джами, астрологические термины, поэзия, содержание, Муштари (Юпитер), Зухал (Сатурн), Зухра (Венера), парвин (плеяды), Сухайл (Канопус), Уторид (Меркурий), образ, культура речи.

Сведения об авторе: Кудратова Бунафша Абдунабиевна –Государственное учреждение «Республиканская средняя специальная музыкальная школа-интерната имени Зиёдулло Шахиди», преподаватель,аспирантка заочного отделения ТГИЯ имени С. Улугзаде. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе улица Фирдоуси, 29/1, кв. 15.

Тел.: (+992) 938024004. **E-mail:** qudratovabunsha@gmail.com

ASTROLOGICAL TERMS IN THE POETRY OF ABDURAHMAN JAMI

Mavlyana Nuriddin Abdurahman Jami (1414-1492) is a great poet and thinker of the 15th century of Tajik-Persian literature, who left many works of art inherited. He used his native Tajik-Persian language for composition his famous music and epic poems and creation numerous vivid visualities. This article deals with astrological terms and their use in the poetry of Abdurahman Jami. In his Poe poetry and poems, the great poet often uses such astrological terms as Mushtari

(Jupiter), Zuhal (Saturn), Zuhra (Venus), Parvin (Pleiad), Suhail (Canopus), Utorid (Mercury) and depending on the content of his works gave them new meanings.

The study of this topic is important for further comprehensive analysis of the rich heritage of a great poet.

Keywords: Abdurahman Jami, astrological terms, poetry, content, Mushtari (Jupiter), Zuhal (Saturn), Zuhra (Venus), Parvin (Pleiad), Suhail (Canopus), Utorid (Mercury), visuality, culture of speech.

Information about author: Kudratova Bunafsha Abdunabievna -Hoscow Institute of Fine Arts "Ziyodullo Shahidi" specialties of republican music, Address: 734019, Republic of Tajikistan, г. Dushanbe city 29.06. sq. 15.

Tel: (+992) 938024004. **E-mail:** qudratovabunsha@gmail.com

ТДУ891.55.09-1

АДАБИЁТШИНОСӢ

ПОЁНИ ДАВРАИ ПАҲЛАВОНӢ ДАР “ШОҲНОМА”

Хокироев Р.Г.[1] Ғиёсиев М. И.[2]

Пас аз моҷарои Кайхусрав, дигар то поёни ҳамоса аз Зол ва Рустам сухан ба миён намеояд. Даврони Луҳросп бо мисоли дигар ва авомили дигар ихтисос ёфтааст. Дар даврони Луҳросп кашмакашҳои дохилии ниҳоди сиёсӣ ва зиддият миёни Луҳросп ва Гуштосп матраҳ аст ва дар замони Гуштосп гирифториҳои ӯ бо фарзандаш Исфандиёр ва тазодҳояш бо душманони дини беҳӣ ба миён омадааст. Ситезаи некӣ ва бадӣ ба фарҷом расида ва поёни ҳазораи севум ба пирӯзии некӣ пайвастааст. Асотир инак бо ҳазораи дигар ва оғози зуҳури Зардушт ва дини беҳӣ рӯбарӯст ва сухан аз истиқрори ойини зардуштӣ аст. Агар ихтилофе миёни Тӯрониён ва Эрониён ҳаст, ба сари ойини ҷадид аст. Аз паҳлавонони даврaҳои гузашта дигар асаре пайдо нест. Хонадони Гударз ва хонадони Зол дигар коркарде мустақим дар ҷараёнҳои сиёсию динӣ ва паҳлавонӣ надоранд.

Аммо ҳеҷ гуна буҳрон ва ҳодисае наметавонад дар Эронзамин рӯй диҳад ва Золу Рустам аз он барканор бимонанд. То ҳамоса ҳаст, пайгирии инсон низ дар миён аст. Танҳо ҳангоме метавон зиндагии инсонро раҳо кард, ки зиндагии ҳамосӣ ба поён ояд. Пас аз тайи кашмакашҳо дубора ба василаи Зол бо ниҳоди сиёсӣ мерасем ва муносибати ин дуро дар ҳаёти қавми эронӣ бозмеёбем.

Аз сӯйе ҳар чи ба поёни зиддиятҳои хонадони Гуштоспӣ наздик мешавем, ҷараёни умур низ бо пешравӣ ва истиқрори амиқи Зардушт ҳамоҳангии бештаре меёбад. Аз ин рӯй, нахустин бор дар даврон бо Зол ва Рустам рӯбарӯ мешавем, бо наҳвае бархурд ва иртиботи эшон бо ин ойин ошно мегардем. Гуштосп дар пайи ривоҷ додани дини беҳӣ ба Зобулистон омадааст:

Ки он ҷо кунад Занду Усто раво,
Кунад мубадонро бад-он ҷо гуво.

Ва сухан аз ин аст, ки:

В-аз ӯ Занду Каштӣ биёмӯхтанд,
Бибастанду озар барафрӯхтанд.

Моҷарои Гуштосп дар ҷаҳон пароканда шудааст ва ҳамагон дарёфтаанд, ки Гуштосп:

Ба Зовулситон шуд ба пайғамбарӣ,
Ки нафрин кунад бар бути озарӣ. [13, 133]

Аммо он чӣ ёд шуд, аз матолибе аст, ки Дақиқӣ сурудааст ва дар натиҷа наметавонад баёнгари назари Фирдавсӣ ва манобеи ӯ нисбат ба робитаи хонадони Систону шоҳ ва ойини ҷадид бошад. Аз тарафи дигар чунин ахбореро Саолибӣ низ зикр кардааст [11, 381].

Бо таваҷҷуҳ ба рағбати Дақиқӣ ба тарҳи масоили зардуштӣ метавон дар ин амр низ писанди хотири ӯро нуҳуфта дид.

Аз ин гузашта шояд битавон гуфт, ки ин масъалаи рафтани Гуштосп ба Систон метавонад тасаввуре бошад аз мақоми подшоҳии ӯ. Зеро бинобар Зомиёдяшт Систон ватани Каёниён аст. Ин хабар бояд назар бар ҳамин давраи мутааххири Гуштоспӣ бошад. Гуштосп рӯбарӯи дарёчаи Фараздон барои Ардуясур Аноҳид қурбонӣ карда, дархост ва дуо кард, то ба Арҷоспи Тӯронӣ пирӯз гардад [9, 285].

1. Хокироев Р. Г. – дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикии ДДОТ ба номи С. Айнӣ.
2. Ғиёсиев М. И. – н.и.п., мудири шуъбаи анформатсия, алоқаҳои илмӣ ва омӯзиши фарҳанги Шарқи Маркази мероси хаттии назди Раёсати АМИТ.

Ин дарёчаи Фараздон бинобар Бундаҳишн дар Систон воқеъ аст. Пас, дур нест, ки Дақиқӣ чунин амреро бо муқаррари Зол ва Рустам дар ҳам омехта ва аз он зардуштӣ шудани ононро натиҷа гирифта бошад.

Шигифтӣ дар ин аст, ки агар Гуштосп дар Зобул меҳмони Золу Рустам будааст, пас чӣ гуна аз оне, ки аз ҳамлаи Арҷосп ба Балх огоҳ шуда, ба Сиҷ лашкар мекашад ва аз саросари ҷаҳон сипоҳиёнро фаро мехонад, аз пайвастани Зол ва Рустам ба ӯ, ба манзури кинхоҳии Луҳросп, сухан ва хабаре дар миён нест?

Боре Фирдавсӣ робитаи паҳлавони Систонро ба хонадони Гуштоспӣ, аз ҷое оғоз кардааст, ки Гуштосп Исфандиёрро ба ҷанг бо Рустам ва бастани ӯ иғво мекунад. Ва суханаш ба гунае аст, ки аз тазоди мушаххас миёни онон ҳикоят дорад:

Ба гетӣ надорӣ касеро ҳамол,
Магар бехирад номвар пури Зол.
Ки ӯрост то ҳаст Зобулситон,
Ҳамон Бусту Ғазнину Кобулситон.
Ба мардӣ ҳаме з-осмон бигзарад,
Ҳаме хештан кеҳтаре нашмарад.
Ки бар пеши Ковуси Кай банда буд,
Зи Кайхусрав андар ҷаҳон зинда буд.
Ба шоҳе зи Гуштосп н-орад сухан,
Ки ӯ тоҷи нав дораду мо куҳан. [13, 224]

Гуштосп дар пайи ба дом афкандани Исфандиёр аст. Пеш аз ин тавассути Ҷомосп вазири худ иброз доштааст, ки марги Исфандиёр бар дасти Рустам хоҳад буд [11, 219-220].

Аммо агар дӯстӣ миёни хонадони Систон ва Гуштосп мебуд оё метавонист ногаҳон ба Исфандиёр чунин пешниҳод кунад? Исфандиёр, ки худ наздиктарин паҳлавони сиёсӣ ва динӣ ба Гуштосп аст, ба чунин доварӣ ва бардоште муътариз аст:

Ҳаме дур мондӣ зи Рустам куҳан,
Бар андоза бояд, ки ронӣ сухан,
Ту бо шоҳи Чин ҷанг ҷӯю набард,
Аз он номдорон барангез гард.
Чӣ ҷӯйӣ набаради яке марди пир,
Ки Ковус хондӣ варо шергир.
Зи гоҳи Манучеҳр то Кайқубод,
Дили шаҳриёрон бад-ӯ буд шод.
Накӯкортар з-ӯ ба Эрон касе,
Набуда-ст, к-овард некӣ басе.
На андар ҷаҳон номдорӣ нав аст,
Бузург асту бо аҳди Кайхусрав аст.
Агар аҳди шоҳон набошад дуруст,
Набояд зи Гуштосп маншур ҷуст. [13, 225]

Пайдост, ки Исфандиёр ҳеҷ гуна ишорае ба равобити наздики Рустам бо подшоҳии Гуштосп намекунад ва ҳамаи таъкидҳояш бар аҳаммияти дини Рустам ва муносибаташ бо шоҳи гузашта аст. Он чи Рустамро шоистаи сипос ва ситоиш мекунад, шуҷоату корнамоиҳояш дар давраҳои пешин аст.

Бо ин ҳама, ин вокуниши Исфандиёр то ҳангоме аст, ки хештанро дар тазод бо Гуштосп мебинад. Ҳанӯз кашмакашӣ миёни онҳо бар сари подшоҳӣ барқарор аст ва Исфандиёр медонад, ки хонадони Систон сазовори ҳеҷ гуна сарзанише нест.

Аммо ба ҳар ҳол, ниҳоди сиёсӣ инак, худро дубора дар тазод бо Зол ва Рустам ёфтааст.

Кашмакаши хусусӣ ва ихтилофи дохилии онон гӯё чизе нест, ки аз ин гузашта бурунӣ боз дорад. Ба вижа, ки Исфандиёр худ муборизи роҳи дини беҳӣ аст. Ва истиқрори ин ойин зеҳни ӯро беш аз ҳар чӣ ба худ машғул доштааст. Пас, саранҷом дами Гуштосп, ки дар ӯ таъсир хоҳад кард. Гуштосп таъкид мекунад, ки чун Рустамро ба банд оварӣ:

Аз ин пас напечад сар аз мо касе,
Агар ком, агар ганҷ ёбад басе. [13, 226]

Исфандиёр пас аз он ки ба Систон мешавад, дар паёме, ки тавассути Баҳман ба Рустам мефиристад, чунин мегӯяд:

Чи моя ҷаҳон дошт Луҳроспшоҳ,
Накардӣ гузар сӯйи он боргоҳ.
Чу ӯ шаҳри Эрон ба Гуштосп дод,
Наёмад туро ҳеҷ з-он тахт ёд.
Суйи ӯ яке нома нанвиштаӣ,
Аз оромиши бандагӣ гаштаӣ.
Нарафтӣ ба даргоҳи ӯ бандавор,
Нахоҳӣ ба гетӣ касе шаҳриёр.
Гаронӣ гирифтастӣ андар ҷаҳон,
Ки дорӣ ҳаме хештанро ниҳон...
Ҳамеҷустам аз ту ман ором шоҳ,
Валекин ҳаме аз ту дидам гуноҳ...
[13, 232-234]

Пас, ҳамоса фарҷоми худро бо оғозаш ҳамоҳанг карда, тазодеро, ки аз ибтидои пайдоиши Зол таъдил карда буд, дубора ошкор месозад. Шоир низ нишон медиҳад, ки миёни ақидаи ӯ ё ривоёту манобеи мавриди истифодааш бо ақида ё ривоёти мавриди истиноди Дақиқӣ тафовуте ҳаст.

Дар ошкор шудани ин тазод, инак боз ду ниҳоди сиёсӣ ва динӣ дар канори ҳам бо Зол ва хонадони ӯ ба таориз афтодаанд. Пештар гуфта шуд, ки пазироиши Зол аз сӯйи ниҳоди сиёсӣ, баёнпазириши ӯ аз сӯйи ниҳоди динӣ низ буд. Зеро пайвастагии шоҳ-мубад дар Эрони бостон, назаргоҳи воҳиди ин ду ниҳодро нисбат ба падидаҳои мухталиф ифода менамоянд. Бо ин ҳама, то ҳангоме ки Гуштосп ва сиёсати вижаи динияш дар ҳамоса зуҳур накарда буд, тазоди ин ду ниҳод бо Зол таъдил шуда буд ва навъе инъитоф дар назар ва амали он ду нисбат ба коркарди ҳамосии Зол ошкор буд. Ва ҳамин амр худ сабаби эҷоди вахдате буд, ки инак ба таҷзия ва ноҳамоҳангӣ дучор мешавад.

Ноҳамоҳангии Зол бо ниҳоди сиёсии Эрон. Пеш аз ин ӯ аз оғози подшоҳии Луҳросп рӯй намуда буд. Ӯ дар гуфтугӯй бо Кайхусрав Луҳроспро сазовори ин мақом намешинохт, аммо ба эҳтироми ӯ хомӯш мемонд ва Рустам ҳамин маъноро ба Исфандиёр ёдовар мешавад:

В-аз ӯ шоҳ Кайхусрави поку род,
Ки Луҳроспро тоҷ бар сар ниҳод.
Падар-м он далери гаронмоя мард,
Зи нанг андар он анҷуман хок х(в)ард.
Ки Луҳроспро шоҳ боист хонд,
Аз ӯ дар ҷаҳон ном чандин намонд.
Чӣ нозӣ бад-ин тоҷи Гуштоспӣ,
Бад-ин тоза ойини Луҳроспӣ. [13, 262]

Пуштибонӣ ва писанди шоҳӣ коркарде будааст, ки ҳамоса аз оғоз то даврони Гуштоспӣ

бар уҳдаи Зол ниҳодааст. Аммо акнун ин ду хонадон нисбат ба ҳам сухане дигаргуна доранд. Рустам пас аз гуфтугӯ бо Исфандиёр чунин меандешад:

Ба Карёс гуфт: – Эй сарои умед,
Хунукрӯз, к-андар ту буд Ҷамшед.
Ҳумоюн будӣ гоҳи Ковуси Кай,
Ҳамон рӯз Кайхусрави некпай.
Дари фаррухӣ бар ту акнун бибаст,
Ки бар тахти ту носазое нишаст. [13, 271]

Пас аз зуҳури Гуштосп ва Зардушт, ки наздик ба поёни давраи ҳамосӣ ва оғози таърих аст, талфиқи ниҳоии шоҳ-мубад, ба шакле расмият меёбад ва Золу Рустам дар тазод бо Гуштосп ва Исфандиёр рух менамояд. Тазоди таъдилшуда дар ҳамоса, акнун миёни шоҳони ойини Зардушт ва хонадони Зол матбалур аст, бе он ки асли тазод бошад. Пас Исфандиёр низ тобеи ҳамин раванди аслии тазодҳост ва ногузир ба роҳи Систон мешавад то фармони Гуштоспро амалӣ созад [2].

Дар мавоҷеҳи Исфандиёр бо Рустам сухан аз ойини ҷадид намераванд, балки тазоди худро ба тобеъ аз замина ва мавзи аслии ҳамоса ба сурати зер бармало месозад ва ҳамон пазируфтанӣ ниҳоди сиёсиро ба вуҷуди Зол дар оғози пайдоиш ироа медиҳад:

Ки Дастони бадгавҳари девзод,
Ба гетӣ фузунӣ надорад нажод.
Фаровон зи Сомаш ниҳон доштанд,
Ҳаме растахези ҷаҳон доштанд.
Танаш тира буд, мӯю рӯяш сапед,
Чу дидаш, дили Сом шуд ноумед.
Бифармуд, то пеши дарё баранд,
Магар мурғу моҳӣ варо бишкаранд.
Биёмад, бигустурд Симурғ пар,
Надид андар ӯ ҳеҷ ойину фар.
Бибурдаш ба ҷойе, ки будаш куном,
Зи Дастон мар ӯро хӯриш буд ком.
Агарчанд Симурғ ноҳор буд,
Тани Зол пеш-андараш хор буд.
Бияндохташ пас ба пеши куном,
Ба дидори ӯ кас надид шодком.
Ҳаме хурд афканда мурдори ӯй,
Зи ҷома бараҳна тани хори ӯй.
Аз он пас, ки мурдор чанде чашид
Бараҳна суйи Систонаш кашид...
Пазируфт Сомаш зи бебачагӣ
Зи нодонии девию ғарчагӣ.
Хуҷаста бузургону шоҳони ман,
Ниёи ману некхоҳони ман. [13, 255-256]

Рустам дар посух ҷуз ин ки дурӯғи Исфандиёрро ошкор созад, сухане надорад. Зеро саросари гузаштаи паҳлавонӣ ва ҳамосии Эрон, дар исботи ҳаққонияти Зол ва таъбири ҳастии асотирии ӯ ба ҳамоса сипарӣ шудааст ва ҳамоса худ чизе ҷуз таблуйи тазоду ваҳдати ӯ набудааст:

Дилат беш кажжӣ биполад ҳаме,
Равонат зи девон биболад ҳаме.
Ту он гӯй, к-аз подшоҳон сазост,
Нагӯяд сухан подшоҳ ҷуз ки рост.
Ҷаҳондор донад, ки Дастони Сом,
Бузург асту бодонишу некном. [13, 265]

Аммо агар дурӯғу берӯйӣ ва пайравӣ аз дев ин пазируфтани даврони Гуштоспӣ аз Зол аст, таъбири муборизи ойини расмии Зардуштӣ аз ин решаи ҳамоса аст. Ва ҳамоса дар ин поён беҳуда ба оғози хеш рӯй наовардааст.

Аз тарафи дигар, медонем, ки номи Зол ва Рустам дар Авесто бо мутуни дини Зардуштӣ наёмадааст. Танҳо ҷойе, ки дар онон сухан рафта дар Бундаҳишн аст. Ин афрод достоне, ки мақоми бузургӣ дар ривоёти миллӣ доранд, дар ҳеҷ як аз маъхази дигари паҳлавӣ, ки шомили ривоёти мазҳабӣ аст, дида намешавад. Бо таваҷҷуҳ ба ин асл чӣ гуна метавон ин вазъи хосро дар Бундаҳишн тавзеҳ кард? [3, 75-76].

Шояд тавзеҳи ин амр дар ҷадид будани давраи таълифи Бундаҳишн бошад. Яъне, дар даврони исломӣ ва ошно будани муаллифи ин бо тарҷумаҳо ва таҳзибҳои арабии “Худойнома” бошад. Аммо он чи ниёзманди тавҷеҳ аст, ҳамоно наёмадани номи Зол ва Рустам дар мутуни мазҳабӣ аст, на, зикри номи яке аз онҳо дар ин мутун номи Рустам дар манзумаи Дарахти Асурик низ ҳамроҳ бо номи Исфандиёр ёд шудааст [2, 73].

Дар Аётгори Зарирон ҳам ба сурати исме он маънии “далер” аз ӯ зикр рафтааст. Аммо ҳеҷ як аз ин ду матн мубтанӣ бар ривоёти мазҳабӣ нест. [3,7-75]. Ашпигил гумон кардааст, ки муаллифони Авесто, Рустамро хуб мешинохтаанд ва умуман, аз лиҳози ин ки рафтори ӯ ба дилхоҳ мубадон мақбул набудааст, аз ӯ исме намебаранд [8, 8-28].

Мубадони давраи Сосонӣ, ҳамон тавре, ки қодир будаанд, як давраи таърихи Эрон – яъне, давраи Ашкониро, нодида гирифта, ба пайравӣ аз иродаи ҳукумати Сосонӣ дар мавриди он сукут кунанд ва ахбору ривояти Ашкониёнро аз миён бардоранд. Ин дар сурате аст, ки дар замони Сосониён ба ростӣ, асноде (ғайр аз он чӣ дар достонҳо роҳ ёфта) дар бораи Ашкониён боқӣ монда бошад. Чун Сосониён рӯйи кор омадаанд, саъй кардаанд Ашкониёнро аз хотирҳо маберун андозанд. Мунтаҳо қасосе, ки Ашкониён аз барои расонидани нажоди худ ба Каён ва исботи ҳаққонияти хеш ба нишастан бар тахти салтанатӣ сохта ва дар достони Каён ғунҷонида буданд, ба ҷо монд [7, 13].

Дар бораи Зол ва Рустам низ метавонистанд хомӯшӣ гузинанд, ин шевае аст, ки бисёре аз ҳукуматҳо, борҳо дар тайи таърих нисбат ба ҳукумати салафи худ маълум доштаанд. Аз сӯйе Рустам ба лиҳози аҳаммияти миллӣ ва ҳамосияш бо касоне чун Искандару Монӣ ва Маздак дар вазъияти мушобеҳе набудааст, то мубадон ончунон ки Нёлдеке интизор дошта [8, 28].

Пас, чӣ гуна аст, ки ҷуз дар ду се маврид, он ҳам ба ишораи ом сухане дигар дар бораи Рустам ва Зол дар даст нест? Ва ин дар ҳоле аст, ки ба ривояти Масъудӣ китоби мустақиле дар бораи ахбори хонадони Систон ва Рустам дар он рӯзгор вуҷуд доштааст [8, 118].

Аз ривоёти Масъудӣ бармеояд, ки аз достони роҷеъ Рустам ва ахбори ҷанги Рустам ва Исфандиёр ва қатли Рустаму ҷангҳо ва паҳлавониҳои мансуб ба ӯ дар “Худойнома” асаре набуда ва дар ин боб китоби чудогона-“Худогона”-е ба забони паҳлавӣ вуҷуд доштааст [9, 46].

Боре ғарази он нисбат, ки аз Рустам ба унвони баддин ё ки муборизи алайҳи дини беҳӣ сухан гуфта шуд. Зеро шахсияти ҳамосӣ Рустам бо муаррифии ӯ ба сурати қаҳрамони зиддидинӣ танзил меёбад. Ӯ қаҳрамони ҳамосӣ аст ва тазодаш бо равиши маниши Гуштоспӣ аст, на бо дини ӯ.

Аммо дар ташреҳи иллати тазодҳо дар ин марҳала аз ҳамоса ногузир бояд асли ривояти миллиро бо ривояти динӣ ва таърихӣ низ санҷид, то дониста шавад, ки Фирдавсӣ дар пайи тасвир аз орои муосири худ ба ин масъала таваҷҷуҳ кардааст ё ки назаргоҳи қадимтар ва асоситарро ироа мекунад, ки мутаассир аз ягонагӣ дар ниҳоди сиёсӣ ва динии Гуштосп аст.

Бинобар ин, дар ривояти “Шоҳнома” ақида ва талаққии шоир низ дахолат доштааст. Ва дар таҳлили ҳамосаи миллӣ низ омили муҳимтар аз орои муаллифи манзума нест. Иттико бар ривояти ҳамоса, биниш ва гароиши шахсӣ онро равашан месозад. Ба ҳар ҳол, ҳангоме ки Фирдавсӣ аз забони Гуштосп ва Исфандиёр хонадони Систонро ба сар тофтани онон аз фармони шоҳӣ муттаҳам мекунад ва таваҷҷуҳ ба равони аслии моҷаро доштааст. Зеро дар баробари Гуштосп Исфандиёр қарор гирифтааст, ки худ муборизи роҳи ойини беҳӣ аст. Ва фармони шоҳ барои ӯ фармони дини нав ва бозгаштан аз фармони ӯ гуноҳ ва бединӣ аст:

Маро гӯйӣ аз роҳи Яздон бигард,
Зи фармони шоҳи ҷаҳонбон бигард.
Ки ҳар, к-ӯ зи фармони шоҳи ҷаҳон
Бигардад, ба сар ояду бар замон. [13, 303]

Зеро ин Гуштосп Кай аст, ки:

Нишаста ба як дасти ӯ Зардуҳишт,
Ки бо Занду Уст омадат аз биҳишт. [13, 271]

Ҳол он ки фармони ин Гуштосп барои Рустам ва хонадони Зол сиёҳрӯзӣ ва бедорию пирӯзӣ аз бехирадӣ аст.

Аз сӯйи дигар ин масоил бо адами ҳамкории хонадони Систон бо Гуштосп дар роҳи дини беҳӣ ба вежа, дар муқобила бо Арҷоспи тӯронӣ низ ташдид мешавад, зеро Рустам ба ҷанги динӣ ширкат нанамуд [9, 282;12, 62]. Агар рози ин адам ҳамкорӣ дар тафовут ва баъди таърихии даврони Гуштосп ва Рустам ангошта шавад, боз худ далел аст дар ихтилоф миёни онҳо, ки дин ва Систон аз ҳам ҷудо нест.

Аммо аз он ҷо ки ҳамосаи ин ду давронро бо ҳам муқоиса карда ва қаҳрамони ҳамосаро бо қаҳрамони ойини Зардуштӣ дар ҳодисоти муштараки замон тасаввур кардааст, таъйини назаргоҳи ақидатии ононро низ зарур дониста ва дар бофти ривоёти худ ғунҷонидааст.

Бад-ин тартиб, ҳамоса рои мухолифати мубадони давраи Сосониро бо Рустам ва Зол на дар манъу тафрин бар инон, балки ғайримустақим дар ситоиш ва офарини онон бар Гуштосп ва Баҳман додааст.

Аммо тавҷеҳи муаррихини исломӣ низ барои достони Рустам ва Исфандиёр, аз давраи онон гузашта ба ривоёту талфиқҳои қадимтаре мерасад ва чун рози аслии тазоди ононро дарк накардаанд, ба тарҳи ихтилофи ақидатии онон пардохтаанд: Рустам... чун аз гаравидани шоҳ ба ойини Зардушт огоҳ шуд, сахт хашмгин гардид ва гуфт: пешаи падарони моро ки аз якдигар ба ирс мебурданд, фурӯ гузошт ва дил ба ойини навине баст. Пас аз он мардуми Систонро гирд овард ва бар канор намудани Гуштоспро барои онон коре шоиста ҷилва дод, аз ин рӯ, мутамаррӣ шуданд [12, 27].

Пас, Гуштосп Исфандиёрро гуфт, ки Рустам аз фармон гардан кашидааст, ӯро ба итоат ор! Исфандиёр назди Рустам рафта гуфт: – Маро фармони шоҳ чунин аст, ки ту ё дини зардуштӣ бипазирӣ ва ё бо ман ҳарб кунӣ ва ё даст диҳӣ, то туро банд кунам. Рустам гуфт: – Дини зардуштӣ напазирам ки аз рӯзгори Каюмарс то бад-ин ғоят ин дин доштам, акнун дини дигар нагирам [1, 14].

Таърихи Систон, ки ривояташ муттакӣ бар “Шоҳнома”-и Абулмуайяди Балхӣ низ будааст, пас аз мансуб кардани хонадони Зол ба худопарастии исломгуна менависад: “Ва пайкор ки миёни Рустам ва Исфандиёр афтода, ба сабаби он буд, ки чун Зардушт берун омад ва дини маздиясноӣ овард, Рустам онро мункар шуд ва напазируфт ва бад-он сабаб аз подшоҳ Гуштосп сар кашид ва ҳаргиз мулозимати тахт накард ва чун Гуштоспро Ҷомосп гуфта буд, ки марги Исфандиёр бар дасти Рустам хоҳад буд ва Гуштосп аз Исфандиёр тарс дошт, ӯро ба ҷанги Рустам фиристод” [12, 33-34; 75].

Оқои Баҳмани Саркортӣ зимни мақолае дар бораи Рустам менависад: “Даждинии Рус-

там ва душмании ӯ бо ойини Зардуштӣ...” гумоне аст сохта ва пардохтаи зеҳни муҳаққиқон ҳар гоҳ гузориши ғайримустанади яке ду тан аз муаррихони исломиро, ки дар кӯшиши рационалистии худ барои тавҷеҳи афсонаи Рустам ва Исфандиёр барои он, бар мабнои ҷангҳои дигари Исфандиёр ва ба вежа, достони Арҷосп ва Гуштосп, далели мазҳабӣ тарошидаанд, бигузорем, туҳмати баддиниро нахуст бор Ишпигил ба Рустам задааст ва муҳаққиқони дигар аз ӯ пайравӣ кардаанд. Вале на дар китобҳои паҳлавии зардуштиён ва на дар саросари ҳамосаи миллии эронӣ бо даждинӣ ва мухолифати ӯ бо дини зардуштӣ кӯчактарин ишорае нашудааст.

Ҳар гоҳ ҷанги Рустам ва Исфандиёр иллати мазҳабӣ дошт ва Рустам душмани ойини маздаясно буд, чӣ гуна мумкин аст тасаввур кард, ки мубадони мутаассиби зардуштӣ дар навиштаҳои худ бад-он ишора накарда ва Рустамро дашном дода, нафрин накарда бошанд. Дар ҳоле, ки баръакс, ҳар чо ки дар осори Зардуштӣ номи Рустам омада, аз ӯ ба некӣ ёд карда ба чое ва ёридиҳандаи ирониён муаррифиаш кардаанд; онҷунон ки бо таваҷҷуҳ ба ин қароин “мула” дар муқобили ифрот тарафдорони мактаби Ишпигил ва Мокворт, роҳи тафрид рафта ва Рустамро гунаи Зардуштӣ шудани Гуштосп муаррифӣ кардааст” [5, 187].

Ҳангоме ки Исфандиёр, фарзанди худ Баҳманро назди Рустам мефиристад, нахуст Зол аз омадани ӯ бохабар мешавад:

Биёмад зи дида мар ӯро бидид,
Яке боди сард аз ҷигар баркашид.
Чунин гуфт, к-он номвар паҳлавист,
Сарафроз бо ҷомаи хусравист.
Зи Луҳросп дорад ҳамоно нажод,
Пайи ӯ бар ин бум фархунда бод.
Зи дида биёмад ба даргоҳ рафт,
Замоне ба андеша бар зин бих(в)афт. [13, 235]

Дар ин дидор чист, ки Золро чунин андешанок кардааст? Нигарониш аз чист, ки бедиранг фархунда будани пайи Баҳманро бар хоки Систон орзу мекунад?

Агар ба ғариза дарёфтааст, ки ин пайки нобудӣ ва фарҷоми ҳамоса аст. Ё магар ба неруи маънавии худ, он замонро муоина мебинад, ки Баҳман ба ғорати Систон омадааст?

Дар рӯёрӯйи Исфандиёр аз Рустам низ ин Зол аст, ки ҳама дар андеша асту изтироб, дилмашғулии ӯ аз он мардуме аст, ки неруи тахайюл ва ормони хешро дар шарафи завол меёбанд: Рустам агар биравад дигар ҳамосае нест ва Зол дигар дардноктар аз инро низ медонад: Рустам агар ҳам бимонад, боз ӯро замоне расидааст ва ҳамоса фарҷом ёфтааст. Ва Зол танҳо дар фазои ҳамоса қодир ба зиндагӣ аст, пас кори ӯ танҳо андеша ва ниёиш аст:

Ҳамегуфт, к-эй довари Кирдигор,
Бигардон ту аз мо бади рӯзгор. [13, 277]

Хатар чандон бадеҳӣ аст, ки Золро чорачӯйии шигифте вомедорад ва ҳамчун нахустин марҳила ба сӯйи Симурғ мешитобад. Нахустин хоҳиш ё мадад аз Симурғ барои зода шудани Рустам буд. Инак ҳангоме аст, ки Рустам дар баробари Исфандиёр дармондааст ва ба гуфтаи худи ӯ: Аз ин дида Сом шуд рангу бӯй [13,87]:

Бад-ӯ гуфт Зол:–Эй писар, гӯш дор,
Сухан чун ба ёд оварӣ, хуш дор.
Ҳама корҳои ҷаҳонро дар аст,
Магар марг, к-онро дари дигар аст.
Яке чора донам ман инро гузин,
Ки Симурғро ёр хонам бад-ин.

Гар ӯ бошадам з-ин сухан раҳнамой,
Бимонад ба мо кишвару буму ҷой. [13, 293-294]

Ҳар ду медонанд, ки чорае ҷуз ин намондааст. Пас, Симурғро фаро мехонад ва мегӯяд:

Биёмад бар ин кишвар Исфандиёр,
Накӯбад ҳаме ҷуз дари корзор.
Биҷӯяд ҳаме кишвару тоҷу тахт,
Бару бор хоҳад ҳаме бо дарахт. [13, 295]

Ин бими барбодрафтани дудмони ҳамоса дар сухани ӯ ба Симурғ ошкортар низ мешавад:

Гар эдун-к Рустам нагардад дуруст,
Куҷо хоҳам андар ҷаҳон ҷой ҷуст.
Ҳама Систон пок вайрон кунад,
Ба коми далерони Эрон кунад.
Шавад канда ин тухмаи мо зи бун
Кунун бар чӣ ронем яксар сухун. [13, 295-96]

Пас, оғоз ва анҷоми дудмони ҳамоса, оғоз ва анҷоми Зол, дар тазод бо омиле аст, ки худ онро мешиносад ва ба вайронгариаш огоҳ аст. Оғозаш бад-он гуна хашму нобоварии ҳамин омилро барангехта буд ва фарҷомаш низ, инак бо дарду андуҳе тавонсӯз аз ҷониби ҳамин омил ҳамроҳ аст.

Аммо дар ин оғоз ва анҷом фарри ин хонадон бо Зол, Симурғ худ низ дар маърази ҳуҷум ва кини ҳамин омил аст. Дари ин фарҷом низ Симурғ ба бегонагӣ ва душмани хонадони Гуштоспро бо худ боз мегӯяд:

Бипарҳезӣ аз вай, набошад шигифт,
Маро аз худ андоза бояд гирифт,
Ки он ҷуфти ман, мурғи бодастгоҳ,
Ба дастону шамшер кардаш табоҳ. [13, 297]

Ва ин ҷуфт бо дастгоҳ ҳамон аст, ки пештар аз ин, дар хони чаҳорум ба дасти Исфандиёр кушта шудааст. Аммо Симурғ медонад, ки агар чораи кори Рустам, дар роҳнамоӣ ва парҳои ӯст, фарҷомаш низ дар ҳамон аст:

Чунин гуфт Симурғ, к-аз роҳи меҳр,
Бигӯям кунун бо ту рози сипеҳр.
Ки ҳар кас, ки ӯ хуни Исфандиёр
Бирезад, варо бишкарад рӯзгор. [13, 297-398]

Бо ин ҳама, Рустам ҷуз пазируфтан, сар ниҳодан бад-ин фарҷом чораи дигаре надорад:

Ба Симурғ гуфт: – Эй гузини ҷаҳон,
Чӣ хоҳад бар ин марги мо ногаҳон.
Ҷаҳон ёдгор асту мо рафтанӣ,
Ба гетӣ намонад ба ҷуз мурданӣ?
Ба номи некӯ гар бимирам, равост,
Маро ном бояд, ки тан маргрост. [13, 298]

Пас, Симурғ ва Рустам дар пайи наҷоти ҳамосаанд. Ин ними Зол ва Рустам аст, ки тани Рустам агарчи дар баробари Исфандиёр муқовимат биварзад ва аз хатар бираҳад, боз рафтанӣ аст. Ва тани ӯ ҷуз таҷаллии моддии рӯҳи Зол чизе нест. Муҳим пирӯз гаштани неруи паҳлавонӣ дар баробари ҳариф аст, аммо агар нобудии паҳлавон низ дар ин аст.

Симурғ ин номро, ҳамчунон ки дар оғоз раҳонидааст, дар ин поён низ мераҳонад. Аммо ин раҳоӣ ба қимати шӯрбахтии хонадонӣ ҳосил мешавад, ки ба мардонагӣ ва паҳлавонӣ то ин марҳала аз ҳамоса мондаанд. Рустам худ дар марги Исфандиёр мегӯяд:

Ҳамон аст, к-аз газ баҳона манам
В-аз ин тирагӣ дар фасона манам. [13, 308]

Ва Исфандиёр низ ба ҳангоми марг, нобудии худро на аз неруи тани Рустам, балки аз неруи рӯҳонӣ ва Симурғи Зол медонад:

Ба мардӣ маро пури Дастон накушт,
Нигаҳ кун бад-ин гаҳ, ки дорам ба мушт.
Бад-ин чӯб шуд рӯзгорам ба сар,
Зи Симурғ в-аз Рустами чорагар.
Фусунҳою найрангҳо Зол сохт,
Ки Арванду банди ҷаҳон ӯ шинохт. [13, 307-308]

Истеҳкоми имон ва эътиқоди инсон ба чораандешии соҳирона ҳамоно мутаносиб бо эҳсоси бечорагии ӯ дар қабоили буҳронии назари марг аст. Инсон дар мунтаҳои бечорагӣ ҷуръат надошт, ки ин умеди охиринро низ аз даст бидиҳад. Ва дуруст дар он ҳангом, ки табиат, сахт бегона ва номеҳрубон менамояд, дар муҳити хавфнок худ ба ҳар чи мумкин буд, кӯчактарин мадад бошад, меовехт.

Ҷоду худ маҷмуае аз ин тадбир ва усулу қавоиди рафтор аст. Ва агар ин маҷмуае аз ин тадбир дар баробари марг ба канор наёяд, кучо метавонад корбурди матлубе дошта бошад?

Дар миёни қабоили шикорчӣ, ки зиндагиашон мубтанӣ бар фанни куштор аст ва дар дунёи ҷонвароне мезиянд ва кушта мешаванд, таҷрибаи марги табиӣ камтар шинохта аст. Марг натиҷаи зӯр ва тааддӣ аст ва на бо сарнавишти табиии мавҷудоти замонманд, балки бо ҷоду тавсиф мешавад. Ҷоду ҳам дифоъ дар баробари он ба кор меравад ва барои таслими он ба дигарон [15, 125-126].

Инсони ибтидоӣ ойини ҷодуиро ба ҷой меоварад, зеро ки бад-он имон дошт. Ба судмандии он бовар дошт ва назариёти пизишкии ибтидоии худро бар пояи он ба кор мебаст. Дар ҳар ҷомеа ба маҳзи он ки ҷодугарон ҳирфаӣ меомаданд, ҳунари дармон кардан низ бо инҳисорашон дармеомад. Омехтани рӯҳонияту пизишкӣ ва ҷоду ва шуғли марбут ба инҳо, дар миёни ақвоми ибтидоӣ аз ҳамин тариқ сурат гирифтааст. Аз сӯйи бемориҳое низ дар ҷомеаи нахустин кори девон ва нируҳое ҷодуии ношинохта ба шумор меоянд ва бинобар ин вазифаи пизишкӣ берун рондани рӯҳи шайтон аз бадани бемор ва василаи афсунҳою иҷрои ойини мазҳабӣ буд.

Ҷоду низ тариқаи ҳамин аъмол нуфузу сирояти қудрат ва касби неру аз мавҷудоте буд, ки неруманд ва қудратбахш тасаввур мешуданд. Ҷодугарӣ асосан ба манзалаи тавсал ҷустан ба тадбире буд, ки муассир будани онҳо дар мавриди зиндагонӣ ба исбот расида буд, пас аз ҷоду бояд кор гирифта мешуд. Пас, барои қарор додани падидаҳои табиат дар зери султаи иродаи инсон, сиёнати фард дар баробари душманон ва хатароту қудрат бахшидан ба ӯ барои осеб расонидан ба душманони худ.

Бинобар ин, ҷодугарӣ на танҳо василае будааст барои таскини инсон дар баробари сахтиҳои табиат ва марг, балки ҳамчунин роҳи миёнбуре ба ҷониби қудрат буд. Ба ҳамин иллат аст, ки равнақи нуфузи ҷодугар ба қудрати ҷисмиаш вобастагӣ дошт. Танҳо ҳокими ҷодугар, ки тандуруст ва нерӯманд буд, аз уҳдаи анҷоми маросими лозим бармеомад [16, 212].

Дар афсонаҳои форситаборон омехтагии қудрат ва ҷоду ва дармонбахшӣ ҳамвора мавриди таваҷҷуҳ будааст. Қудрати подшоҳии Фаридун тавъам бо коркарди дармонбахши ӯст ва аз ин рӯ, "Фаруҳар" ӯ аз барои дафъи нохушиҳо ва "...аз муқовимат кардан бар зидди озори мор" мавриди ситоиш қарор гирифтааст [9].

"Сврит" ниёи асотири Сом ва хонадони Зол худ нахустин касе аст, ки хосияти дармони гиёҳонро дарёфта будааст ва Зол паҳлавони ҳамоса дар пайванд бо Симурғ бар афсун ва найрангҳое огоҳ аст, ки қодир ба дармони Рустам ва Рахш аст. Дар маросими ҷодуӣ инсонҳои аввалия навъе омехтани ҳокими ҷодугар бо ҷумлаи тоифааш тасаввур мешудааст. Бад-ин тартиб ҳокими ҷодугар интисоб ба ҳайвон ё шайъеро, ки ҳамаи аъзои тоифаи онро ниёи муштараки худ медонистанд, ба худ инҳисор медодааст. Бад-ин тартиб, робитаи Симурғ ва пизишкӣ ва Золу ҷодуро дармеёбем ва мафҳуми омехтагии онҳоро ба манзури сиёсати Рустам дар баробари марг ва пирӯзии Исфандиёр ва шифо ёфтани захмҳо ва ҷароҳати Рахшу Рустам, дар як амал ойине ва ҷодуие, ки шакли мазҳабӣ ёфтааст, дармеёбем.

Исфандиёр худ ба ҳангоми бозгашти Рустам ба ҷанг, шукӯҳаш аз ҳамин ҷодуст:

Шунидам, ки Дастони ҷодупараст,
Ба ҳангома ёзад ба хуршед даст.
Чу хашм орад, аз ҷодувон бигзарад,
Баробар накардам, пас ин бохирад. [13, 300]

Ва ба Рустам мегӯяд:

Зи найранги Золӣ бад-ин сон дуруст
В-агарна, ки поят ҳаме гӯр ҷуст. [13, 301]

Пас, ин руҷуи Зол ба Симурғ танҳо ба манзури дур доштани сардии нафси марг аз ҳаёти ҳамоса аст. Ва дар ҳамин маросим низ тазоди ду гароиши ойин ҳувайдост. Ин ду унсури мутазод ҳама чизи якдигарро нафй мекунанд ва гӯё ҳар як ба назми зеҳни мутафовит мутааллиқанд.

Модари Зардушт ба ҳангоми зодани ӯ дучори беморӣ гашта, ба назди ҷодугаре мешитобад, ба назди пизишктарин ҷодугарон. Аммо фариштаи Ҳурмузд бонг бар ӯ мезанад: "Марав, ҷодугарон, ки туро дармонбахш нестанд".

Пас, дар ин маврид тазодҳо ва силаю абзори муқобила бо марг низ дар назари ин ду ҳариф бояд мутаориз бошад. Агар Рустам ба ҷодуи Симурғи Зол барҷой монад, рӯйинтании Исфандиёр ба муъҷизаи Зардушт мансуб мегардад.

Дар "Шоҳнома" сухане аз иллати рӯйинтании Исфандиёр нест. Аммо дар хони чаҳорум, ки Исфандиёр бо афсуни зани ҷоду рӯ ба рӯст, чунин омадааст:

Яке нағз пӯлод занҷир дошт,
Ниҳон карда аз ҷоду ожир дошт.
Ба бозу-ш дарбаста буд Зардуҳишт,
Ба Гуштосп оварда буд аз биҳишт.
Бад-он оҳан аз ҷони Исфандиёр
Набурдӣ гумоне ба бад рӯзгор.
Бияндохт занҷир дар гарданаш,
Бад он сон, ки нирӯ бибурд аз танаш. [13, 310]

Дар "Зардуштнома"-и Баҳроми Пажду омадааст, ки Зардушт чаҳор моддаи мутабаррук ба чаҳор тан дод, то ҳар кадом аз муҳаббате бархурдор шаванд: ба Гуштосп шароб дод,то чашмонашро бар ҷаҳони дигар бикушояд. Ба Ҷомосп бӯй бахшид, ки муҷиби доноӣ ва равшанбинаш буд. Ба Пуштан ҷоми шир дод, то зиндагии ҷовидон ёбад. Ба Исфандиёр анор дод, ки ӯро рӯйинтан мекард:

Зароташт фармудаш андар дарун,
Чу шуд сӯйи буҳрони дин раҳнамун.
Ниҳоданд бар он дарун чор чиз:
Маю бӯю ширу яке нор низ. [13, 309]

Боре агар дар ин мақола, тани Рустам мераҳад, ҷони ӯ дар маърази хатаре қарор мегирад, ки раҳоӣ аз он ғайриимкон аст:

Ба Рустам чунин гуфт Зол: – Эй писар,
Туро беш гирам ба дарди ҷигар.
Ки эдун шунидам зи донои Чин,
Зи ахтаршиносони Эронзамин,
Ки ҳар кас, ки ӯ хуни Исфандиёр
Бирезад, сар ояд бар ӯ рӯзгор.
Бад-ин гетияш шӯрбахте бувад
В-агар бигзарад, ранҷи сахте бувад. [13, 309]

Рустам низ худ медонад, ки:

Ба хубӣ шуда дар ҷаҳон номи ман,
Зи Гуштосп бад шуд саранҷоми ман. [13, 312]

Исфандиёр ба ҳангоми марг Баҳманро ба Рустам месупорад то дар оғӯши Рустам биболад ва бар боди дах дудмони ҳамоса, ҳам дар дили он парварда шавад ва бо таърих бипайвандад. Завора инро дармеёбад ва Рустамро зинҳор медиҳад. Ба ин тариқ, он сухани охирин ҳамаи тазоди миёни ду хасмро равшан медорад.

Аммо поёни кори ҳамоса ва фарҷоми Золу Рустам, поёни кори подшоҳии Гуштоспӣ ва ниҳоят, даврони Каёнӣ низ ҳаст. Ангори аносир зидди ҳамоса, ки дар як сохт ва қолаб ба ҳам таркиб шуда ва ҳамрозу ҳамком бо ҳам орзу ва тасаввур шуда буданд, худ саранҷом дар дили ҳамин сохт ба ниҳоят мерасанд ва аз ҳам дур ва бегона мешаванд. Ягонагӣ дубора табдил ба дугонагӣ мегардад. То саранҷом аз дили ин тазод, ки дар тахайюл ва зеҳни ҳамосае ба ҳам пайваста буданд, таърих ва марҳалае бизояд, ки дигар ҳама дарднокӣ ва хушунати зиндагӣ беҳамоса аст. Ин ду омили мутазод, агарчи барои замоне ба умри Зол мутаноҳие ангошта шуда ва ба ҳам даромехта буданд, бо сипарӣ шудани умр ормони қавӣ, ки инак бояд тамоми талхии таърихиро бипазирад, боз дар баробари ҳам ё ба сурати нахустин ва воқеии худ боқӣ мемонанд.

Ангорӣ давраи ҳамосӣ то тазодҳои воқеияти миллиро ошкор насозад, таслими таърих намешавад. Ин ҳамоса будааст, ки аз тазодҳо ваҳдате сохта будааст. Инак, ки худ аз миён меравад, боз ҳамон ихтилофҳо ва зиддиятҳо рух менамоянд. Ниҳоят, ваҳдати ҳамосӣ бо ҳамаи даргириҳо ва тазодҳояш ҷойи худро ба таърих медиҳад.

АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

1. Гардезӣ М. Зайнулахбор [Матн] / Муҳаммад Гардезӣ. -Техрон, 1310.
2. Достони дарахти Асуриг [Матн]. Тарҷумаи Додихудо Саймиддинов. Адабиёти паҳлавӣ (Пажӯҳиш, тарҷума ва ташреҳ). – Душанбе: Пайванд, 2003. – 232с.
3. Кристенсен, Артур. Каёниён [Матн]/ Артур Кристенсен. Тарҷумаи дуктур Забеҳулло Сафо. – Техрон, 1336. – 311с.
4. Масъудӣ, Алӣ ибни Ҳусайн. Маруҷ-аз-заҳаб ва маъодин-ал-ҷавҳар [Матн]/ Алӣ ибни Ҳусайн Масъудӣ. Тарҷумаи Абулқосими Поянда. –Техрон: Ширкати интишории илмӣ ва фарҳангӣ, 1384. – 923с.

5. Маҷаллаи Донишкадаи адабиёти Машҳад, шумораи 2. – С. 187.
6. Минавӣ, Муҷтабо. Фирдавсӣ ва шеъри ӯ [Матн] / Муҷтабои Минавӣ. – Теҳрон,1354.
7. Муин, Муҳаммад. Маздиясно ва адаби порсӣ [Матн] / Муҳаммад Муин.- – Теҳрон: Интишороти Донишгоҳӣ, 1338. – 448с.
8. Нёлдеке. Ҳамосаи миллии Эрон [Матн] / В. Нёлдеке. Тарҷумаи Бузург Алавӣ. – Теҳрон: Интишороти донишгоҳ, 1327.
9. Обон Яшт, фирқаи 108 [Матн]. Яштҳо, 2. – Теҳрон, 1367
10. Сафо Забеҳулло. Ҳамосасароӣ дар Эрон [Матн] / Забеҳуллои Сафо.
– Теҳрон: Интишороти Амири Кабир, 1366. – 676с.
11. Саъолибӣ. Ғурар-ус-сайр. Шоҳномаи куҳан [Матн]. Порсигардон Саид Муҳаммади Рӯҳонӣ. – Машҳад, 1372/1994.
12. Таърихи Систон [Матн]. Ба тасҳеҳи Маликушшуаро Баҳор. –Теҳрон, 1314. – 486с.
13. Шоҳномаи Фирдавсӣ [Матн]. Матни интиқодӣ дар нуҳ ҷилдҳои 3.6. Москов: Наука, 1967. – 405с.
14. What Happened in history, P. 48.
15. Primitive mythology, pp 125-126. p 128.

ПОЁНИ ДАВРАИ ПАҲЛАВОНӢ ДАР “ШОҲНОМА”

Сухани охирини Ҳакими Тӯс ҳама гуна тазоди миёни ду хасмро ошкор месозад. Ба назари шоир, агар хиради Гуштоспӣ ба манфиати идомаи қудрати хеш Исфандиёрро ба коми марг ва нестӣ роҳнамун созад, хиради паҳлавонӣ ба манзури пойдор мондани хислати инсони ҳамосӣ, ҳатто Баҳманро низ ба оғӯши худ мегирад.

Аз ин рӯ, поёни кори ҳамоса ва фарҷоми Золу Рустам ва поёни подшоҳии Гуштоспӣ ва ниҳоят, даврони Каёнӣ низ ҳаст. Давраи ҳамосӣ то тазодҳои воқеияти миллиро ошкор насозад, таслими таърих намешавад ва ҳамин ҳамоса будааст, ки аз тазодҳо ваҳдате сохта будааст. Инак, ки худ аз миён меравад, боз ҳамон ихтилофҳо ва тазодҳову зиддиятҳо рух менамоянд ва ваҳдати ҳамосӣ ҷойи худро бо ҳама даргириҳо ва тазодҳояш ба таърих медиҳад.

Калидвожаҳо: ойини ҷадид, ҳамоса, дини беҳӣ, хонадони Систон, кинахоҳӣ, паҳлавони сиёсӣ, Эрони бостон, ойини Зардушт, ривоёти мазҳабӣ.

Маълумот дар бораи муаллифон: Хокироев Ризо Гиёевич-Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, номзади илмҳои филология, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикӣ. Суроға: 734003 Ҷумҳурии Тоҷикистон. ш. Душанбе хиёбони Рӯдакӣ, 121. Тел.: 907829174.

Ғиёсиев Меҳриддин Илёсович – мудири шуъбаи иттиолот, робитаҳои илмӣ ва омӯзиши фарҳанги Шарқи Маркази мероси хаттии назди Раёсати АМИТ, номзади илмҳои педагогӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Ш. Ҳусейнзода, 35.

Тел.: 2213202

ЗАВЕРШЕНИЕ ПЕРИОДА БОГАТЫРСТВА (ГЕРОИЗМА) В «ШАХНАМЕ»

Последние слова Хакима Туса выясняет всякое противоречие между двумя врагами (противниками). По мнению поэта, мудрость Гуштоспа в ползу продолжения своего могущества заключается в отправление Исфандиёра на смерть и гибель. Мудрость богатырства заключается в целях сохранения человеческого качества в эпической поэме, он даже заключает в своих объятиях Бахмана.Поэтому в завершение эпической поэмы, приводятся конец Золя и Рустама и завершение царства Гуштоспа и наконец, периода управления Кайонитов.

Период эпической поэмы пока не выявит национальные противоречие не может соглашаться с историей и это эпическая поэма из противоречие создаёт единство. Итак проти-

воречие , которое уходит, вновь создает противоречие и противоположность и эпическое единство уступает свое место, противоборству и противоречие в истории.

Ключевые слова: новые обычаи, эпическое произведение, добрая религия, семейства Систана, ненависть, политический богатырь, древний Иран, религия Зороастры, религиозная легенда.

Свидение об авторы: Хокироев ризо Ганиевич – ТГПУ имени Садриддина Айни, кандидат филологических наук, доцент кафедры общеуниверситетского таджикского языка. Адрес: Республики Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 121.

Тел.: 907 829174.

Гиясиев Мехриддин Илёсович – кандидат педагогических наук, заведующий отделом информации научной связи и изучения культуры Востока Центра письменного наследия нациноналбной НАНТ. Адрес: 734025, Республики Таджикистан, г. Душанбе, ул. Хусейнзода, 35.

Тел.: 2213202.

THE END OF THE PERIOD OF HEROISM IN THE "SHOHNOMA"

Hakim Tusa's last words clarify any contradiction between two enemies (opponents). According to the poet, the wisdom of Gushtosp in the creep of the continuation of his power consists in sending Isfandiyor to death and ruin. The wisdom of heroism is to preserve the human quality in an epic poem, he even embraces Bachman in his arms.

Therefore, the end of Zol and Rustam and the end of the kingdom of Gushtosp and finally, the period of Kayonite rule are indicated at the end of the epic poem as well as.

The period of the epic poem until it reveals the national contradiction cannot agree with history and this epic poem creates unity from the contradiction. So the contradiction that goes away creates contradiction and opposition again, and the epic unity gives way to its place, to confrontation and contradiction in history.

Keywords: new customs, epic work, good religion, Sistan families, hatred, political hero, ancient Iran, Zoroastrian religion, religious legend.

About the authors: Khokiroev Rizo Giyoevich, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor in the Department of General University Tajik Language.

Address: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe City, 121, Rudaki Avenue,

Tel.: 907829174

ТДУ 891.559.09-1

НАҚДЕ БАР “ДЕВОН”-И ШАЙХ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ

Исрофилниё Ш.Р.[1]

Аз шоирони мовароуннаҳрии аҳди классикӣ баъд аз устод Рӯдакӣ Шайх Камоли Хуҷандист, ки беш аз дигарон шуҳрataш дар тамоми қаламрави забони форсӣ партав афкандаю сеҳри суханаш мақбули хосу ом гашта ва шоирони зиёде ба истиқболи шеъри ӯ ғазал сурудаанд. Ва нусхаҳои девонаш низ беш аз дигар суханварони мовароуннаҳрӣ дар китобхонаҳои ҷаҳон маҳфуз аст, ки далолат бар иродатмандию пайвастагии мухлисонаш ба шеъри ин шоири орифи баландовоза дорад. Шайх Камоли Хуҷандӣ на танҳо дар ҷомеаи мо-тоҷикон, балки дар саросари қаламрави забони форсӣ ва ҳатто берун аз он маҳбубияти хосса дорад. Як назар ба феҳристи китобхонаҳои ҷаҳон кофист, ки ин нукта равшан гардад. Ва, дарвоқеъ, «Камоли Хуҷандӣ бузургмардест, ки ҳафтсад сол инҷониб миллати моро бар ҷаҳон муаррифӣ мекунад ва дарозои ҳафт қарн аст, ки барои ин миллат ифтихор меофарад» ва месазад, ки «девони ӯро на як маҷмуаи сурудаҳо, балки порае аз пайкари маънавии миллат донист» [11,5] .

Аз сӯйи дигар, то замони Истиқлол, дар муаррифии Камол ва тадвину тасҳеҳи осори ӯ пеш ва беш аз мо дигарон ҳиммат гузоштаанд. Дар ним асри охир беҳтарин ва серхонандатарин нусхаи девони Камол, ки ба сифати марҷаъ мавриди истифодаи донишмандон қарор гирифтааст, нусхаи «Девони Камолиддин Масъуди Хуҷандӣ»-ст, ки бо тасҳеҳ ва эҳтимоми Азизи Давлатободӣ соли 1337 ш.(1958 м.) дар Табрез интишор ёфтааст [1]. Соли 1375 ш.(1996) ба муносибати 675-солагии шоир Маҷмаъи бузургдошти Шайх Камоли Хуҷандӣ ин нашрро бо такмилу тавзеҳоти тоза аз нав ба нашр расонд ва доираи хонандагонаш дар Тоҷикистон низ бештар гардид [3]. Дигар «Девони Камоли Хуҷандӣ» бо тасҳеҳи интиқодии К. Шидфар, ки зери назари И.С. Брагинский соли 1975 дар ду ҷилд ва чаҳор китоб ба табъ расидааст [5]. Ҳамчунин «Девони Камоли Хуҷандӣ», ки бо тасҳеҳу муқобалаи Аҳмади Карамӣ соли 1372 дар Теҳрон ба нашр расидааст, аз лиҳози фарогирии ашъор, бино ба қавли равоншод Абдулманнони Насриддин, «ҷомеътарин тасҳеҳи девони Шайх Камоли Хуҷандист» [2]. Нусхаи дигар «Девони Шайх Камоли Хуҷандӣ» бо эҳтимоми Эраҷи Гулисурхӣ мебошад, ки соли 1374 ду муҷаллад ба нашр расидааст [4]. Дар Тоҷикистони даврони Шуравӣ ягона нашри мукаммали девони Камоли Хуҷандӣ бо тасҳеҳи устод Шарифҷон Ҳусейнзода, Н. Қаҳҳорова ва С. Абдуллоев соли 1985 дар Душанбе, дар ду ҷилд ба нашр расид, ки то кунун аксари муҳаққиқони тоҷик ба он такия мекунанд [6]. Дар бораи ҳусну қубҳи ин нашрҳои девони Камоли Хуҷандӣ матнишиноси матин, бунёдгузори камолшиносии равишманд шодравон Абдулманнони Насридини Хуҷандӣ бо далелу арқоми илмӣ сухан карда, бо ҳазорон умед менависад, ки «Камоли Хуҷандӣ ҳар вараҳи сафинаи ашъорашро нусхаи ҳусн хондааст, мо бояд ин амонатро бо ҳамон рангу тароват ва ҳусни малоҳати калимоту маъниҳояш пос дорем ва барои ояндагон ба мерос гузорем» [13,260].

Замони Истиқлол шароит фароҳам овард, ки камолшиносӣ дар Тоҷикистон равнақ ёбад. Соли 1996 дар Тоҷикистон 675-солагии Камол бо вуҷуди даргириҳои дохилӣ бошукӯҳ таҷлил гардид, китобу мақолоти зиёде ба нашр расиданд. Соли 2011 бо кӯшиши Абдулҷаббори Суруш ва Саидумрон Саидов девони Камол дар Хуҷанд ба табъ расид, ки ба таъкиди муқарризон, нисбат ба нашри пешин «матнаш камғалат асту миқдори абёти ашъораш бештар» [7]. Яке аз мураттибони ин нашр Абдуҷаббори Суруш соли 2015 бори дигар онро бо ба назар гирифтани назари муқарризон ва бо пешгуфтори худ дар Хуҷанд бо матни форсиаш ба табъ расонд [8]. Перомуни ин ду нашри девони Камол Бадриддин Мақсудов ва Мубашшири Акбарзод изҳори назар кардаанд ва ҳар ду муқарриз бо таҳсини заҳматҳои А. Суруш

1. Исрофилниё Ш.Р – доктори илмҳои филологӣ, профессор, ходими пешбари илми Институтии илмию таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

ва С. Саидовро “заминае барои корҳои оянда” ва “дар нашрҳои баъдӣ боз ҳам беҳтар шудани сиҳҳати девони Камоли Хуҷандӣ” муфид донистаанд.

Соли 2016 Бадриддин Мақсудов, ки умре бо Камол машғул аст, яке аз қадимтарин нусхаи девони Камол, ки дар китобхонаи Остони Қудси Разавӣ маҳфуз асту таърихи китобати онро баъзе 800 ҳичрӣ ҳисобидаанд, дар силсилаи “Ахтарони адаб” ба нашр расонд [9]. Ин нусхаи девони Камол ҳоизи аҳаммияти байналмилалист ва дар таҳияи матни асили ашъори шоир метавонад ба сифати марҷаъ хидмат кунад. Мураттиб муқаддимаи муфассале дар мавриди мероси адабии Камоли Хуҷандӣ, нусхаҳои девон, алалхусус нусхаи мавриди назар, сабки сухани ӯ ва равиши кори худ дар таҳияи матн меоварад. Аз равиши кори мураттиб бармеояд, ки нусхаи Остони Қудси Разавиро ба ҳайси нусхаи модар (архетип) қабул намуда, нақсу камбуди онро бо такия бо дигар нусхаҳо бартараф намудааст.

Соли 2020 700-солагии ин шоири ширинкалом бо шукӯҳу шаҳомати бузург таҷлил гардид, конфаронсу нишастҳои зиёди байналмилалию ҷумҳуриявӣ доир гардиданд, китобу мақолоти зиёде, чи дар Тоҷикистон ва чи дар хориҷи кишвар ба нашр расиданд. Ростӣ, нависандаи ин сатрҳо ба сифати як мухлиси шеъри ин шоири бузурги ғазалсаро умед доштам, ки Институти забон ва адабиёти АМИТ бо ҳамкорӣ бо Маркази илмии камолшиносӣ ба пешвози ин санаи муборак матни илмӣ-интиқодии девони Камоли Хуҷандиро бо такия ба қадимтарин нусхаҳо ашъори шоир ва бо назардошти нусхаҳои дигару таҷоруби бадастомада пешкаши хонандагон мегардонанд, зеро Шайх Камол аз шуарои рутбаи аввали адабиёти форсии тоҷикисту мероси ғание аз худ ба мерос монда ва месазад дар тадвину тасҳеҳи осори ӯ, хосса дар баргардон ба хатти кириллӣ як пажӯҳишгоҳи илмӣ машғул шавад. Воқеан, чанд нусхаи девони Камол ба пешвози ин ҷашни фархунда ба нашр расид, ки қобили таҳсинанд, аммо дар таҳияи ин нусхаҳо на Институту Маркази илмии камолшиносӣ, балки шахсони алоҳида заҳмати кори чандсолаи як пажӯҳишгоҳи татқиқотиро ба дӯш гирифтаанд. Аз ҷумла, “Камоли Хуҷандӣ. Девон.Таҳиякунандагони матн, муаллифони тавзеҳот ва охирсухан Баҳром Раҳматов ва Оқилбой Оқилов. –Хуҷанд: Хуросон, 2020,-1328 сафҳа”, ки бо пешгуфтори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба нашр расидааст [11]. Ин нусхаи девони Камол дар асоси нусхаи хаттии “Девон”-и Камоли Хуҷандӣ, ки дар китобхонаи Отиф Афандии шаҳри Истанбул таҳти шумораи 2103 нигаҳдорӣ мешавад, таҳия шудааст. Мураттибон нусхаи шумораи 4739 китобхонаи Қудсӣ Разавӣ, нусхаи шумораи 1238 Маркази мероси хаттии ба номи А. Мирзоев АМИТ ва нашрҳои чопии дар Эрону Маскав ва Тоҷикистон нашршудаи девони шоирро дар муқобилаву муқоиса бо нусхаи асос (архетип) истифода бурдаанд.

Дар конференсияи ба пешвози 700-солагии Камол, ки соли 2020 дар Хуҷанд барпо гардид, шунидам, ки Фахриддин Насриддинов ба таҳияи девони шоир машғул аст. Фахриддин чандин сол Маркази илмии камолшиносии Хуҷандро сарварӣ мекард ва дар муҳити хонадони маърифатпарвару бунёдгузори камолшиносии ростину равишманд шодравон Абдулманнони Насриддин ба камол расидааст. Бо вуҷуди ин ҳама, боварам намеомад, ки Фахриддин бо ин ҷавонии син, таҷрибаи андак тавонад ин кори азимро ба сомон расонад. Хушбахтона, инак дар дасти ман “Шайх Камоли Хуҷандӣ. Девон (матни илмӣ-интиқодӣ). Муқаддима, тасҳеҳ ва таълиқоти Фахриддин Насридинов.-Хуҷанд: Ношир, (дар ду ҷилд) 2020,-1432 сафҳа” [11] қарор дорад. Девон бо санъати баланди полиграфӣ нашр шуда,ороиши ҷилду коғази китоб низ зебою диққатҷалбкунанда ва сазовори шоири бузурге чун Шайх Камол аст.

Мураттиби девон Фахриддин Насриддинов дар муқаддимаи муфассале дар ҳаҷми 89 сафҳа перомуни равиши кори худ дар таҳияи девон, ҷиҳати дастёбиаш ба ин ҳадафи бузург, ки дар самтҳои мухталиф пажӯҳиш анҷом додааст, нуктаҳои муҳимми онро баён медорад. Ба таъкиди худи муаллиф, ки ҳар як нусхаи мавриди истифодаро тавзеҳ додааст ва як назари иҷмолӣ ба ин нусхаи девон маълум мегардад, ки мураттиб дар асоси бештар аз шаст дастхати девони ашъори Камол, ки дар китобхонаҳои ҷаҳон маҳфузанд ва баъзе аз онҳо дар ҳеч як нусхаи мураттибони пешин мавриди корбурд қарор нагирифтаанд, тасҳеҳ намудааст.

Мураттиб саъй намудааст дар таҳияи осори Шайх Камол ба куҳантарин нусхаҳои хаттиии ашъори шоир такя кунад. Аз ин рӯ, тасҳеҳи девон бар асоси он нусхаҳое анҷом гирифтааст, ки дар дусад соли аввал баъд аз вафоти шоир китобат шудаанд. Нуктаи ҷолиби таваҷҷуҳ он аст, ки Фахриддин Насридинов ба чандин нусхаҳои қадимтарини девони Камол даст ёфта, ки дар нашрҳои интиқодии ашъори шоир истифода нашудаанд ва ин нусхаҳо мавриди муқобала, нақду таҳлил бо дигар нусхаҳо ва омӯзиши амиқ қарор гирифтаанд.

Аксари камолшиносон нусхаи Остони Қудси Разавиро яке аз қадимтарин нусхаи девони Шайх Камоли Хуҷандӣ медонанд, ки ба тахмини баъзе соли 800 ҳичрӣ китобат шудааст. Ҳарчанд баъд аз вафоти шоир китобат шудани ин нусха бо далоили илмӣ собит шуд, вале аксар ба қадимияти он қоиланд. Омӯзиши нусхаҳои сершумори ашъори шоир аз нигоҳи нусхашиносии татбиқӣ Фахриддин Насриддиновро ба хулоса меовард, ки нусхаи шумораи 3945-и китобхонаи Аёсӯфия дар байни нусхаҳои куҳан нусхаи комилу нафис буда, дорои арзиши баланди илмӣ ва мумтозтарин нусхаи девони Камол аст. Ин нусха соли 813/1410, яъне баъд аз 9 соли вафоти шоир китобат шуда, таърихи китобаташ дақиқ аст. Бо назардошти ин ҳама мушаххасот Ф. Насриддинов ин нусхаро ба ҳайси нусхаи модар (архетип), нусхаи асос интихоб мекунад.

Мураттиби девон нусхаҳои мавриди истифодаашро ба ду бахш: нусхаҳои аслӣ ва нусхаҳои ғайриаслӣ тақсим намуда, мушаххасоти ҳар яки онҳо дақиқ баён мекунад. Ба гурӯҳи нусхаҳои аслӣ нусхаҳое дохил мешаванд, ки таърихи китобаташон аниқанд. Ба ин бахш 26 нусха дохил мешаванд. Ҳамчунин ба гурӯҳи нусхаҳои аслӣ мураттиб нусхаҳоеро шомил мекунад, ки замони китобати онҳоро бо такя бар хусусиятҳои нусхашиносӣ муайян кардааст. 29 нусхаи дигари осори шоир шомили ин гурӯҳанд. 26 нусхаи ашъори Камол, ки таърихи китобаташон аниқ аст, дар байни солҳои 813/1410-980/1570 китобат шудаанд.

Ба гурӯҳи нусхаҳои ғайриаслӣ Фахриддин Насриддинов ҳамон нусхаҳоеро дар назар дорад, ки дар нашрҳои пешини девони шоир истифода шуда ва нусхаи асли онро дар даст надоштааст. Ба ин бахш танҳо 7 нусха шомил аст. Ин нусхаҳо аслан ҳамон нусхаҳоянд, ки камолшиносоне, амсоли Азизи Давлатободӣ, К. Шедфар, устод Ш. Ҳусейнзодаю Н. Қаҳҳорова ва С. Асадуллоев, Эраҷи Гулисурхӣ ҳангоми таҳияи девони Камол истифода кардаанд. Илова бар ин нусхаҳо, ки теъдоди онҳо беш аз шаст аст, дар ҳалли масоили хосе, чун роҷеҳу марҷуҳи забт, интисоби ашъор, бозҷӯии ашъори мансуб ба Камол, нақду таҳлили матн ва ғайра аз дастхатҳои девони Камол, ки дар байни асрҳои ХУ11 то ибтидои асри ХХ китобат шудаанд, мавриди истифодаи мураттиб қарор гирифтаанд.

Девони мавриди назар тибқи суннати девоннигорӣ бо қасида оғоз мешавад. Мураттиб дар оғоз нусхабадали ҳар матн пас аз аломати рамзӣ зикри манбаъро меовард ва барои суҳулати истифода аз нусхабадалҳо ҷониби ихтисорро пеш гирифта, ки хонанда ба осонӣ ба масъалаи мавриди назар огоҳ мегардад. Дар таҳияи ҳар як матни девон, аз қасида то фард 62 нусхаи дастаи аввал, ки дар муқаддима тавзеҳи онҳо омадааст, корбаст шуда, калима ба калима, мисраъ ба мисраъ баррасӣ гардида, бо нақду таҳлил ихтилофоти нусхаҳо дар ҳошия дарҷ гардидааст. Мураттиб кӯшидааст дар ҳолати ихтилофи нусхаҳо забти нусхаи асос ва нусхаҳои куҳани ҳамхона ба он тарҷеҳ диҳад ва ба ҳеч вақҳ аз меъёри илми матншиносӣ гузар накунад. Ин амал имкон дода, ки мураттиб бар забти нусхаи асосу нусхаи куҳани ҳамасл вафодор монад. Ҳангоме ки нусхаи асос заъф дорад ва ғалат будани он ошкор аст, мураттиб дар айни вафодорӣ ба нусхаи асл забти онро дар ҳошия меовард ва бо зикри далел ва баёни вақҳи афзалияти забти нусахи дигарро дар матн дарҷ мекунад.

Яке аз масъалаҳои асосие, ки ҳангоми тадвини девони шоирони классик пеш меояд, тартиби абёт аст. Масалан, дар байни нусхаҳои бешумори девони Хоҷа Ҳофиз ду нусхае намеёбӣ, ки тартиби абёти ғазалҳо яксон бошад. Ф. Насриддинов дар нусхаи худ дар ин масъала ба нусхаи асос ва дигар нусхаҳои қадими девони Камол такя карда, ки ҳақ бо ӯст. Аз сӯйи дигар, ҳар ҷо ки заъфи нусхаи асосро дар тартиби абёт мебинад ва эҳсос мекунад, ки бо сиёқи калом сустпайванд аст, манбаи тартиби байтҳоро дақиқ меовард. Ҳамчунин

дар мисраю абёте, ки маънӣ равшан нест ва ё дерёб аст, чун баъзе мураттибон аз тасҳеҳи завқӣ истифода набурда, забти нусхаи куҳанро афзал донистааст.

Қасидаҳо мувофиқи мавзуъ танзим шуда, дар таъйини унвони онҳо, ки дар нусхаҳо ба гунаи мухталиф омадаанд, ба қадимтарин нусхаҳо такия шудааст. Ашъореро, ки дар нусхаҳои дусад соли аввал наомадаанд ва мураттиб ба моли Камоли Хуҷандӣ будани онҳо шубҳа дорад, дар бахши "Мулҳақот" меоварад. Дар бахши "Таълиқот" масоили марбут ба интисоби матн, таҳрирҳои куллии муаллифӣ, сарчашмашиносии ашъори мансуб ва машкук, тарҷумаи матлабҳои арабӣ, тавзеҳи луғоту мафоҳими душвор ва манбаъшиносии иқтибосот баррасӣ шуда, ки масъалаҳои умдаи мероси Камолро барои хонанда равшан мегардонад. Дар охир тибқи талаботи илми матншиносӣ, феҳристи мундариҷот, феҳристи ашъор, феҳристи ақволу ахбор ва амсолу ҳикам, феҳристи ашъори ҳошия ва таълиқот, феҳристи ашхос, феҳристи амокин, феҳристи осор таҳия шуда, ки кори хонандаро дар пайдо намудани матлаби хос осон мегардонад.

Воқеан, матни девони Шайх Камоли Хуҷандӣ, ки Фахриддин Насриддинов таҳия намудааст, бо такя ба нусхаҳои зиёди муътабари куҳан санҷида шуда, ҳамаи мароҳили нақду тасҳеҳро паймуда, бо феҳристу тавзеҳот ва таълиқоти лозимӣ ба нашр расидааст. Ф. Насриддинов ҳангоми таҳияи матни ашъори Камол чаҳор шеваи таҳияи матн, ки аз талаботи илми матншиносӣ буда, матни илмӣ-интиқодӣ бо ин равиш ба миён меояд, ба кор бурдааст. Аввалан, нақду тасҳеҳ бар мабнои нусхаи архетип ё худ модар анҷом ёфтааст. Муратиб ҳамаи нусхаҳои дастраси ашъори Камолроро мӯшикофона омӯхта, нусхаи шумораи 3945 аз китобхонаи Аёсӯфияро ба сифати нусхаи асос интихоб мекунад ва ин интихоби худро бо далоили илмӣ собит менамояд. Сониян, аз он сабаб, ки нусхаҳои зиёди муътабар зери даст дошта, бо такя ба нусхаи асос дар мавриди зарурӣ барои таъйини асолати матн аз равиши нақду тасҳеҳи интиқотӣ истифода мекунад. Солисан, корбурди меъёрҳои равиши тасҳеҳи тавъам ё худ байнобайн имкон дода, ки мураттиб бо муқобалаи нусхаҳои зиёди муътабари куҳан камбуд ва заъфи нусхаи архетипро бартараф созад. Масалан, ҳар гоҳ нусхаи асос матнеро надорад, мураттиб бо риояи меъёрҳои равиши тасҳеҳи байнобайн онро бар асоси нусхаҳои муътабар тасҳеҳ намудааст. Солисан, мураттибро зарур омада гоҳе аз равиши тасҳеҳи қиёсӣ истифода барад, вале ба ҳеч ваҷҳ аз тасҳеҳи завқӣ кор нагирифта ва ба нусхаи асосу нусахи муътабар вофодор мондааст.

Баррасии кулли нусхаи таҳиянамудаи донишманди ҷавони дақиқназар Фахриддин Насриддинов аз доира як мақола берун аст. Аз он ҷо, ки ин нусхаи мавриди назар дастраси ҳамагон нест, лозим медонем сари он абёти Камол баҳс кунем, ки дар байни халқ машҳуранду вариантҳои гуногун доранд. Машҳуртарин ғазали Камол, ки вирди забони хосу ом асту дар аксари китобҳои дарсии муассисаҳои таълимӣ, ҳам ба сифати содаю равон буданаш ва ҳам барои таъйини "ғарибӣ"-и шоир онро намуна овардаанд, ғазалест бо матлаъи зер:

Дил муқими кӯи ҷонон асту тан ин ҷо ҷо ғариб,
Чун кунад бечораи мискин тани танҳо ғариб?! [11,169]

Ин ғазал аз нусхаҳои қадиме, ки таърихи китобаташон дақиқ аст, танҳо дар нусхаи шумораи 2103 китобхонаи Отиф Афандии шаҳри Истанбул омада, ки соли 872/1467, яъне 66 сол баъд аз марги шоир китобат шудааст. Ҳамчунин ғазали мазкур дар чаҳор нусхаи дигар омада, ки санаи китобаташон, бино ба тахмини Ф. Насриддинов, ба садаҳои ХУ-ХУ1 мансубанд. Дар нусхаи шумораи 2103 мисраи аввал чунин омадааст:

Ҷон муқими кӯи ҷонон асту тан ин ҷо ғариб...

Баҳром Раҳматов ва Оқилбой Оқилов дар девони таҳиякардаи худ бо такя ба нусхаи шумораи 2103 ба ҷойи "дил " ҷон" овардаанд, аммо Фахриддин Насриддинов "дил" меоварад. Ин маънӣ, ки аз назари орифоне чун Шайх Камол, ҷон ё худ рӯҳ аз олами улвӣ, рӯҳонӣ

асту дар замони мушаххас сайри нузулӣ мекунад ва дар ин дунё асири қафаси тан мешаваду ғариб мегардад ва бояд сайри суудӣ кунад ва худро аз банди нафсу шаҳвоти нафсонӣ ва аз қайди дунёю тааллуқоти дунявӣ озод созаду дубора ба ватани аслии худ – олами рӯҳонӣ бирасонад, ба ҳар як аҳли маънӣ равшан аст. Мурод аз ҷон "рӯҳи инсонӣ ва киноя аз нафси раҳмонию таҷаллиёти ҳақ аст"[14,283] ва "ҷонон" сифоти қаюмист, ки қиёми ҷумла мавҷудот ба ӯст" [14,284]. Аммо дил дар истилоҳи орифон маъонии зиёде дорад, аз ҷумла "нафси нотиқа", "маҳалли тафсили маъонӣ", "махзани асрори ҳақ" [14,387] ва ғайра.

Аз сӯйи дигар, маҳз дили ошиқ аст, ки муқими кӯи ҷонон асту дар чини зулфи ёр манзил гузидааст. Корбурди вожаи "дил"-у ибораи "кӯи ҷонон" ва наздик ба маънии байти болои Камол дар ғазале аз Ҳофиз мушоҳида мекунем, ки матлаъаш ин аст:

Мусулмонон, маро вақте диле буд,
Ки бо вай гуфтаме, гар мушкиле буд…

Хусусан байти севуми он:

Зи ман зоеъ шудан дар кӯйи ҷонон,
Чӣ домангир, ё Раб, манзиле буд. [12,217]

Дар девони Камол низ чандин байт метавон пайдо кард, ки шоир аз манзили дил дар шиканҷи зулфи ҷонон сухан гуфта бошад:

Дилам рафта гум шуд дар он кӯ маро
Тавон ёфт, гар ӯст дилҷӯ маро.[11, 139]

***

Доми дилҳост зулфи дил бари мо,
Хонамаш "дома зиллу ҳу абадо".[11,136]

***

Дилу ҷон то раҳанд аз банд, бикшо зулфи мушкинро,
Ба поят мефитанд, охир, раҳо кун як-ду мискинро. [11, 141]

Аммо овардани ин далелҳо на ба он маъност, ки вожаи «ҷон» дар байти мавриди назар тамоман бемаъною ноҷо бошад. Б. Раҳматов ва А. Оқилов бо такя ба нусхаи муътабари шумораи 2103 калимаи «ҷон»-ро муносиб дидаанд, аммо Фахриддин Насриддинов ин ҷо равиши тасҳеҳи байнобайн ба кор гирифта, вожаи «дил»-ро бармегузинад.

Дар нусхаҳои девони тоҷикистонии даврони Шуравӣ (дар китобҳои дарсии замони Истиқлол низ) ба ҷои "тан"-и мисраи аввал "ман" навиштаанд, ки ба қавли равоншод Абдулманнони Насриддин, "ғарибӣ"-и Камоли Хуҷандиро мушаххас ва таъйин кардааст", ки "дуруст нест" [13, 280]. Баъзе бар он андешаанд, ки "тан" на аз олами улвӣ, балки аз олами модӣ, хокӣ асту наметавонад ғариб бошад ва аз ин сабаб вожаи "ман" мувофиқтар аст. Бояд зикр кард, ки аввалан, дар ҳеч як нусхаи муътабари девони Камол дар зикри ин байт вожаи "ман" забт нагардидааст. Сониян, дар ҳалли ин мушкил низ Ҳофиз ба суроғи мо меояд:

Даст аз талаб надорам, то коми ман барояд,
Ё тан рассад ба ҷонон, ё ҷон зи тан барояд. [12,232]

Ҳамчунин байти зер, ки нусхаҳои гуногуни он дар навиштаҳою гуфтори мардум роиҷ аст, Фахриддин Насриддинов шакли дурусти онро меоварад:

Дар лутфи табъ Саъдии Шерозиӣ, Камол,
Бовар намекунанд, ки гӯӣ хуҷандиям. [11,846]

Хулоса, олими ҷавону дақиқназар Фахриддин Насриддинов дар асоси беш аз шаст нусхаи муътабар матни илмӣ-интиқодии «Девон»-и Шайх Камоли Хуҷандиро таҳя намуда, ки имрӯз беҳтарин ва ҷомеътарин девони ин шоири орифи баландовоза аст. Ин нусхаи девони Камол тасҳеҳи мустанад буда, сафҳаи тозае дар матншиносии тоҷик аст ва бидуни тардид, метавон онро ба сифати матни илмӣ-интиқодӣ қабул кард. Заҳмати таҳиягар шоёни таҳсин аст, аммо набояд бо ин ҳама қаноатманд шуду дафтари девони Камолро хатмшуда ҳисобид. Шайх Камол аз суханварони рутбаи аввал асту нусхаҳои девонаш дар саросари ҷаҳон паҳн гашта ва ин шасту чанд нусха низ, ба қавли мураттиби девони мавриди назар, «наметавонад иёри ҳама гуфтаҳои Камоли Хуҷандӣ қарор бигирад».

АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА:

1. Девони Камоли Хуҷандӣ [Матн] / Тасҳеҳи Азизи Давлатободӣ. – Табрез, 1337.
2. Девони Камоли Хуҷандӣ [Матн] / Тасҳеҳ ва муқобалаи Аҳмади Карамӣ . – Теҳрон, 1372 .
3. Девони Камоли Хуҷандӣ [Матн] / Тасҳеҳи Азизи Давлатободӣ. –Теҳрон, 1375.
4. Девони Камоли Хуҷандӣ [Матн] / Тасҳеҳи Эраҷи Гулисурхӣ,-Теҳрон: Суруш, 1374, дар ду ҷилд.
5. Камоли Хуҷандӣ. Девон [Матн] / Матни интиқодӣ ба эҳтимоми Козими Шедфар. – Москва: Наука, 1976, дар ду ҷилд ва чаҳор китоб.
6. Камоли Хуҷандӣ. Девон [Матн] / Ба чоп тайёрку¬нан¬дагон Ш. Ҳусейнзода, Н. Қаҳҳорова ва С. Асадуллоев (дар ду ҷилд). –Душанбе: Ирфон, 1983-1985.
7. Камоли Хуҷандӣ. Девон [Матн] / Таҳия ва тасҳеҳи матн аз Абду¬ҷаббори Суруш ва Саидумрон Саидов. Хуҷанд – 2011.
8. Камоли Хуҷандӣ. Девон / Бо пешгуфтор ва таҳияи А.Суруш.–Хуҷанд: Хуросон, 2015.
9. Камоли Хуҷандӣ. Девон [Матн] / Бо муқаддима, таҳия ва тасҳеҳи Бадриддин Мақсудов. –Душанбе: Адиб, 2015, – 480 с.
10. Камоли Хуҷандӣ. Девон [Матн] / Таҳиякунандагони матн, муаллифони тавзеҳот ва охирсухан Баҳром Раҳматов ва Оқилбой Оқилов. –Хуҷанд: Хуросон, 2020. – 1328 с.
11. Шайх Камоли Хуҷандӣ. Девон (матни илмӣ-интиқодӣ) [Матн] / Муқаддима, тасҳеҳ ва таълиқоти Фахриддин Насридинов.-Хуҷанд: Ношир (дар ду ҷилд), 2020. –1432 с.
12. Ҳофизи Шерозӣ. Девон [Матн] / Таҳияи Ш.Р. Исрофилниё, –Душанбе: Адиб, 2015. – 480 с.
13. Насриддин, Абдулманнон. Матншиносии осори адабӣ [Матн] / Абдулманнони Насриддин .– Хуҷанд, 2009.–392 с.
14. Саҷҷодӣ, Сайидҷаъфар. Фарҳанги истилоҳот ва таъбироти ирфонӣ [Матн] / Сайидҷаъфар Саҷҷодӣ . –Теҳрон, 1378.

НАҚДЕ БАР “ДЕВОН”-И ШАЙХ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ

Шайх Камоли Хуҷандӣ яке аз бузургтарин шоирони ғазалсарои адабиёти форсу тоҷик аст, ки шуҳрataш дар тамоми қаламрави забони форсӣ партав афкандаву сеҳри суханаш мақбули хосу ом гашта ва шоирони зиёде ба истиқболи шеъри ӯ ғазал сурудаанд. Дар панҷоҳ соли охир чандин донишмандони девони ашъори Камоли Хуҷандиро нашр намуданд, аммо бовуҷуди ин ҳама то ба ҳол китобе дар даст надорем, фарогири ҳам осори адабии ин шоири бузургро дар бар гирифта бошад. Нашри тозаи девони Камоли Хуҷандӣ, ки аз тарафи профессор Ф. Насриддинов таҳия шуда, соли 2020 дар Хуҷанд ба нашр расидааст, як матни илмӣ-интиқодӣ буда, ҷавобгӯй ба талаботи илми матншиносӣ мебошад.

Дар мақола нашри “Девон”-и Камоли Хуҷандӣ дар панҷоҳ соли охир баррасӣ ва нақсу камбудҳои онҳо нишон дода шудааст. Дар муқоиса бо нашрҳои пешинаи ашъори шоир“Де-

вони Камоли Хуҷандӣ”-и тартибдодаи профессор Фахриддин Насриддинов мавриди таҳлили дақиқ қарор гирифта, аз нигоҳи илми матншиносӣ баҳогузорӣ шудааст.

Баррасии нусхаҳои ба нашррасидаи ашъори Камоли Хуҷандӣ дар панҷоҳ соли охир ва таъйини арзиши илмии матни тозаи девони шоир, ки аз тарафи профессор Ф. Насриддинов дар асоси беш аз шаст нусхаи қадимии дастнависҳои шоир мураттаб гардидааст.

Мақола ба нақди “Девон”-и Шайх Камоли Хуҷандӣ, ки дар асоси беш аз шаст нусхаи дастнависҳои қадими ашъори шоир аз тарафи профессор Фахриддин Насриддинов таҳия шудааст, ихтисос дорад.Муаллифи мақола бо баррасии ҳар як нусхаи таҳияшудаи девони Камоли Хуҷандиро дар панҷоҳ соли охир нишон медиҳад, ки то кунун нусхаи аз девони Камол дар даст надорем, ки куллияи осори ин шоири баландовозаро фаро гирифта бошад.

Омӯзиши дақиқ ва муқоисаю муқобала бо дигар нусхаҳо муаллифи мақоларо ба хулоса оварда, ки матни таҳиянамудаи Фахриддин Насриддинов бо такия ба нусхаҳои зиёди муътабари куҳан санҷида шуда, ҳамаи мароҳили нақду тасҳеҳро паймуда, бо феҳристу тавзеҳот ва таълиқоти лозимӣ ба нашр расидааст. Мураттиб ҳангоми таҳияи матни ашъори Камол чаҳор шеваи таҳияи матн, ки аз талаботи илми матншиносӣ буда, матни илмӣ-интиқодӣ бо ин равиш ба миён меояд, ба кор бурдааст. Мусаҳҳеҳ дар асоси беш аз шаст нусхаи муътабар матни илмӣ-интиқодии «Девон»-и Шайх Камоли Хуҷандиро таҳия намуда, ки имрӯз беҳтарин ва ҷомеътарин девони ин шоири орифи баландовоза аст. Ин нусхаи девони Камол тасҳеҳи мустанад буда, сафҳаи тозае дар матншиносии тоҷик аст ва бидуни тардид, метавон онро ба сифати матни илмӣ-интиқодӣ қабул кард. Аммо набояд бо ин ҳама қаноатманду шуду дафтари девони Камолро хатмшуда ҳисобид, зеро ин шасту чанд нусха низ наметавонад иёри ҳама гуфтаҳои Камоли Хуҷандӣ қарор бигирад.

Калидвожаҳо: Камоли Хуҷандӣ, девон, матн, нусха, равиш, ғазал, нусхаи модар (архитеп), мураттиб.

Маълумот дар бораи муаллиф: Исрофилниё Шарифмурод Раҳимзода –доктори илми филология, профессор, ходими пешбари илми Институтии илмию таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Тел: 900909696; 933670999 **E-mail:** isrofilniyo@mail.ru

КРИТИКА К “ДИВАН”-А ШЕЙХА КАМОЛА ХУДЖАНДИ

Шейх Камоли Худжанди – один из величайших поэтов персидско-таджикской литературы, чья поэзия распространилась по всему персидскоязычному региону, а магия его слов стала популярной, и многие поэты спели газели в ответ на его стихи. За последние пятьдесят лет несколько ученых опубликовали стихи Камала Худжанди, но, несмотря на все это, у нас до сих пор нет книги, в которую вошли бы всю литературные наследие этого великого поэта. Новое издание книги Камола Худжанди под редакцией профессора Ф. Насриддинов разработан и издан в Худжанде в 2020 году, отвечающий требованиям текстологии, то есть научно-критический текст.

В статье рассмотрены издания «Девона» Камола Худжанди за последние пятьдесят лет и показаны их недостатки. По сравнению с предыдущими изданиями стихотворения поэта «Девани Камоли Худжанди», составленными профессором Фахриддином Насриддиновым, оно было тщательно проанализировано и оценено с точки зрения текстологии.

Обзор изданных экземпляров стихов Камала Худжанди за последние пятьдесят лет и определение научной ценности нового текста книги поэта, под редакцией профессора Ф. Насриддинов был составлен на основе более шестидесяти древних рукописей поэта.

Статья посвящена критике «Девона» Шейха Камоли Худжанди, подготовленной профессором Фахриддином Насриддиновым на основе более чем шестидесяти рукописей стихотворений поэта. Автор статьи, изучая каждый экземпляр дивана Камала Худжанди, изготовленной за последние пятьдесят лет, показывает, что до сих пор у нас нет экземпляра

дивана Камала, охватывающего все произведения этого известного поэта.

Детальное изучение и сопоставление с другими копиями привели автора статьи к такому выводу, что подготовленный Фахриддином Насриддиновым текст был проверен с помощью множества старых и надежных копий, также учтены все этапы текстологии. При подготовке текста стихотворений Камала составитель использовал четыре метода подготовки текста, которые являются требованиями текстологии. На основе более чем шестидесяти авторитетных экземпляров Ф.Насриддинов разработал научно-критический текст «Деван» шейха Камали Худжанди, который на сегодняшний день является лучшей и наиболее полной книгой этого известного поэта. Данная версия «Дивана Шейха Камала Худжанди» является документальной правкой, новой страницей в таджикской текстологии и без колебаний может быть принята как научно-критический текст. Однако не следует довольствоваться всем этим и считать дивана Камаля завершенным, и даже этих шестидесяти экземпляров недостаточно для все слова Камала Худжанди.

Ключевые слова: Камоли Худжанди, диван, текст, экземпляр, метод, газель, первичная копия (архитеп), корректор.

Сведения об авторы: Исрофилниё Шарифмурод Рахимзода –доктор филологических наук, профессор, ведущий сотрудник НИИ ТНУ.

Тел: 900909696; 933670999 **E-mail:** isrofilniyo@mail.ru

CRITICISM OF “DEWAN” SHEIKH KAMOLI KHUJANDI

Sheikh Kamoli Khujandi is one of the greatest poets of Persian-Tajik literature, whose poetry spread throughout the Persian-speaking region, and the magic of his words became popular, and many poets sang ghazals in response to his poems. Over the past fifty years, several scholars have published the poems of Kamal Khujandi, but despite all this, we still do not have a book that would include the entire literary heritage of this great poet. A new edition of Kamol Khujandi's book, edited by Professor F. Nasriddinov, was developed and published in Khujand in 2020, meeting the requirements of textual criticism, that is, a scientific critical text.

The article deals with the editions of "Devon" by Kamol Khujandi for the last fifty years and shows their shortcomings. Compared with previous editions of the poet's poem "Devani Kamoli Khujandi", compiled by Professor Fahriddin Nasriddinov, it was carefully analyzed and evaluated from the point of view of textual criticism.

A review of the published copies of Kamal Khujandi's poems over the past fifty years and the determination of the scientific value of the new text of the poet's book, edited by Professor F. Nasriddinov, was compiled on the basis of more than sixty ancient manuscripts of the poet.

The article is devoted to the criticism of "Devon" by Sheikh Kamoli Khujandi, prepared by Professor Fakhriddin Nasriddinov on the basis of more than sixty manuscripts of the poet's poems. The author of the article, having studied every copy of the Kamal Khujandi sofa made over the past fifty years, shows that we still do not have a copy of the Kamal sofa covering all the works of this famous poet.

A detailed study and comparison with other copies led the author of the article to the conclusion that the text prepared by Fakhriddin Nasriddinov was checked using many old and reliable copies, all stages of revision and correction were taken into account, and it was published with the necessary cataloging, explanations and clarifications. When preparing the text of Kamal's poems, the compiler used four methods of preparing the text, which are the requirements of textual criticism, and with this approach, a scientific-critical text is created. On the basis of more than sixty authoritative copies, F. Nasriddinov developed the scientific-critical text "Devan" by Sheikh Kamali Khujandi, which today is the best and most complete book of this famous poet. This version of "Divan Kamal" is a documentary revision, a new page in Tajik textology and can be

accepted without hesitation as a scientific-critical text. However, one should not be satisfied with all this and consider Kamal's sofa complete, because Sheikh Kamal is one of the first speakers and copies of his sofa are scattered all over the world, and even these sixty copies are not enough for all the words of Kamal Khujandi.

Key words: Kamoli Khujandi, divan, text, copy, method, gazelle, primary copy (architep), corrector.

About the author: Isrofilniyo Sharifmurod – Doctor of Philology Sciences Professor, leading research feilow scientific research Institute of the Tajik National University

Tel: 900909696; 933670999 **E-mail:** isrofilniyo@mail.ru

ТДУ 894.375.

МЕРОСИ АДАБИИ АЛИШЕРИ НАВОӢ

Муҳаммадзода С.[1]

Амир Алишери Навоӣ (1441 – 1501), ки номи Низомиддинро барояш гузоштаанду падараш Кичкина Баҳодур, аз хизматгузорони дарбори Темуриён будааст, дар баробари фарогирии илмҳои замона ба эҷоди осори илмию адабӣ пардохта, ҳамзамон муддате ба корҳои дафтардорию шаҳрдории давлати Султон Ҳусайни Бойқаро низ машғул мегардад. Аз ин рӯ, фаъолияти Алишери Навоӣ гуногунпаҳлу буда, дар умри кӯтоҳ, вале пурсамари худ ба минбаъд чун сиёсатмадори давлатии даврон, олиму муҳаққиқ ва эҷодкори осори бадеӣ шинохта шудааст, ки имрӯз ҳам заҳматҳояш боқӣ мондаю бар манфиати ҳаёти ҷамъиятию фарҳангию маънавии ҷомеа хидмат мекунанд. Дар бораи рӯзгори сипаринамудаи ин шахсияти тавонои асри ХУ1, ҳаёти иҷтимоӣ ва мероси бои илмию адабии ӯ дар адабиётшиносию шарқшиноии ҷаҳонӣ, аҳди шуравӣ ва… ба минбаъд кору таҳқиқотҳои зиёде ба сомон расидаанд. Мо дар ин мақола тасмим гирифтем, ки доир ба тамоми паҳлуҳои ҳаёти сипаришуда, фаъолияташ дар дарбори султон Ҳусайни Бойқаро, тамоми осори илмию адабиии ӯ суханро кӯтоҳ намуда, танҳо ба фаъолияти адабии мавсуф ҳамчун адиб мухтасару мушаххас ёдрас гардем, зеро асосан осори бадеии ӯянд, ки номашро на танҳо дар байни ҳамзабононаш, балки ҳамсоякишварҳо ва бо мурури замон дар байни муҳаққиқони шарқшиноси ҷаҳон машҳур намудаанд.

Вақте дар бораи осори бадеии Алишери Навоӣ сухан ба миён меояд, албатта, пеш аз ҳама, мо вобаста ба эҷодиёти ӯ бояд гӯем, ки мавсуф дар эҷоди бадеӣ барояш ду тахаллусро қабул намудаю осори ғиноии хуро бо ду тахаллус; «Навоӣ» барои эҷоди асарҳои бадеие, ки ба забони модариаш ва «Фонӣ», ки барои асарҳои бадеии ба забони форсии тоҷикии офаридааш менавишт. Ин ду тахаллусро ӯ ба хотири он барои худ қабул намуда буд, ки хонанда ба осонӣ тавонад ашъори узбекиашро аз офаридаҳои ба забони форсии тоҷикӣ навиштааш фарқ намояд. Аз ин рӯ, вай ҳанӯз дар замони оғози навиштани асарҳои бадеӣ ин ҳар ду тахаллусро барои худ қабул намуда, дар байни аҳли адабу илми замона чун адиби зуллисонайн шинохтаю бо гузашти вақт маъруфият пайдо менамояд, ки дар ин бора аз сарчашмаҳои муътамад сар карда, то ба корҳои таҳқиқотии имрӯз мулоҳизае, ишорае ё таъкидеро метавон дарёфт [1, 265 -501; 9; 3; 7; 8; 10; 12 ва ғ.].

Дар бораи он ки Алишери Навоӣ аввал бо кадом забон; ба забони модариаш туркии чиғатоӣ, ки забони қадимии узбекӣ дониста мешавад ва ё забони форсии тоҷикӣ шеър гуфтааст, чандон равшан нест. Вале навоишиноси тоҷик Алии Муҳаммадӣ ишора менамояд, ки адиби оянда таълими ибтидоӣ ва машғулиятҳои мадрасавии худро пайваста ба забонҳои форсии тоҷикӣ ва арабӣ мегирифт ва ӯ аввалин эҳсоси дилашро бояд ба забони форсии тоҷикӣ гуфта бошад [5]. Аслан ин чандон муҳим нест. Муҳим он аст, ки шоири зуллисонайн дар баробари ба забони модариаш ашъори фаровоне навиштаю барои ҳамзабононаш ба мерос гузоштан, ба забони форсии тоҷикӣ “Девони форсӣ” низ дорад, ки муштамил ба ашъори ғиноии ӯ буда, камобеш 6000 байтро ташкил медиҳад. Албатта ин заҳмати андак нест ва зиёда аз ин дар он ҳунари суханварии Алишери Навоӣ ба ҷониби мусбат дида мешавад. Мо ба гуфтаи Алии Муҳаммадӣ ҳамовоз шуда,гуфтанием, ки шахси хушзавқи ба забони форсии тоҷикӣ таълимгирифтаю “... аз мактаби адабии Абуабдуллоҳи Рӯдакию Абулқосими Фирдавсӣ, Саъдию Ҳофизи Шерозӣ, Низомии Ганҷавию Амир Хусрави Деҳлавӣ, Фаридудини Аттору Камоли Хуҷандӣ, Абдуррамони Ҷомӣ ва дигарон сабақгирифта бояд нахустабёти таронаи дили худро бо ин забон гуфта бошад” [7, 15].

Ҳамин тавр, Алишери Навоӣ эҷодиёти худро бо гуфтани ашъори форсии тоҷикӣ ҳусни оғоз бахшида, бо раҳнамоии устоди маънавӣ ва дӯсти наздикаш Мавлоно Абдурраҳмони

1. Муҳаммадзода Савринисо – ходими хурди илмии шуъбаи тавсиф ва таҳияи феҳристи дастхатҳои Маркази мероси хаттии назди Раёсати АМИТ.

Ҷомӣ (1414 – 1492) баъдан бо забони модарӣ ба эҷоди асарҳои хурди ғиноӣ ва достонҳои калонҳаҷм машғул мешавад. Тибқи асноди мавҷуда ва хабари маъхазу сарчашмаҳо ӯ бо забони модариаш беш аз чиҳил асар навишта будааст. Дар ин миён девонҳои ӯ ва “Хамса”-аш ба забони узбекӣ дар байни эҷодиёти бадеияш мавқеъ ва мақоми вижа доранд.

Шоир навиштани шеърро аз навъҳои хурди ғиноӣ ё лирикӣ оғоз намуда, минбаъд ба навиштани достонҳояш пардохтааст. “Бадеъ-ул-бодия” девони нахустини адабии зуллисонайн ба забони узбекии қадим буда, он соли 1470 м. ҷамъ ва таҳияю тадвин мегардад.

Шоир дар баробари фаъолияти пайвастаи давлатӣ солҳои 1480-1487 девони дигари худ “Наводир-ул-ноҳия”-ро мураттаб месозад. Вай баъдтар бо маслиҳати устодаш Мавлоно Ҷомӣ ҳамаи ашъори ғиноии ба забони модарӣ эҷоднамудаашро ҷамъ намуда, дар чаҳор девон бо номҳои “Ғароиб-ус-сағир”, “Наводир-уш-шубоб”, “Бадоеъ-ул-васат” ва “Фавоид-ул-кабир” тақсим менамояд. Ин заҳмати арзанда ва мондагор бо номи “Чаҳор девон” низ маъруфу машҳур ва аз навъҳои ғазал, мустазод, мухаммас, мусамман, тарҷеъбанд, таркиббанд, маснавиҳои хурд, соқинома, қитъа, рубоӣ, муаммо, чистон, туюғ ва фард иборат буда, беш аз 22450 байтро фаро гирифтааст. Адабиётшиноси маъруф Аълохон Афсаҳзод менависад, ки Ҳамид Сулаймон дар рисолаи доктории худ, ки дастнависи онро мутолиа карда будам, ҷамъулҷамъ ғазалҳои ашъори “Чор девон”- ро 3120 адад муайян кардааст [2, 96-97]. Бояд гуфт, ки дар ин чаҳор девони ғазалҳои ба забони узбекӣ навиштаи Алишери Навоӣ дар ҳар девон 650-тоӣ ҷой дода шудаанд, ки дар умум 2600 адад буда, 20003 байтро ташкил медиҳанд.

Дар ин девонҳо навъҳои дигари шеърӣ, монанди мустазод 4 адад ба теъдоди 28 байт, мухаммас 10 адад ба теъдоди 177 байт, мусаддас 5 адад ба теъдоди 117 байт, мусамман 1 адад дар 28 байт, тарҷеъбанд 4 адад ба теъдоди 369 байт, мавнавии хурд 1 адад ба теъдоди 148 байт, қасида 1 адад дар 91 байт, соқинома 1 адад ба теъдоди 458 байт ҷой дода шудаанд. Баршумурда шуд, ки дар девони аввал “Ғароиб-ус-сағир” шоир 50 адад қитъа, дар девони сонӣ “Наводир-уш-шубоб” 50 адад қитъа, дар девони севум “Бадоеъ-ул-васат” 60 адад қитъа ва дар девони чаҳорум “Фавоид-ул-кабир” 50 адад қитъа, ҷамъулҷамъ 210 адад қитъаҳои худро ҷой додааст, ки абёти умумиашон 503 байт аст. Ҳамчунон дар девони аввали Алишери Навоӣ 133 рубоӣ дар 266 байт, муаммо 52 адад дар 54 байт, дар девони севум 10 адад чистон дар 40 байт, 13 адад туюғ дар 26 байт ва фардиёт дар 86 адад дар 86 байт ҷой дода шудааст.

Агар анвои шеърии дар чаҳор девони узбекии шоир ҷойдодаро баршуморем, дар онҳо мавҷудияти 16 навъи шеъриро дармеёбем. Ин аз он далолат менамояд, ки Алишери Навоӣ дар офаридани навъҳои шеърӣ ба адабиёти туркзабонон хидмати шоистаеро анҷом дода будааст. Дар ин маён баъзе навъҳои шеърии хоси адабиёти туркзабонон аст, ки заминаҳои шифоҳӣ доранд, монанди туюғ.

Тибқи маълумоти умумии навоишиносон ғазалҳои узбекӣ дар ашъори ғиноияш ҷои аввалро доро буда, мавзую муҳтавои ин ғазалҳо, аз як тараф, агар таъсири беш аз 500-солаи адабиёти форсии тоҷикии бардоштаи ӯ бошад, аз тарафи дигар, фарогирандаи рӯҳияи замони эҷодкор мебошанд, ки ин мавзуи васеи дигари доманадор аст. Дар ин бора бештар аз ҳама навоишиносони ӯзбек, монанди Ҳ. Сулаймонов, Ҳайитбеков А., Шодиев Э., Шомуҳаммедов Ш., Ғаниева С., Шомухаммедов А., Суюнов М.Р. ва ғайра ҳадс задаанду доир ба сохту муҳтавои онҳо андешаронӣ намудаанд. Бештари ин андешаҳо бар он ҷамъбаст гардидаанд, ки Алишери Навоӣ дар навиштани ғазалҳои узбекии худ ба ҳар навъе аз адабиёти ғановатманди форсии тоҷикӣ, ки бештар аз 500-сол пеш аз асосогузори адабиёти узбек ҳукумат дошт, истифода намуда, бо навгониҳои худ ин навъи шеъриро бо забони модарияш равнақу ривоҷ дода ва ба адабиёти туркизабонон хидмати назаррасеро ба субут расонидааст. Дар ин ғазалҳо, дар умум, аксар ба тасвири ҳолати зоҳирию ботинии ошиқ, бурду бохти ошиқ дар роҳи ишқ, ҳусну ҷамоли баркамол ва бевафоию нозу истиғнои маъшуқа, бо ҷамолу камол ҷилва кардану худбинии маъшуқа, шаҳди висолу дарди ҳичрони ошиқон, сифати фаслҳои сол, бахусус баҳори сарсабз бо домани пур аз гулу лола, даргузар будани умр,

ғанимат доштани ҳар лаҳзаи умр, норасоиҳои зиндагӣ, бурду бохти ҳаёт, зиндагии шодмон бо маю майгусорӣ, соқии ҷонпарвар, андешаҳои ирфонӣ ва ғайра метавон дучор омад.

Ин чанд байти як ғазали Алишери Навоӣ, ки дар зер иқтибос мешавад, аз байни 3130 ғазали ӯзбекии шоир буда, ниёз ба тарҷумаи таҳтуллафз надорад. Субҳи босафо, боди сабо, гули хандон, дами Масеҳо доштани боди саҳаргоҳӣ, ба кӯрии Яъқуб биноӣ додани моҳи Канъон, ба ошиқи маҳҷур расидани муждаи ҷонона, шоми ҳичронро паси сар кардани симои ғиноии ғазалу дафъу нобудии ҳичронро дархостан ва ғайра худ ба худ мазмуну муҳтавои ғазали нишотовар будани онро нишон медиҳад. Матни иқтибос аз ин ғазали узбекии шоир аст. Таваҷҷуҳ фармоед:

Субҳ откурдӣ сабо гулбарги хандон муждасин,
Ё кӯнгул тонти Масиҳ анфосидин жон муҳдасин.
Ё фалак берди йиғи, кӯр айлаган Яъқубнинг,
Кӯзлари очиқмоқ учун моҳи Канъон муждасин.
Не гули хандон, не Юсуфдур, не Исо муждасин,
Топти бир маҳжур ӯлар ҳолатда жонон муждасин...
Эй Навоий, шоми ҳижрон ийғларим дафъ ӯлдиким,
Субҳ эткурди сабо гулбарги хандон муждасин! [6, 575]

Аз асарҳои калонтарини манзуми Алишери Навоӣ “Хамса”-и ӯ ба шумор меравад, ки байни солҳои 1483-1486 навишта шуда, достонҳои “Ҳайрат-ул-аброр”, “Фарҳод ва Ширин”, “Лайлӣ ва Маҷнун”, “Саъбаи сайёра” ва “Садди Искандарӣ”-ро фарогир мебошад. “Хамса”-и адиб аз 27 ҳазор байти иборат буда, дар пайравии “Хамса”-ҳои Ҳаким Низомии Ганҷавӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ ва илҳом аз “Ҳафт авранг”-и Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ иншо гардидааст. Дар бораи “Хамса”-и Алишери Навоӣ устод С. Айнӣ навишта буд: “Навоӣ ... асарҳои муҳимми худро ба забони ӯзбекӣ навишт. Чунончи худи ӯ дар ин хусус дар муқаддимаи “Ҳайрат-ул-аброр”, ки китоби якум аз 5 китоби “Хамса” аст, баъд аз мадҳ кардани Низомӣ, Хусрав ва Ҷомӣ, ки онҳо ҳам “Хамса” навиштаанд, мегӯяд (тарҷума айнан):

Форсӣ чун гашт дар эшон адо,
Туркӣ кунам, нест аҷаб, ибтидо.
Форс чу хурсанд шуд аз он гуҳар,
Турк ҳам ар шод шавад, хубтар.
Ман, ки дар ин роҳ ниҳодам қадам,
Ҳаст умедам, ки бигирам қалам.
Роҳбарӣ карда Низомӣ маро,
Ёр шавад Хусраву Ҷомӣ маро.. [1, 337]

Достонҳои Алишери Навоӣ бо он ки аз ҷиҳати сохту фарогирии муҳтаво то андозае дар пайравиии “Хамса”-ҳои Ҳаким Низомии Ганҷавӣ ва Амир Хусрави Деҳлавӣ бо ташвиқи устодаш Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ навишта шудаанд, боз ҳам дар баёни матлаб ва ҷаҳонбинӣ ҷои алоҳидаи худро доранду аз асарҳои сармашқи худ ба куллӣ фарқ мекунанд. Инро мо пеш аз ҳама дар достони дувуми “Хамса”-и Алишери Навоӣ “Фарҳод ва Ширин” мушоҳида менамоем.

Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ баъди мутолиаи достонҳои аввали «Хамса»-и Алишери Навоӣ дар маснавии «Хирадномаи Искандарӣ»-и худ аз қудрати қалами ӯ дар шеъри туркӣ чунин ёд кардааст:

Ба туркизабон нақше омад аҷаб,
Ки ҷодудамонро бувад муҳри лаб.

Бибахшуд бар форсигавҳарон
Ба назми дарӣ дурри назмоварон,
Ки гар будӣ он ҳам ба лафзи дарӣ,
Намондӣ маҷоли сухангустарӣ.
Ба мизони он назми муъҷизнизом
Низомӣ кӣ будию Хусрав кадом?
Чу ӯ бар забони дигар нукта ронд,
Хирадро ба мизонашон раҳ намонд. [1, 271]

Ҳунари суханварӣ ва ҷаҳонбинию башардӯстии Алишери Навоӣ дар эҷоди «Хамса» ҷолиби диққат аст. Устод С. Айнӣ онро «яке аз беҳтарин намунаҳои адабиёти классикии Шарқ» шуморида буд. Офаридаҳои дигари ӯзбекии Амир Алишери Навоӣ «Маҷолису-н-нафоис», ки ҳукми тазкираро дорад, «Таърихи анбиё ва ҳукамо», ки дар бораи ашхоси ривоятию таърихии Мовароуннаҳру Хуросон ва асотири зардуштию юнонию исломӣ баҳс мекунад, «Муҳокимату-л-луғатайн», ки дар он ба таври қиёсӣ доир ба забонҳои форсии тоҷикӣ ва ӯзбекии қадим андешаронӣ шудааст, рисолаи «Мизону-л-авзон», ки дар омӯзиши назарияи адабиёт, хосса вазни арӯз дар назми ӯзбек назаррас аст, «Маҳбубу-л-қулуб», ки дар он анъанаи «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ ва «Баҳористон»-и Мавлоно Ҷомӣ идома ёфтааст, «Хамсату-л-мутаҳаййирин», ки ёддоштҳо дар бораи устодаш Абдурраҳмони Ҷомӣ мебошад, рисолаҳои «Ҳолоти Сайид Ҳасани Ардашер» ва «Ҳолоти Паҳлавон Муҳаммад», ки хотираҳо дар бораи дӯстонанд, «Таърихи мулуки Аҷам», ки асари таърихист, «Насоиму-л-хулд», ки тарҷумаи озоди «Нафаҳоту-л-унс»-и Мавлоно Ҷомӣ бо иловаҳост, «Муноҷот», «Назму-л-ҷавоҳир», «Вақфия», «Лисону-т-тайр» ва ғ. мақоми адабии ӯро дар таърихи адабу фарҳанг ва илми мардуми ӯзбек хеле равшан нишон медиҳанд.

Амир Алишер дар эҷоди асарҳои форсии тоҷикӣ бо тахаллуси «Фонӣ» низ табъозмоӣ намуда, бо ин забон, ки онро баробари забони модарияш азизу муътабар медонист, шеър мегуфт ва бо дӯстону наздиконаш, аз ҷумла Абдурраҳмони Ҷомӣ муросалаи доимӣ дошт. Муросалоти Алишери Навоӣ бо Ҷомӣ асосан дар мавридҳои аз Ҳирот ба сафар рафтан ва ё бо зарурати озими дигар шаҳру вилоёти Хуросон шудани яке аз онҳо амалӣ мегардид. Дар байни мероси форсӣ-тоҷикии адиб «Муфрадот», «Рисолаи тирандозӣ» ва «Девони форсӣ»-и ӯ бештар маъруфу машҳуранд.

«Девони форсӣ» маҳсули бобаракати тамоми давраи эҷодии Алишери Навоӣ буда, ба забонҳои форсии тоҷикӣ нигошта шудааст. «Девони форсӣ»-и Навоӣ-Фонӣ як девони мукаммал буда, аз қасоид, ғазалиёт, марсия, мусаддас, мухаммас, муқаттаот, моддаи таърих, рубоиёт, луғзҳо, муаммо, пайвастаҳо ва як маснавии хурд иборат мебошад. Дар ин девон агар теъдоди қасида 10 – то бошад (ҷамъ 966 байт), марсия якто (68 байт), мусаддас якто (27 байт), мухаммас якто (30 байт), муқаттаот 64 – то (158 байт), моддаи таърих 16 – то (39 байт), рубоиёт 76 – то (152 байт), луғз 9 – то (38 байт), муаммо 291 – то (307 байт), пайвастаҳо 61 – то (57 байт), маснавӣ якто (37 байт) ва аз ҳама зиёд ғазал 555 – то (4351 байт) баршумурда шуд. Худи ҳамин 555 ғазали «Девони форсӣ» - и Навоӣ-Фонӣ баёнгари он аст, ки ғазал дар ин девон, чун девонҳои узбекии ӯ мавқеи аввалиндараҷа дорад [7] .

Вақте «Девон»-и Навоӣ-Фониро аз назар мегузаронем, дар тартиби он равияеро мебинем, ки дар девони суханварони пешин ва ё шоирони баъди қарни XV дида намешавад. Ин тартиб бар он аст, ки дар нусхаҳои қаламии девон баъзе ишораҳое ҳастанд, ки шоири зуллисонайн кадоме аз ғазалу қасидаашро дар пайравию татаббуи шоирони гузашта ва ё муосирони форсизабонаш эҷод намудаасту кадоме аз ғазалу қасида зодаи табъи ғаррои худи ӯст. Ба ҳамин маънӣ, дар «Девони форсӣ» ду навъи шеъри манзум, яке ғазалу қасоиде, ки Алишери Навоӣ дар пайравию равияи шоирони гузаштаю муосири форс-тоҷик гуфтааст, яъне пайравӣ кардааст ва дигаре ғазалу қасоид ва дигар анвоъи шеърие, ки бевосита худи ӯ иншо намудааст, мавҷуд мебошанд. Шоироне, ки муаллифи «Девони форсӣ» дар пайравии онҳо ғазалу қасоиди худро гуфтааст, Анварии Абевардӣ, Хоқонии Шервонӣ, Саъдии

Шерозӣ, Хоҷа Ҳофиз, Камоли Хуҷандӣ, Салмони Совақӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Ҳасани Деҳлавӣ, Исмати Бухоройӣ, Мавлоно Коҳӣ, Мавлоно Котибӣ, Соҳиби Балхӣ, Мавлоно Шаҳобӣ, Мир Суҳайлӣ, Мир Вафоӣ, Сайфии Турк, Шоҳии Сабзаворӣ, бародари ширхӯрда, ҳамдабистону шарикдарс ва баъдтар султони вақт, ки табъи шеъргӯйӣ низ дошт, султон Ҳусайни Бойқаро ва билохира дӯсти ҷонӣ ва устоди ғамхораш Мавлоно Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ мебошанд. Шоири зуллисонайн мегӯяд:

Хусраву Ҳофиз туро, Фонӣ, агар ҳодиянд,
Пайравии Ҷомият ҳаст ба ваҷҳи Ҳасан. [7, 319]

Ба роҳи ишқ агар мушкиле фитад, Фонӣ,
Зи рӯҳи Ҳофизу маънии Ҷомияш ҷӯям. [7, 303-304].

Навоӣ-Фонӣ дар як қитъаи худ доир ба татаббуоташ сухан ронда, бо камоли шикастанафсию хоксорӣ чунин гуфтааст:

Татаббуъ кардани Фонӣ дар ашъор
На аз даъвию не аз худнамоист.
Чу арбоби сухан соҳибдилонанд,
Муродаш аз дари дилҳо гадоист. [7, 386]

Бо оварди ин мисол мебояд ба фурӯтанию хоксории бузургворонаи Навоӣ-Фонӣ тан дод, зеро вай ҳамчун суханвар қудрату тавоноии хешро дар назми форсии тоҷикӣ хеле хуб дарк карда буд. Аз мулоҳизаҳои болоӣ метавон ба хулосае омад, ки қудрати сухану тавоноии фикр барои адиби зуллисонайн имкон медоданд, ки бо бузургоне монанди Анварию Хоқонӣ, Саъдию Ҳофиз, Камолу Ҷомӣ ва дигарон ҳамдастонӣ кунад, ки ба ҷуз ғазал қасидаҳои татаббуии ба забони форсии тоҷикӣ навиштаи ӯ шоҳиди ҳол мебошанд.

Мавзую муҳтавои ашъори «Девони форсӣ» ҳамон аст, ки дар девонҳои узбеки шоир мебинем. Навоӣ-Фонӣ танҳо дар ашъори татаббуияш кӯшиш намудааст, ки сохту муҳтавои ғазал ё қасидаи сармашқро то ҳадде нигоҳ дорад.

Ниҳоят, бояд гуфт, ки осори гаронмояи адабии ба забонҳои туркии чиғатоӣ ё узбекии қадим ва форсии тоҷикӣ навиштаи Алишери Навоист, ки имрӯз номи ӯро бештар аз дигар фаъолиятҳои ҷамъиятию илмиаш зиндатар нигоҳ медоранд ва аҳли дил, бахусус ҳамзабонони адиб, ки аз осори адабиаш баҳраҳо мебардоранду Сардафтари адабиёти классикии худро зиёдтар эҳтирому қадардонӣ мекунанд. Ва ҳар қадаре ҳамзабонони шоир аз эҷодиёти ӯ комёб мегарданду лаззат мебардоранд, мо-тоҷикон низ аз осори ӯзбекию форсии тоҷикияш ҳамон қадар лаззатёб мегардему бар манфиати пешрафти корҳои худ баҳраҳо мебардорем. Омӯзиши ҳамаҷонибаи осори адабии Амир Алишери Навоӣ-Фонӣ дар алоҳидагӣ сари вақт дониста мешавад.

АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

1. Айнӣ, Садриддин. Алишери Навоӣ [Матн] / Садриддин Айнӣ Куллиёт. Ҷилди 11. Китоби якум. – Душанбе: Нашрёти Давлатии Тоҷикистон, 1963. – С. 265-501.
2. Афсаҳзод А. Навоӣ ва адабиёти тоҷик [Матн] / Аълохон Афсаҳзод // Пайванди қарнҳо (Маҷмӯаи мақолаҳо). – Душанбе: Адиб, 1989. – С. 92-131.
3. Бертельс Е.Э. Навои и Джами. Избр. труды [Текст] / Е.Э. Бертельс. – Москва: Наука, ГРВЛ, 1965. – 498 с.
4. Мирзоев А. Алишери Навоӣ ва Абдурраҳмони Ҷомӣ [Матн] / Абдул¬ғанӣ Мирзоев – Душанбе: Ирфон, 1968. – 104 с.

5. Муҳаммадӣ А. Муносибатҳои дӯстонаю равобити эҷодии Ҷомӣ ва Навоӣ [Матн] / Алии Муҳаммадӣ. – Душанбе: Ҷамъияти “Китоб”, 1990. – 18.

6. Навоий, Алишер. Қаро қӯзим [Матни] / Алишер Навоий. Тузавчи Марям Раҳматуллоева. – Тошкент: Адабиёт ва санъат нашриёти,1887. – 768 бет.

7. Навоӣ-Фонӣ, Амир Низомиддин Алишер. Девони форсӣ [Матн] / Амир Низомиддин Алишери Навоӣ-Фонӣ. Таҳимяю тадвини матн бо муқаддима ва луғату тавзеҳоти Алии Муҳаммадии Хуросонӣ. – душанбе: Дониш, 2021.– 474 с.

8. Сулаймон, Хамид. Алишер Навоийнинг форс тилидаги поэтик мероси тадқиқотидан. [Матни] / Хамид Сулаймон // “Ӯзбек тили ва адабиёти” журнали, 1965, №5. – 13-21бет.

9. Ҷомӣ, Абдураҳмон. Баҳористон [Матн] / Абдураҳмони Ҷомӣ. Таҳияи матн, муаллифи сарсухану тавзеҳот ва шарҳи луғоти Аълохон Афсаҳзод. – Душанбе: Адиб, 2014. – 208 с.

10. Шамсиев П. Улуғ дӯстлик лавҳаларидан [Матни] / Порсо Шамсиев // Абдураҳмон Жомий ва Алишер Навоий. Тӯпловчи ва нашрга тайёрловчи Порсо Шамсиев. – Тошкент: Фан, 1966. – С. 5-12.

11. Шодиев Э. Алишер Навоий ва форс-тожик адаблари [Матни] / Э. Шодиев. – Тошкент: Ӯқитунчи, 1989. –53-61 бет.

12. Шомухаммедов Ш.М. Форс-тожик адабиёти классиклари ижодида гуманизм [Матни] / Ш.М. Шомухаммедов. – Тошкент: Фан, 1968. – 432 бет.

МЕРОСИ АДАБИИ АЛИШЕРИ НАВОӢ

Амир Алишери Навоӣ (1441– 1501), ки ашъори адабии худро ба забони модарияш бо тахаллуси «Навоӣ» ва ашъори форсии тоҷикиашро бо тахаллуси «Фонӣ» эҷод мекард, яке аз адибони намоёни Ҳироти асри ХУ ба шумор меравад. Ҳамин бо ду забон навиштани шоир аст, ки ӯро ҳанӯз дар замони зиндагонияш ҳамчун шоири зуллисонайн шинохта буданд.

Дар мақола асосан дар бораи мероси адабии ин шоири зуллисонайн, яъне Амир Алишери Навоӣ-Фонӣ, сохту муҳтаво, ҳаҷм ва навъҳои шеърии ба ду забон навиштаи ӯ сухан меравад. Маълум мегардад, ки дар девонҳои узбекӣ ва девони форсии шоир навъи шеърии ғазал ҷои асосиро ишғол намуда, ӯ ба забони модарии худ беш аз 2600 ғазал ва ба забони форсии тоҷикӣ камобеш 555 ғазал гуфта будааст. Ҳамаҷониба омӯхтани мавзуъ холигоҳҳои адабиётшиносии узбек ва адабиётшиносии тоҷикро пурратар хоҳад кард.

Калидвожаҳо: Алишери Навоӣ, Фонӣ, мероси адабӣ, девонҳои узбекӣ, девони форсӣ, сохт, муҳтаво, навъҳои шеърӣ, қасида, ғазал, туюғ.

Маълумот дар бораи муаллиф: Муҳаммадзода Саврнисо – ходими хурди илмии шуъбаи тавсиф ва таҳияи феҳристи дастхатҳои Маркази мероси хаттии назди Раёсати АМИТ. Суроға. 734025, ш. Душанбе, кӯчаи Ш. Ҳусейнзода – 35.

Тел.: 918170920 **E-mail:** savrinisom@inbox.ru

ЛИТЕРАТУРНОЕ НАСЛЕДИЕ АЛИШЕРА НАВАИ

Алишери Наваи (1441-1501) свою поэзию писал на родном узбекском языке под псевдонимом «Наваи» ,поэзию на фарси таджикском писал под псевдонимом «Фони». Он является видним поэтом, Герата ХУ1 в. Этого двуязычного поэта современники называли зулисонейн, тоесть умеющий творить на двух языках.

В данной статье в основном идет речь о литературном наследии этого двуязычного поэта,о форме и содержания, и поэтических жанрах написанный им на двух языках. Его поэтическое наследие в основном состоит из 2600 газелей на родном языке и 555 газелей на фарси таджикском. Всесторонное изучение данной темы позволяет восполнить некоторые пробели в узбекской и таджикской литературоведении.

Ключевые слова: Алишер Навои, Фони, литературное наследие, узбекские диваны, персидские диваны, структура, содержание, типы поэзии, касыда, газель, туюг.

Сведение об авторе: Мухаммадзода Савринисо –научный сотрудник отдела описания и подготовки каталога рукописей Центра письменного наследия при НАНТ. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул.Хусейнзода 35.

Тел.: 91817092, **E-mail:** savrinisom@inbox.ru

LITERARY HERITAGE OF ALISHER NAVOI

Alisheri Navai (1441-1501) wrote his poetry in his native Uzbek language under the pseudonym "Navai", he wrote poetry in Farsi Tajik under the pseudonym "Foni". He is a prominent poet. Herat XУ1 Contemporaries called this bilingual poet zulisonoe, who knows how to create in two languages.

This article mainly deals with the literary heritage of this bilingual poet, about form and content. And poetic genres written by him in two languages. His poetic heritage mainly consists of 2,600 ghazals in his native language and 555 ghazals in Farsi-Tajik. A comprehensive study of this topic makes it possible to fill in some gaps in Uzbek and Tajik literary criticism.

Keywords: Alisher Navoi, Foni, literary heritage, Uzbek sofas, Persian sofas, structure, content, types of poetry, qasida, ghazal, tuyug.

Information about the author: Savriniso Muhammadzoda- Research Assistant of the Department of Description and Preparation of Manuscript Catalogue of the Center of Written Heritage of the National Academy of sciences of Tajikistan. Address, 734025, Republic Tajikistan, Dushanbe, S.Huseynzoda, 35.

Tel: 918170920 **E-mail:** savrinisom@inbox.ru

ТДУ091 (-11)

АНДЕШАЕ ЧАНД ДАР БОРАИ ЯК НУСХАИ НОДИРИ «РАДОИФ-УЛ-АШЪОР»

Ализода С.[1]

Адабиёти форсии тоҷикӣ дар таърихи тамаддуни ҷаҳон, яке аз адабиётҳои бойтарин мансуб меёбад. Ҳазорон ҳазор ҷилд китобҳои мухталиф ба ин забон таълиф шудааст ва онҳо имрӯз бештари бойгонию музею китобхонаҳои машҳури дунёро зинат бахшида, нигаҳдорӣ мешаванд.

Дар асрҳои XIX – XX олимони зиёди Шарқу Ғарб ва Амрико ба омӯзиш ва таҳқиқи онҳо даст заданд.

Яке аз чунин марказҳо Ганҷинаи дастнависҳои шарқии ба номи академик Абдулғанӣ Мирзоеви Маркази мероси хаттии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон мебошад.

Дар тайи қарнҳо ҳазорон шоирону муаррихон ва хаттотону мусаввирон дар Мовароуннаҳру Хуросону Эрон, Синду Ҳинд, Озарбойҷону Бағдод, Димишқ ва ғ. умр ба сар бурда, аз худ мероси гаронбаҳое бо забони форсии тоҷикӣ ба ёдгор гузоштаанд.

Бо гузашти айём бар асари ҷангу ҷидолҳои шадид ва тохтутозҳои аҷнабиён, ки дар таърихи тулонии қадимию доманадори худ мардуми форсу тоҷик аз сар гузаронидаанд, қисмати зиёде аз осори хаттии гаронбаҳои эронитаборон аз байн рафтааст. Аммо қатъи назар аз ҷой доштани чунин вазъ боз намунаҳои ашъори бисёр шоирон тавассути тазкираҳою маҷмуаҳои мухталиф маҳфуз монда, то замони мо омада расидаанд.

Ин анъанаи адабӣ аз тазкиранигорӣ, баёзнависӣ, тартиб додани радоиф-ул-ашъорҳо ва маҷмуаҳои мухталифи дигаре иборат аст, ки то имрӯз дар китобхонаҳо шумораи зиёди онҳо маҳфуз мондаанд. Бояд тазаккур дод, ки чунин маҷмуаҳо то кунун ба таври пурраю ҳаматарафа мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор нагирифтаанд. Осори садҳо нафар шоирони ношинохтаи форсу тоҷик дар саҳоифи чунин маҷмуаҳо ҳифз шуда, то замони мо омада расидаанд. Аз ин рӯ, лозим меояд, ки ба омӯзишу таҳқиқи ҳамаҷонибаи онҳо таваҷҷуҳи бештаре зоҳир шавад, то ин ки осори ношинохтаи шоирони бузург аз осори илҳоқӣ ҷудо танзим гардад.

Дар захираи дастнависҳои ММХ АМИТ якчанд нусхаҳои хаттии “Радоиф-ул-ашъор” маҳфуз аст, ки то кунун ягон нусхаи он мавриди омӯзиш ва таҳқиқи ҳаматарафа қарор нагирифтааст. Дар ҳамин замина мо тасмим гирифтем, ки мухтасаран дар атрофи як нусхаи “Радоиф-ул-ашъор”, ки зери рақами 2256 нигоҳдорӣ мешавад, маълумот диҳем.

“Радоиф-ул-ашъор”-и рақами 2256 аз тамоми нусхаҳои радоиф-ул-ашъорҳои дигаре, ки дар Ганҷинаи дастнависҳои ба номи академик А. Мирзоев [6] ва дигар китобхонаҳо маҳфузанд, мукаммалтар ва боарзиштар аст. Номи мураттиби нусха, санаи китобат ва маълумоти фармоишкунандаи нусха наомадааст. Танҳо аз рӯйи коғазу хат ва тарзи китобат ва шуарои дар он овардашуда, тахмин меравад, ки нусха дар асри XVIII китобат шудааст. Матни он дар ду сутун бо хатти настаълиқи хоно ва баъзан бо элементҳои хатти шикаста дар қоғази абрешимии сохти самарқандӣ навишта шудааст.

Маҷмуаи мазкур 594 варақ ё худ 1188 саҳифаро дар бар мегирад. Соли таълиф ё китобаташ маълум нест.

Дар нусхаи мазкур 2431 ғазал аз 218 шоир оварда шудааст. Ғазалҳо ба тартиби алифбои арабӣ аз ҳарфи «ا»-«ى»- омадаанд. Дар маҷмуа мураттиб асосан ашъори шоирони соҳибдевони асри XVII –ро гирд овардааст. Дар шарҳи нусхаи мазкур, ки дар «Феҳристи дастхатҳои шарқии Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон» [2, 24] ҷилди VI оварда шудааст, китобати нусха асри XIX нишон дода шудааст, аммо аз рӯйи тадқиқотҳои нусхашиносӣ ва хатшиносӣ замони китобати он низ ба охирҳои асир XVII ва аввали асри XVIII рост меояд.

Ҳамчунон дар тавсифи нусхаи мазкур навишта шудааст, ки он танҳо ашъори шоирони

1. Саидхоҷа Ализода – н.и.ф. , ходими пешбари илмии Маркази мероси хаттии АМИТ.

асри XVII-ро дар бар мегирад. Аммо тадқиқи ҳаматарафаи нусхаи мазкур нишон дод, ки ашъори шоирони мутақаддам низ дар маҷмуа зиёд аст ва ин маҷмуа ҳам бо ғазали аввали девони Ҳофизи Шерозӣ оғоз мегардад.

Барои муайян намудани аслияти нусха ва пайдо намудани муаллифу мураттиби он ба маҷмуи дастнависҳои китобхонаҳои кишварҳои ҳамсоя; Афғонистон, Эрон, Ҳинд ва Узбекистон назар андохтем. Дар китобхонаҳои Эрон чунин навъи маҷмуаҳоро ба сабаби надоштани унвон ва дуруст таҳқиқ нашудан бо унвони "Кашкул" номгузорӣ намудаанд ва дар Оршифи миллии Афғонистон бошад бо унвони "Ҷунг" омадаанд. Дар бештари сарчашмаҳои дар Тошканд маҳфузбуда ҳамчун "маҷмуа" ном бурда шудааст.

Абдулғанӣ Мирзоев дар муқаддимаи ба "Феҳристи дастхатҳои шарқии Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон" навиштааш чунин оварда, ки яке аз сарчашмаҳои зиқимат барои омӯзиши таърихи адабиёти тоҷик маҷмуаҳои "Радоиф-ул-ашъор" мебошанд, ки зери рақамҳои 1501. 1503, 1504, 1505, 1507 (рақаҳои инвентарии онҳо 2396/1, 631/1, 791, 2333. 1628, 2356) маҳфуз мебошанд. Ин маҷмуаҳои ғазалиёт, ки аз тарафи шоирони мухталифи (дар баъзе аз маҷмуаҳо теъдоди онҳо аз дусад боло низ мебошад) асрҳои XIV – XX дар як радифу қофия ба шакли мунозира навишта шудаан" [2, 5,6]. Ин китобҳо таъкид мекунад, академик – А. Мирзоев, – барои омӯхтани таърихи инкишофи ғазал ва жанрҳои лирикӣ, навгонию навоварии ҳар як шоири ғазалсаро дар алоҳидагӣ хидмати бузургеро карда метавонанд" [2, 6].

Устод Абдулғанӣ Мирзоев дар бораи "Радоиф-ул-ашъор"-и рақами 2256 чунин қайд мекунад, ки "– Маҳз ба туфайли "Радоиф-ул-ашъор"-и рақами 2256 ба мо маълум гашт, ки шоирони нимаи дувуми асри XVII ва аввали асри XVIII дар зери таъсири ғазалиёти Соиби Табрезӣ (1601 – 1677), Сайидои Насафӣ (нимаи дувуми асри XVII) ва Мирзо Абдулқодири Бедил (1644 – 1720) ғазалҳои зиёди татаббуӣ навиштаад. Агар чунин сарчашмаҳо кашф ва омӯхта нашуданд, ин падидаи адабии ҳамин аср то дер аз чашми муҳақиқин пинҳон мемонд" [2, 6].

Ҳарчанд устод Абдулғанӣ Мирзоев дар ин бора ҳанӯз соли 1974 навишта бошад ҳам, мутаасифона муҳақиқон ва адабиётшиносон варзидаи баъдӣ ба чунин сарчашмаҳо таваҷҷуҳ зоҳир накардаанд ва ё умуман аз онҳо бехабар буданд. Хусусан дар бахши таҳияи мутуни илмӣ-оммавӣ ва интиқодӣ. Осори зиёди шоирон таҳия карда шудаанд, аммо барои муқоиса ва муқобила аз ин маҷмуаҳо иқдоме сурат нагирифтааст. Барои намуна девони Сайидои Насафӣ аз ҷониби Шанбезода бори аввал ба шакли пурра аз рӯйи нусхаҳои хаттӣ таҳия карда шуда ва соли 1972 дастраси хонандагони тоҷик гардид [3]. Адабиётшиноси варзида Ҷобулқо Додалишоев аз рӯйи якчанд нусхаи мукаммал ва нодири ганҷинаи дастнависҳои мероси хаттии Институти шарқшиносӣ (феълан Маркази мероси хаттии назди Раёсати АМИТ) бо алифбои форсӣ таҳия намуда, ба дасти чоп супурд. Баъд аз гузашти солҳо дар арафаи ҷашни 400-солагии Саййидои Насафӣ куллиёти Саййидои Насафӣ аз дар асоси чопи аввали кириллӣ дар таҳияи Н. Шанбезода) ва чопи дувуми интиқодӣ (дар таҳияи Ҷобулқо Додалишоев) [4]. ва чанд нусхаи хаттии тоза бадастрасида аз ҷониби матншиносон Алӣ Муҳаммадиев (Хуросонӣ) ва Асрор Раҳмонов [5] ба алифбои кириллӣ ба нашр расид. Дар таҳия ва нашри охир тафовутҳое, ки дар нашри аввалу матни интиқодӣ ҷой дошт, бо иловаи 10-ғазали тозаи шоир ба нашр расид, ки мураттибон дар ин бора бо далелҳо иттилоъ додаанд.

Баъд аз таҳқиқи нусхаи "Радоиф-ул-ашъор"-и рақами 2256 маълум гардид, ки дар ҳамин нуха, ки тақрибан дар нимаи аввали асри XVIII навишта шудааст, 143 ғазали Саййидои Насафӣ омадааст. Ҳангоми муқоиса бо нусхаҳои чопшудаи девони Саййидои Насафӣ маълум гардид, ки муҳақиқин аз он бехабар мондаанд. Чунин мисолҳо бисёр овардан мумкин аст.

Бо дарназардошти он ки ҳаҷми нусха бузург буда ва тамоми маълумотҳоро дар бораи он дар як мақола фаро гирифтан ғайриимкон аст, танҳо ба маълумоти эҳсоявӣ ва зикри қофияю радифи ғазалҳои шоирон иктифо намудем. Маълумотҳои овардашудаи мо барои

муҳақиқини баъдии чунин намуди асарҳо маводи аввалия ва дастурӣ хидмат карда метавонанд.

Нусха бо ғазали аввали девони Хоҷа Ҳофиз бо матлаи зер:

Ало ё айюҳассоқӣ, адир қаъсан ва новилҳо,
Ки ишқ осон намуд аввал, вале афтод мушкилҳо [6,1б]. –

оғоз мегардад, ки дар зер шоирон ба ин ғазал татаббукунанда нишон дода мешаванд:

Ҳофиз, бо қофияи “о” - آ (“...илҳо” - (... یلها: Ҷомӣ, Мулло Шариф, Сайид Насими Девона[6,1б.], Носир Алӣ, Соиб[6,2а], Урфӣ, Мулло Мушфиқӣ, Обибхон, Кироми Бухорӣ [2,2а], Ниёзбек, Махфӣ. 1= 12 [6]; [6,2б].

Қосим Девона бо қофияи “о” - آ (“...намро”- نمرا ...) : Рабеъи Балхӣ[1,3а], Шавкат, Воҳиди Исфаҳонӣ, Кироми Бухоройӣ[6,3а], Бобо Соиб, Шавкат, Воҳиди Исфаҳонӣ, Кироми Бухорӣ, Бобо Соҳиб [6,3б], Ниёзбики Малик, Паёми Бухорӣ, Мирзо Муътабар, Охунди Мулло Саййидо, Мулло Бадеъ, Воҳиди Исфаҳонӣ [6,3б], Бобо Соиб, Бобои Кашмирӣ, Калими Ҳиндӣ, Наҷиби Исфаҳонӣ [6, 4б], Назирии Шопурӣ, Бақия Бобои Кашмирӣ, Хоҷа Камоли Шерозӣ [6, 4б], 1= 23 [6];

Назирии Шопурӣ бо қофияи “о”- آ (“...оҳро”- آهرا (бо матлаи:

Аз чоҳи ғабғабаш бадар оварда моҳро,
Бар моҳ ақраби сипеҳраш баста оҳро.–

шоирони зерин ҷавоб гуфтаанд: Мулло Зоҳиди Афкор [6,3а], Мулло Зоҳиди Афкор, Урфӣ, Толиби Омулӣ, Мулло Комил, Шавкати Алдӣ [6,3б], Муло Бадеъ Ҷамоли Сиёҳӣ, Мулло Нахлӣ, Муло Нахлӣ, Паёми Бухорӣ, 1= 10[6];

Алӣ Қумӣ [2,3б], бо қофияи “о”- آ (“...обро”- آب را) шоирони зерин ҷавоб гуфтаанд: Паёми Бухоройӣ, Шавкати Бухоройӣ, Навъии Ҳамушонӣ, Мулло Бадеъи Ҷамолистонӣ, Кошӣ [6,6а], Қисрои Кошӣ, Низоми Дашти Ғайб, Шавкат, Қосим Девона, Носир Алӣ, Нозими Ҳиравӣ [6,6б], 1= 11[6];

Хоҷа Осафӣ [9,3б], бо қофияи “о” - آ ва радифи радифи “маро”) - آه.مر...оҳи маро”: шоирон: Девона, Машоронӣ.

1. Шариф – 11 ғазал: варақҳои 1б, 75а, 105б, 133а, 140б,143б, 181б, 213б, 228б, 294б, 475а[6];
2. Насим Девона– 7 ғазал: варақҳои 1б, 2а, 40а, 58а, 370а, 447а, 462б[6];
3. Носир Алӣ – 94 ғазал: варақҳои 2б, 7а, 12б, 17а, 20а, 25а, 26б, 29б, 31а, 34б, 36б, 39б,44б,49а. 58а,72, 73б, 79б, 85а,93б, 97б,101б,115а,132а, 135а, 137а, 148а, 153б, 158, 159б, 160а,172а, 180а, 188а, 191б, 195б, 205а, 206б, 216а, 217б, 218а, 255а, 256б, 258а, 272б, 277б, 279б, 286а, 414а, 340б, 366а., 369б, 372б, 374а, 375б, 387б, 388а, 390а,397а,399а,406б, 414а, 417б, 435б, 440б, 442б, 445б, 446б, 451б, 453б, 457а, 459а, 464а, 465а, 467а, 469а, 482а, 483б, 493а, 503а, 505а, 507б, 529б. 554б, 559а, 571б, 572а, 574б, 577б,580а, 580б[6];
4. Соиб – 291 ғазал: варақҳои 2а, 3б, 4б, 8а, 9а, 12б, 14а, 16б, 22б, 25б, 28б, 29а, 32а, 33б, 34а, 37б, 39а, 46а, 74а, 47б, 48б, 50б, 55б, 58б,62а, 63б, 64б, 66б, 74а, 78б, 82б, 84а, 85б, 92а, 98б, 100а, 101б, 103б, 106б, 107б, 110а, 111а, 112а, 114а, 114б, 116а, 118а, 119б, 121а, 121б, 122б, 125а, 126а, ё127а, 130а, 132б, 138а, 1438б, 151а, 152а, 154б, 156а, 158а, 167а, 170а, 173а, 173б, 178б, 184а, 187а, 188а, 191а, 192а, 192б, 193б, 194а, 194б, 195б, 199а, 200а, 200б, 201а, 201б, 208б, 210а, 211а, 214а, 216а, 217б, 218б, 219а, 220а, 220б, 22б, 223б, 224а, 224б, 225б, 227а, 227б, 228б, 229а, 229б, 230а, 231б, 232б, 235б, 239б, 241а, 241б, 242б, 244б, 247а, 250а, 251б, 252б, 253б, 254а, 256а, 257б, 259б, 262а, 262б, 263б, 265а, 268а, 269б, 270а, 271а,272а, 273б, 276а, 2278а, 279а, 280б, 281б, 282б, 284а, 285бБ 287б,289б,291б, 292а, 293а, 294а, 296б, 298а,302а, 303а, 304б, 306б, 308а, 310а, 312а, 312б, 317а, 318б, 320а, 320б, 322а, 322б, 325а, 325б, 326б, 327б, 329б, 330б, 332а, 333а, 334а, 336б, 339а, 343б, 345б, 347б, 348б, 349а, 350а,

350б, 351а, 352а, 352б,353б,355б,356а, 357б,358б, 3650б, 364а, 366б, 372а, 376а, 377б, 378а, 378б, 380а, 381а, 386а, 386б, 387а, 390б, 392б, 393а, 394а, 396а, 398а,399а, 403а, 410б, 412а, 413а, 415а, 417б, 420б, 421б, 422б, 423б, 424а, 425а, 425б, 246б – 427б, 428а, 429а, 430б,431б, 433а, 437б, 442а, 446а, 448а, 452а, 454а, 456а, 459а, 461а, 468а, 471б, 474б, 476а, 477а, 479б, 480б, 484а, 486а,489б, 491б, 495а, 495б, 511а, 514а, 551б, 519б, 521а, 521б, 522б, 523а, 531б. 532б, 536а, 536б, 437б, 538б, 539а, 540а, 541а, 541б, 542а, 543б, 544а, 545а, 549а, 549б, 550б, 551а, 552а, 553а, 556б – 557б, 559б, 560а, 561а, 562б, 564б, 558а[6].

5. Обидхон – 3 ғазал: в. 2б, 71а, 382а[6];

6. Карим Бухорӣ – 95 ғазал: варақҳои 2б, 3а, 3б, 7б, 8б, 14б, 18а, 23б, 26а, 28а, 28а, 34а, 36а, 38б.40а. 44а, 47б. 49б. 51а, 59б, 65б, 70а, 71б, 74б, 87б. 91а, 93а, 93б, 95б, 99а. 105а. 107а. 108а, 110б. 116а, 120а, 122а, 123а, 125б, 126б. 127а, 128б, 131б, 135б, 139б, 146б, 147б, 151б, 152б, 154а, 154б, 157а, 170б, 172б, 174а, 181а. 187б, 188б. 193б, 195б, 197б, 200б, 202а, 209а, 211а. 212а, 2ё13а. 214а, 219б,211а. 223а.223б, 226а, 228а, 229а, 229б. 231а, 232б. 239б. 240а, 241б, 245а, 246б, 252б, 255б, 259б, 264а, 265а, 270а, 270б, 271б. 272б, 273б. 276б, 277б, 279а. 280б, 291а, 293а. 295а. 296а, 298б, 300а, 311б, 313а, 316а. 317б, 319б. 321а. 324б, 325б, 327а, 327б. 329а, 331а, 333а, 334б. 336б, 338а, 351а. 351б, 355б, 357а. 358а. 360а. 365а, 366б. 371б. 373б, 375б. 378а. 379а, 380б, 381а, 389а, 392а, 393б, 394б, 403а, 405б, 406а. 409а, 410а, 412б, 413а, 421а, 423а, 423б, 424а, 425а, 426а, 428б, 429а, 429б, 430б, 436а, 438б. 441б, 446б, 452б, 458а, 459б, 463а, 464а, 471а, 472а. 474а, 477б. 478а, 480а, 482а, 488а, 489б, 492б. 493а, 496а. 497а. 500а. 509а, 516б. 521б, 522а. 524а. 530а, 535а, 536б. 543а, 544б, 549б, 55об, 557б, 558а, 565а, 570а, 577б[6];

7. Урфӣ – 50 ғазал: варақҳои 2б, 5б, 15б, 28а, 48а, 68б, 69б, 119б, 124а, 130а, 133а.139а, 147б, 169б, 182б, 184б, 198б, 209а, 216б. 218б, 233а, 250б, 269б, 274б, 278б, 280б, 289б, 293б, 294а, 318а, 322а, 323б, 341б, 361б, 388а, 389б, 395а, 396а, 401а, 405б, 407а, 422б, 485ап,494а, 524б, 555а, 558б[6];

8. Мушфиқӣ – 18 ғазал: варақҳои 2б, 10а, 67б, 78б, 129б, 140а, 182б, 187а, 235а, 247б, 261а, 297а,406б,416б, 486б, 489а, 496а, 570а [6];

9. Ниёз – 8 ғазал: варақҳои 3а, 4а, 23б, 35б, 103а, 144б, 224а, 237а[6];

10. Махфӣ – 2 ғазал: варақҳои 3а, 582а[6];

11. Қосим Девона – 79 ғазал: варақҳои 3а, 7б, 8б, 17б, 32б, 44а, 45б, 64а, 66а, 75а, 84б, 86б, 96б, 98а, 102б, 103б, 117а, 121а, 135а, 141а, 143а, 144а, 145а, 153а, 161б, 175б, 187192а, 193б, 194б, 196б, 215а, 231а, 240б, 248б, 251а, 254б, 257а, 258а. 260а, 263а, 265б, 268а, 278а, 282б, 283а, 287а, 288б, 295б, 304а, 307б, 309б, 311а, 324а,365а, 370б, 373а, 374а, 407а, 410а, 411б, 414б, 416б, 428а, 448б, 463б, 47оа, 483б, 491б, 528б, 538а, 539а, 539б, 650а561б, 576а [6];

12. Рабеъ – 8 ғазал: варақҳои 3а, 9б, 19б, 58б, 135б, 354б, 400б, 407б [6];

13. Шавкат – 108 ғазал: варақҳои 3а, 5а, 5б, 6а, 6б, 7а, 8б, 13а, 16ап, 19б, 24б, 27б, 29а, 34а, 39а, 43б, 44б, 52а, 54а, 60, 62а, 63б, 70б, 80б, 85а, 92б, 102а, 104а, 107а, 115а, 120б, 122б, 124а, 133б, 136б, 141а. 143б, 151б, 153б, 166а, 169б,172а, 173а, 178б, 182а, 193б, 190а, 99б, 202б, 209б, 210б. 220б, 226б, 231б, 245а, 248а, 252а, 253б, 260а, 264а, 255а, 272а, 274б, 276б,289б,295б, 310б, 311б, 315а, 340а, 352б, 363б, 369б, 377а, 377б, 379б, 380а, 384а, 394б, 402а, 404б, 408б, 411б,415б, 417б, 431а,433б, 445б, 453а, 454б, 466б, 467б, 471б, 475а, 482а, 499б, 507а, 520а, 528б, 530а, 532б,542а, 546а, 559б, 575б[6];

14. Ваҳид – 24 ғазал: варақҳои 3б, 4а, 4б, 15а, 16б, 18б, 19б, 21а, 24б, 33а, 34б, 45а, 47а, 54а, 57а, 76б, 77б, 142а, 142б, 150б, 158б, 175а, 196а, 566а [6];

15. Паём – 30 ғазал: варақҳои 4а, 6а, 6б, 12а, 21а, 33а, 40а, 44а,56а, 92а, 134а, 141а, 181а, 189б, 202б, 249б, 309а, 366б, 400б, 405а, 458а, 461б, 464б. 469б. 472б, 500б, 512б. 530б, 573а, 582б[6];

16. Фитрат – 32 ғазал: варақҳои 4а,28а, 32б, 50а, 83б, 87а, 91б, 102б, 106а, 110а, 152б, 177б. 180б, 189а. 200а, 251б, 262а, 268б, 242б, 371а, 402б. 420а, 455б. 465б. 482б, 488б. 512б, 528а, 566а, 578б, 585а, 586б[6];

17. Саййидо – 143 ғазал: варақҳои 4а, 9б, 13б, 21б, 26б, 38а, 50а, 51б, 57а.59а, 66б. 71а,

84б, 93а, 96б. 109а. 110б, 11б, 112б, 113а, 117а, 123б, 125б, 140б. 149б. 153а, 153б, 1968б, 176а, 178а, 179а, 189б, 192б, 213б, 214б, 215б, 225а, 230б, 233б, 234а, 236а, 243а, 255а,255б, 256б, 260б263а, 266а, 270б, 274б, 285а, 286б, 287а, 288б, 292аб, 293б, 294б, 299а, 302а, 303а, 305а – 306б, 307а, 308б, 309б, 313б,319б, 325а, 328а, 328б, 335а, 343а, 354б, 359а, 366б, 371а, 380а, 384а, 385а, 386а, 389а, 390б, 391б, 398а, 402а, 411а, 419б, 421а, 427б, 428б, 432б, 437б, 439а, 444а, 449б, 451а, 358б, 465а, 469б, 472б, 478б, 483а, 486б. 487а, 488б, 490б, 492б, 497б, 504а, 504б, 506а, 513а – 514а, 520а,522а, 5223а, 524а, 527б. 529б, 532а, 541б, 542б. 545а,546а – 547б. 553б, 555а, 556а, 560б. 561б, 562б – 564а, 564б. 565б, 566а – 567а, 571а, 575б, 580а, 581а, 583а, 587а[6];

18. Бадеъ – 17 ғазал: варақҳои 4а, 6а, 6б, 42а, 130б,142б.147б, 193а, 198а. 228б, 260б, 289б, 396а, 438б, 444а, 471а, 505а[6];

19. Ғанӣ – 41 ғазал: варақҳои 4б, 5а, 10а, 25а. 29б, 33б, 53б, 64а. 65а, 84а, 103а,143а, 156а, 28б, 159б, 174б. 179а. 184а, 188а, 212б, 226а, 227б, 256а, 264б, 272б, 281а, 282а, 286а. 301б, 310б, 311а,398б, 445а, 449б, 478а, 416б, 525а, 634б, 576а, 678б[6];

20. Калим – 55 ғазал: 4б, 15б, 34б, 39б, 54б, 63а, 67б. 68б, 86б, 95б, 119а, 141б, 155а, 181а, 188б, 193б, 298б. 199а, 211б, 220а, 221б, 232а,, 347б, 349а, 360б, 362б, 373а, 379б, 394б, 248б. 249а, 259а, 260б, 261б, 265б, 271а, 276б, 286а. 288б, 298а, 331а, 337б, 347б, 349а, 350б, 362б. 373а, 379б. 394б, 402б. 406б, 447б, 544а, 457б, 462б, 472а, 476а, 484а, 495б, 533а, 560а, 561б[6];

21. Начиб – 27 ғазалб варақҳои 4б, 16а, 36а, 70б, 89б, 114б, 121б, 145а, 156б, 162б, 186а, 216а, 227а, 249б, 267а, 338б, 346б, 347а, 450а, 4789а, 496б, 499б, 511б, 514б. 520б, 535б, 548а[6];

22. Назирӣ – 54 ғазал: ваарақҳои 5а, 8а, 14б, 23б, 46а, 46б, 47б, 65б, 69а, 74а, 97б, 112а, 115а, 132б, 135б, 138а, 144а, 150а, 166б, 170а,180б, 183б, 191б,199а. 209б, 217а.218а, 221б, 246б, 253а, 253б, 268а, 280а,330а,361а.362а,363а, 370б. 381б, 383а, 386б. 388б, 392а, 392б, 395б. 397а. 409б. 458б. 473б, 474б, 479б, 538б, 559б, 560б [6];

23. Камол – 3 ғазал: варақҳои 5а, 42а, 569б [6];

24. Зоҳиди Афкор – 3 ғазал: варақҳои 5а, 284б, 586б [6];

25. Комил – 28 ғазал: варақҳои 5б, 11а, 15а, 24а. 35б, 41б, 52б, 68а, 69а, 118а, 123а, 126а, 163б, 176а, 179б, 183а, 221а, 233б, 241а, 243б, 279б, 280а, 401а, 412а, 436б, 494а, 525а, 579 [6];

26. Толиб – 48 ғазал: варақҳои 5б, 9а, 35а, 67а,69б, 80б, 82а, 92б, 94а, 94б, 98а, 115б, 117б, 135а, 1436а, 152а, 169б, 183а, 185б,191б, 2196б, 198б, 210а, 218а, 243а, 248б, 250б, 254б, 261б, 282а, 297а, 314б, 323б, 329б, 359б, 383а, 389б, 397а, 400а, 414а, 435а, 483а, 389б, 397а, 400а, 414а, 335, 483а, 484б, 498б, 519а, 525а, 579а [6];

27. Таҷаллӣ – 42 ғазал: варақҳои 6а, 17а, 19б, 20б, 43б, 72а. 86а, 118б, 123а,136а, 143а, 146а, 148а, 167а, 177а, 179а, 180б, 182а, 183а, 184б, 190б, 197б, 201а, 201б, 232б, 246б, 304а, 314а, 314б, 329б, 357а, 367а, 374б, 476б, 408а, 442б, 445б, 456б, 460б, 567б, 469б, 503б [6];

28. Алии Қумӣ – 3 ғазал: варақҳои 6а, 6б, 43б [6];

29. Навъӣ – 6 ғазал: варақҳои 6б, 41б, 67б, 374б, 401б, 435а [6];

30. Нозим – 67 ғазал: варақҳои 10а, 17а, 27б, 44б, 52а, 101б, 115б, 117б, 133б, 141б, 148б,156а, 164б, 175б, 176б, 177а, 197а,204б, 205б, 221б,242а, 244а, 250б, 263б, 264б, 266а, 270а, 274а, 291а, 311а, 316б, 324а, 328б, 335б, 338б, 342а, 349б., 361б, 362б, 474б, 385а, 386б, 393б, 396б. 404а, 406а, 407б, 408а, 419б, 438а. 444а, 459а, 462а, 465а, 497а. 507а, 508а. 509а, 517а, 519а, 534б, 538а, 542а, 550а, 553а, 575б [6];

31. Шаънӣ – 43 ғазал: варақҳои 7а, 19а, 45б, 46б, 48а, 48б, 51а, 63а, 69б, 95а, 97б, 116б. 142а, 150б. 196а, 199б, 202а, 223а, 233а. 235а, 239а. 241а, 261а, 310а, 323б,353б, 358б, 359б, 393а, 395б, 44б. 453а. 468а. 475б, 487а, 503б, 509б. 525б. 531а. 534а, 549а, 552б, 580б [6];

32. Осафӣ – 20 ғазал: варақҳои 7б, 11б, 465б, 62б, 70а, 76а, 76б, 105б, 197б, 242а, 247б, 310а, 353а, 408а, 439а, 461а, 477а, 510б, 569а, 581б [6];

33. Риёзӣ – 6 ғазал: варақҳои 7б, 45а, 106б, 128а, 214а, 363б [6];

34. Нофеъ – 3 ғазал: варақҳои 8а, 45а, 106а [6];

35. Қозӣ – 4 ғазал: варақҳои 8б, 222б, 237б, 238а[6];

36. Мулҳам – 58 ғазал: варақҳои 9а, 10а, 13б, 14б, 21б, 22а, 38б, 40б,58б, 74б, 82б, 88а, 89а, 99б, 105а, 139б, 164б, 166б, 176б, 186б, 189а, 211б, 222б, 238а, 244а, 280а, 300б, 307а, 316б, 330а, 339б, 342б, 344б, 346а, 347а, 348б, 354б, 359б, 369а, 370а, 409а, 417а, 419а, 430б, 432а,452б, 454б, 457б, 460б, 464б, 498б, 500б, 504б, 508а, 520а, 527б, 546а, 551а [6];

37. Сурат – 38 ғазапл: варақҳои 10б, 16а, 20а, 23а, 24б, 29а, 33б, 72б, 75а, 100а526а, 575а, 570а[6];, 134б, 136б, 137б, 161б, 168б, 172а, 1ё79б, 183б, 311а, 320б, 364б, 366б, 369а, 369б, 374б, 376а, 377а, 382б, 387б, 399а, 416 б, 436б, 445а, 452а, 465б [6];

38. Аҳлӣ – 3 ғазал: варақҳои 11а, 41б, 569а[6];

39. Муқимо – 1 ғазал: варақи 11а[6];

40. Ҳилолӣ – 1ғазал: варақҳои 1а, 31а, 75б, 12б, 138б, 212б, 215а, 234б, 242б, 246а, 242а, 569б[6];

41. Шопур – 21 ғазал: варақҳои 11б, 19а. 41а, 46б, 51а, 52б, 64б, 136а, 141б, 150б, 167а, 202а, 208а, 210б, 217а, 269а, 280а, 387а. 477б, 485б[6];

42. Тобеъ – 14 ғазал: ғазалҳои 12а, 15а, 52б, 85а, 98б, 133б, 148а, 175б, 176б, 246а, 332б, 391б, 412а. 435б[6];

43. Сиёқ – 5 ғазал: ғазалҳои 12а, 99б, 116б, 327б, 332б[6];

44. Бехуд – 75 ғазал: варақҳои 13а, 16б, 17а, 19а, 20а, 23а, 88б, 94а, 102а, 125а, 132а, 134а, 143б, 147а, 151а, 151б, 154а, 157а, 162а, 163б, 165а, 175а, 180а, 185а, 210б, 216а, 224а, 225а, 236а, 257а, 264б, 267б, 282б, 284б, 285б, 290б, 297а, 301а, 308б, 313б, 324а, 330б, 331а, 364б, 367а, 369а, 372б, 383а, 384б, 387б, 388а, 399б, 405а, 414а, 443а, 445а, 447б, 455б, 456б, 462а, 463б, 474б, 490а, 491а, 492а, 506б, 5111а, 527а, 529а, 572б, 573а, 575а, 578б[6];

45. Шиавн – 1 ғазал: варақи 14а[6];

46. Ҳумоюн – 1 ғазал: варақи 15б[6];

47. Воиз – 3 ғазал: варақи 18а, 18б, 258б[6];

48. Сотеъ – 2 ғазал: варақҳои 18б, 54а[6];

49. Асир – 73 ғазал: варақҳои 19б, 35б, 53а, 56б, 63а, 64б, 66а, 86б, 88а, 95а, 101а, 104а, 116а, 127б, 128б, 131б, 145б, 156б, 150б, 160а, 179б, 181а, 188б, 195а, 201б, 215б, 220а, 234а, 284б, 253а, 32154б, 256а, 263а, 275а, 283а, 286б, 287а, 289б, 291а, 304б, 309а, 330б, 333б,338а, 344а, 348а, 353а, 355а, 356а, 359а, 365а, 360б, 372б, 375а, 376б, 382а, 441б, 436б, 438б, 453а, 454а, 478а, 479а, 485б, 506а, 528а, 534а, 539а, 539б, 540а, 541а, 549а, 580а[6];

50. Бедил – 142 ғазал: варақҳои 21а, 26а, 27а, 30а, 30б, 31а, 37а, 41а, 42б, 52а, 53а, 55а, 56а, 60б – 62а, 67а, 72б – 73б, 77б, 81а, 83а, 85а, 89б – 91а, 96а, 118б, ё124б, 131аЮ 136б, 158а, 159а, 161а, 162а, 154а, 165б, 191а, 192а, 194а, 195а, 201а, 203а, 204а, 204б, 205а, 205б, 206а, 206б, 207а, 212б, 2238б, 259а, 271б, 273а, 277а, 278б, 279б, 281б, 285а, 288а, 290а, 295б, 297б, 301а, 307б, 315а, 318а, 321б, 323а, 336а, 340б, 345б, 356б, 367б, 370а, 371б, 372а, 375а, 384б, 396а,400а, 401б, 407а, 413б, 415б, 421б, 422а, 422б, 424б, 427б, 430а, 434а, 440а, 440б, 441б, 449б, 453б, 455а, 456б, 460а, 461б, 462а, 466а, 467а, 468б, 470а, 481а, 484б, 490а, 493б, 497б, 502а, 503а, 505а, 507б, 517б, 522б, 523а, 525б, 526б, 529а, 534а, 537а, 540а, 546а, 551б, 552а, 554а, 555б, 564а, 572а, 572б, 574б, 576б, 578а, 579б, 582а, 585а, 586а[6];

51. Ноком – 25 –ғазал: варақҳои 23а, 35а, , ,47б 2, 19а, 98а, 175б, 18247а, 247бЮ 2196б, 0а, 48б, 252а,253а, 261а, 265а, 281б, 284а, 297б, 362а, 447а, 471б, 483б, 486б,533б, 552б[6];

52. Қудсӣ – 31 ғазал: варақҳои 24а, 43а, 53а, 65а, 101а, 107б, 119б, 123б, 128а, 129а, 129а, 135б, 139б, 150а, 179б, 183б, 185а, 208а, 217б, 224б, 235б, 250а, 258а, 309б, 382а, 388б, 424б, 434б, 451б, 469а, 500а, 510а[6];

53. Самеъ – 8 ғазал: 29б, 49б, 149а, 154а, 165а, 236а, 340б, 373а, 571б[6];

54. Ҳофиз – 14 ғазал: вапрақҳои 30а, 114а, 183б, 234б, 238б, 274а, 275б, 334а, 351б, 357б, 360а, 388а, 562б, 581б[6];

55. Зуҳурӣ – 2 ғазал: варақҳои 35а, 366а[6];

56. Алӣ – 3 ғазал: варақҳои 35б, 91б, 401а[6];

57. Ғубор – 1ғазал: 36а[6];

58. Ибни Ямин – 5 ғазал: варақҳои 38б, 231а, 239а, 286б, 354а[6];

59. Тоҳир – 12 ғазал: варақҳои 39б, 59б, 94б, 108а, 152б, 173а, 193а, 194б, 200б, 398б, 451б, 469а[6];
60. Низом – 14 ғазал: 43б, 60б, 96б, 101б, 190б, 212а, 249а, 252б, 283а,331а,345б, 399б, 480а, 510б[6];
61. Ориф – 2 ғазал: варақҳои 49б, 117а[6];
62. Ворас – 46 ¬ғазал: варақҳои 49б, 87б, 89а, 112б, 113б, 157б, 160а, 164б, 166а, 168а, 178а, 198а, 218а, 222а, 226б, 236б, 237б, 240б, 242б, 269а, 318б, 321а, 355а, 385б, 391а, 419б, 420а, 432б, 444а, 458б, 490б, 501а, 516а, 548а, 567б, анзур – 1 ғазал: 51б[6];
63. Манзур – 1 ғазал: варақи 51б[6];
64. Ҷомӣ – 15 ғазал: варақҳои 54б, 75б, 101а, 138а, 228б, 248а, 275а, 283б, 305а, 437а, 437б, 515б, 550а, 558а, 559а[6];
65. Эъҷоз – 4 ғазал: варақҳои 59а, 257а, 371а, 530б[6];
66. Сарароз – 17 ғазал: варақҳои 60а, 87а, 88б, 139а, 177б, 198а, 300б, 314а, 319а, 343а, 365б, 480б, 512б, 567б, 573б, 584б, 585б[6];
67. Мумтоз – 2 ғазал: варақҳои 60а, 172б[6];
68. Фасеҳӣ – 15 ғазал: варақҳои 62б, 212а, 213а, 271а, 319а, 322б, 370б, 409а, 434а, 448а, 473б, 478б, 489а, 499а, 510а[6];
69. Васо – 1 ғазал: варақи 65б[6];
70. Рафеъ – 6 ғазал: 68а, 187а, 200а, 367а, 404б, 496б[6];
71. Муфид – 6 ғазл: варақҳои 6 ғазал: варақҳои 68б,109б, 187б, 304а. 504б, 533а[6];
72. Ҳаким: – 1 ғазал: варақи 197а:
73. Мулошоҳ Муҳаммади Навбар: – 5 ғазал: 71б, 259б, 266б, 258а, 261а, 586б[6];
74. Мухлис – 3 ғазал: варақҳои 72а, 186а, 275б[6];
75. Хусрав – 5 ғазал: варақҳои 76а, 210б, 353а, 358б, 668б[6];
76. 76ба, 210б, 353а, 558б, 668б[6];
77. Нодир – 2 ғазал: варақҳои 78а, 158а[6];
78. Абутуроб – 5 ғазал: 78б, 165а,166а, 326б, 502б[6];
79. Раҳматшо – 15 ғазал: 84а, 11а, 153а. 244б, 251а, 301б, 302б, 312б, 315б, 403б, 456а, 533б, 556а, 567а, 581б[6];
80. Муҳаммад Амин – 1 ғазал: варақи 88а[6];
81. Зиннат – 1 ғазал: варақи 94б[6];
82. Ишратӣ – 4 ғазал: 95а, 99а, 142а, 475б[6];
83. Салим – 1 ғазал: варақи 97а[6];
84. Котибӣ – 2 ғазал: варақҳои 100б, 129б[6];
85. Афсар – 1 ғазал: варақи 102б[6];
86. Раҳим – 1 ғазал: варақи 103а[6];
87. Муҳаммадшоҳ – 1 ғазал: варақи 103б[6];
88. Восифӣ – 3 ғазал: варақҳои 106а, 530а,
89. Баҳром – 1 ғазал: варақи 109а[6];
90. Санҷар – 3 ғазал: варақҳои 120а, 138б, 537б[6];
91. Оҳӣ – 3 ғазал: варақҳои варақҳои 120а, 138б, 537б[6];
92. Мутрибӣ – 2 ғазал: варақҳои 120б, 169а[6];
93. Шоҳӣ – 3 ғазал: варақҳои варақ: 123б, 503а, 558б[6];
94. Паҳлавон – 2 ғазал: варақҳои 127б, 440б[6];
95. Ҷалоли Китобдор – 1 ғазал: варақи 129а[6];
96. Қулибек – 10 ғазал: варақҳои 133б, 146а, 173б, 195б, 207б, 209б, 247а, 267а, 304б, 480а[6];
97. Миҷмар – 1 ғазал: варақи 139а[6];
98. Ваҳшӣ – 6 ғазал: варақи 140а, 160б, 185б, 234а, 351б, 503а[6];
99. Мустафид – 1 ғазал: варақи 142б:
100. Мир Маъсум – 2 ғазал: варақҳои 144б, 182б[6];

101. Малики Қумӣ – ғазал: варақи 144б[6];
102. Фоиқ – 5 ғазал: 149а, 262а, 273б, 236а, 265а[6];
103. Зафарбек – 1 ғазал: варақи 149б[6];
104. Нахлӣ – 10 ғазал: варақҳои 150б, 243а, 249а, 345б, 382а, 403б, 405а, 413а, 495б, 509а[6];
105. Яҳё – 1 ғазал: варақи 152а,[6];
106. Муҳташам – 2 ғазал: варақҳои 160б, 225б[6];
107. Ҳазар бек – 1 ғазал: варақи 161а[6];
108. Муҳаммади Исфаҳонӣ – 1 ғазал: варақи 162б[6];
109. Улфат: – 3 ғазал: варақҳои 165а, 383б, 586б[6];
110. Машраб – 1ғазал: варақи 68а[6];
111. Роқим – 6 ғазал: 169а, 180б, 216б, 236б, 297б, 404а[6];
112. Субҳонқулихон – 1 ғазал: ваарақи 173б[6];
113. Самим – 8 ғазал: 177б, 238а, 245б, 432а, 491а, 548б, 568а, 584а[6];
114. Соъӣ – 3 ғазал: 181б, 210а, 258б[6];
115. Рангин – 2 ғазал: варақҳои 186б, 243б,
116. Туробӣ – 3 ғазал: 193а, 304а, 496а[6];
117. Низорӣ – 1 ғазал: варақи 197а[6];
118. Холис – 9 ғазал: варақҳои 203б, 204а, 206а, 208б, 281а, 378б, 481б, 485а[6];
119. Муғаннӣ – 1 ғазал: варақи 209б[6];
120. Фонӣ – 1 ғазал: варақи 211а[6];
121. Қосимуланвор – 3 ғазл: варақҳои 212б, 275б, 544б[6];
122. Аъробӣ – 1 ғазал: варқи 215а[6];
123. Илоҳӣ – 3 ғазал[6]; 216б, 247а, 417а[6];
124. Наҷот – 2 ғазал: варақҳои 217а, 571б[6];
125. Содиқ – 2 ғазал: варақҳои 219б, 494б [6];
126. Гул Муҳамад: 2 ғазал: варақҳои 222а, 246а [6];
127. Соқӣ – 2 ғазал: варақҳои 225а, 288а [6];
128. Саъдӣ – 2 ғазал: 225б, 277а [6];
129. Ҳисом – 3 ғазал: варақҳои 228а, 274а, 417а[6];
130. Маҷнун – 2 ғазал: варақҳои 228а, 248а [6];
131. Навоӣ – 1 ғазал: варақи 228б [6];
132. Султон Ҳусейн Мирзо – 2 ғазал: варақҳои 228а, 516б[6];
133. Сомӣ – 1 ғазал: варақи 228б[6];
134. Ҷурмӣ – 2 ғазал: 2 ғазал: варақҳои 235а, 246а [6];
135. Мансаб – 3 ғазал: 237а, 344б, 573б [6];
136. Марҳам – 1 ғазал: варақи 238б [6];
137. Маҷлис – 1 ғазал: варақи 246а[6];
138. Шаҳидӣ – 2 ғазал: варақҳои 246б,272а [6];
139. Валӣ – 1 ғазал: варақи 254а [6];
140. Убайдӣ – 1ғазал: варақи 258б [6];
141. Сақо – 1 ғазал: 266б[6];
142. Муҷрим – 1 ғазал: варақи 268б [6];
143. Ғозӣ – 1 ғазал: варақи 273а [6];
144. Воҳиб – 2 ғазал: варақҳои 275а, 310б [6];
145. Исмат – 2 ғазал: варақҳои 278б, 269а [6];
146. Мусавӣ – 3 ғазал: варақҳои 271б, 280а, 289а [6];
147. Юсуф Муншӣ – 1 ғазал: варақи 301б [6];
148. Носир – 3 ғазал: варақҳои 302б, 318б, 362б [6];
149. Сайёр – 3 ғазал: варақҳои 304б, 494б,554а [6];
150. Дониш – 1 ғазал: враqи 308а [6];
151. Араб – 2 ғазал: варақҳои 312а, 335а [6];

152. Таманно – 1 ғазал: варақи 315б [6];
153. Фарҳод – 3 ғазал: варақҳои 316а, 441б, 470а [6];
154. Волӣ – 1 ғазал: варақи 319б [6];
155. Фиғонӣ – 3 ғазал: варақҳои 327а, 352б, 361а [6];
156. Солеҳ – 2 ғазал: варақҳои 328а, 386а [6];
157. Бисмил – 1 ғазал: варақи 335б [6];
158. Қайсар – 1 ғазал: варақи 337б [6];
159. Ораз – 1 ғазал: варақи 339б [6];
160. Озарӣ – 1 ғазал: варақи 341б [6];
161. Қозӣ Мир Иброҳим – 1 ғазал: варақи 342а[6];
162. Мазҳаб – 9 ғазал: варақҳои 343б, 345а, 346б, 470б, 498б, 508б, 527а, 570б, 583а [6];
163. Хайруллоҳ – 1ғазал: варақи 344б [6];
164. Амири Кирмон – 1 ғазал: варақи 530а [6];
165. Содиқи Ҳалвоӣ – 1 ғазал: варақи 352б [6];
166. Султон Муҳаммад – 1 ғазал: варақи 354а [6];
167. Қассоб – 2 ғазал: 363а, 554б [6];
168. Низомӣ – 3 ғазал: варақҳои 363б,452а, 474а [6];
169. Саъдуддин – 1 ғазал: варақи 365б [6];
170. Вораста – 1 ғазал: варақи 376б [6];
171. Дӯст – 1 ғазал: варақи 383б [6];
172. Асадбек – 1 ғазал: варақи 385б [6];
173. Убайдуллоҳ – 1 ғазал: варақи 391а [6];
174. Боқир – 1 ғазал: варақи 397б [6];
175. Роят – 1 ғазал: варақи 397б [6];
176. Мунсиф– 1 ғазал: варақҳои 404б, 506б [6];
177. Таскин – 1 ғазал: варақи 408б [6];
178. Зикрӣ – 1 ғазал: варақи 410б [6];
179. Ҳакимӣ – 1 ғазал: варақи 416а [6];
180. Фикрӣ – 1 ғазал: варақи 417а [6];
181. Абдуллоҳ – 1 ғазал: варақҳои 418а, 487б [6];
182. Фаридӣ – 1 ғазал: варақи 418б [6];
183. Огоҳ – 1 ғазал: варақи 418б, 574а [6];
184. Мансур – 1 ғазал: варақи 418б, 476б [6];
185. Самимӣ –1 ғазал: варақи 419а [6];
186. Фаёз – 1 ғазал: варақи 342а [6];
187. Надим – 1 ғазал: варақи 433а [6];
188. Салимбек – 1 ғазал: варақи 434б [6];
189. Убайди Бухорӣ – 1 ғазал: варақи 437а [6];
190. Наврас — 1 ғазал: варақи 443а [6];
191. Ораз – 1 ғазал: варақи 444б [6];
192. Муҳаммад Салим – 1 ғазал: варақи 469а [6];
193. Хомӯшӣ – 1 ғазал: варақи 473а [6];
194. Ёдгор – 1 ғазал: варақи 473б [6];
195. Сидқӣ – 1 ғазал: варақи 473б [6];
196. Муҳий – 1 ғазал: варақи 476б [6];
197. Низомӣ – 1 ғазал: варақи 478а [6];
198. Сӯфӣ –1 ғазал: варақи 487а, 487б [6];
199. Саноӣ – 1 ғазал: варақи 494б [6];
200. Сайдӣ – 1 ғазал: варақи 501а [6];
201. Қозӣ Лутфуллоҳ– 1 ғазал: варақи 505б [6];
202. Нусрат – 1 ғазал: варақи 516а [6];

203. Сайидо – 1 ғазал: варақи 530а [6];
204. Имло – 1 ғазал: варақи 531а [6];
205. Муқим – 1 ғазал: варақи 545б [6];
206. Сафӣ – 1 ғазал: варақи 554б [6];
207. Ховар – 1 ғазал: варақи 568б [6];
208. Хоқонӣ – 1 ғазал: варақи 570а [6];
209. Ломеъ – 1 ғазал: варақи 571а [6];
210. Шуъла – 1 ғазал: варақи 574а [6];
211. Адо – 1 ғазал: варақи 576б [6];
212. Ҳаҷрӣ – 1 ғазал: варақи 577а [6];
213. Ҳашмат – 1 ғазал: варақи 580б [6];
214. Шаҳло – 1 ғазал: варақи 582а[6];
215. Шайхулаълам – 1 ғазал: варақи 585б [6];
216. Шайх Наҷмуддини Кубро – 1 ғазал: варақи 386а [6];
217. Шиблӣ– 1 ғазал: варақи 586а [6];



Варақҳои 1б ва 2а-и “Радоиф-ул-ашъор”-и мураттибаш номаълум, ки дар асри XVII китобат шудааст.

Бояд тазаккур дод, ки ин нусха хело мукаммал ва то замони мо хуб нигоҳдорӣ карда шудаст. Ба ҷуз академик А. Мирзоев ин нусха аз тарафи адабиётшиносони дигар мавриди таваҷҷуҳ қарор нагирифтааст. Мураттиби нусха аз нусхаи “Туҳфат-ул-Ҳабиб”-и Фахрии Ҳиравӣ [7] огаҳӣ надоштааст, чунки тартиби овардани ғазалҳо аз рӯи замон муроот нашудааст. Ҳамчунон агар қофия риоя шуда бошад, ба вазни он эътибор надодааст.

АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

1. Каталог восточных рукописей Академии наук Таджикской ССР, том VI [Текст]. – Душанбе – 1974. – 433.
2. Мирзоев А. Биноӣ [Матн] / Абдулғанӣ Мирзоев. – Сталинобод: Нашдавтоҷик, 1957. – 489 с.
3. Насафӣ С. Девони ғазалиёт [Матн] / Сайидои Насафӣ. Дар таҳияи Ҷамшед Шанбезода. –Душанбе: Ирфон, 1977. – 701 с .
4. Насафӣ С. Куллиёт [Матн] / СайидоиНасафӣ . Матни илмӣ- инти¬қо¬дӣ бо алифбои форсӣ дар таҳияи Ҷ. Додалишоев. – Душанбе : Дониш, 1987.
5. Насафӣ С. Куллиёт [Матн] / Саййидои Насафӣ. Дар таҳияи Алии Муҳаммадии Хуросонӣ ва Асрор Раҳмонфари Сомонӣ. – Душанбе: Дониш, 2018. – 580 с .
6. Радоиф-ул-ашъор, нусхаи рақами 2256 [Матн] . – 1188 варақ.
7. Ҳиравӣ, Фахрии. Туҳфат-ул-Ҳабиб [Матн] / Фахрии Ҳиравӣ . Таҳия ва тадвини Сайидхоҷа Ализода. – Душанбе: Дониш, 2022. – 733 с.

АНДЕШАЕ ЧАНД ДАР БОРАИ ЯК НУСХАИ НОДИРИ «РАДОИФ-УЛ-АШЪОР»

Дар ганҷинаи дастнависҳои ба номи академик Абдулғанӣ Мирзоеви Маркази мероси хаттии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон маҷмуаҳои зиёди шеърие маҳфуз аст, ки онҳо дар давру замонҳои мухталиф китобат карда шудаанд. Маҳз ба шарофати чунин маҷмуаҳо то замони мо ном ва осори шоироне, ки дар дигар маъхазҳо аз онҳо ному нишоне бурда нашудааст, омадаанд.

Яке аз чунин маъхазҳо “Радоиф-ул-ашъор”-ест, ки зери рақами 2556, ки дар он аз 218 шоир 2100 ғазал оварда шудааст. Бояд тазаккур дод, ки чунин маҷмуа дар дигар марказу китобхонаҳо ба назар наррасид. Дастнавис бо хатти зебои настаълиқ ва элементҳои хатти шикаста навишта шудааст. Аз рӯйи ҷилду варақу коғази навишташуда тахмин меравад, ки он фармоишӣ буда, дар асоси дархости шахси адабдӯсте тартиб дода шудааст.

Калидвожаҳо: радоифулашъор, маҷмуа, ғазал, татаббуъ, ҷавоб, варақ, қофия, радиф, нусха, мураттиб, хат, шоир.

Маълумот дар бораи муаллиф: Сайидхоҷва Ализода –номзади илмҳои филология. Ходими пешбари илмии ММХ АМИТ.
Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Ш. Ҳусейнзода, 35.
Тел.: 918616412 **E-mail.:** alizoda1955@mail.ru

НЕКОТОРЫЕ ВЗГЛЯДИ ОБ ОДНОМ РУКОПИСЬЕЙ “РАДАИФ-АЛ-АШЪАР”

В Фонде восточных рукописей имени академика А. Мирзоева ЦПН АНТ сохранятся многие поэтические сборники, которые было написано в разных периодах. Благодаря этих сборников сохранялся до нашей времени имя и некоторее поэтов и их газелей, которые не упоминается в других источниках. Один из таких драгоценных источников, является рукопись «Радаиф-ал-аша’р» под № 2556. В этом рукописей приведено газелей от 218 поетов. Надо отметит что, аналог такого сборника не было обнаруженно в других зарубежних библиотеках. Судя по обложка, почерк и бумага рукопись является заказным. И напысан четком настаъликом с элементы шикаста.

Ключевые слова: радоиф ал-аш’ар, маджмуа, газел, татаббу’, джавоб, варак, кофия, редиф, нусха, мураттиб, хат, шоир.

Сведения об авторе: Саидходжа Ализода – кандидат филологических наук, ведущий научный сотрудник ЦПН АНТ.

Адрес: Республики Таджикистан, г. Душанбе, ул. Ш. Хусейнзода 35.

Тел.: 918616412 **E-mail:** alizoda19552mail.ru.

SOME LOOK ABOUT ONE MANUSCRIPT “RADAIF-FL-ASYA”

In the Fund of Eastern Manuscripts named after Academician A. Mirzoev, the Central Federal District Anti, many poetic collections that were written in different periods will be preserved. Thanks to these collections, the name and some of the poets and their gazelles, which are not mentioned in other sources, have been preserved to our time.

One of these precious sources is the manuscript “Radaif-al-Asha’r” under No. 2556. This manuscripts gives gazelles from 218 guts. It should be noted that an analogue of such a collection was not abused in other foreign libraries. Judging by the cover, handwriting and paper, the manuscript is registered. And sprinkled with a clear insanity from the elements of the chicast.

Key words: Radaif alash’ar, madjmua, gezel, tatabbu’, javob, varaq, qofiy, radif, nusrha, murattib, khat, sho’ir.

Information about of the author: Saidkhoja Alizoda of philological sciensec. Loding researcher of the Written Heritage Centr. Academy if National Seises. Adress: 734025. Republican of Tojikiston. Dushanbe city. Rhuseinzoda-35.

Tel.: 918616412. **E-mail:** alizoda19552mail.ru.

ТДУ 091(-11).

НАЗАРЕ БА ЯК ДАСТНАВИСИ АШЪОРИ ШОИРОНИ БАДАХШОН

(нусхаи Ганҷинаи дастхатҳои Маркази мероси хаттии АМИТ)

Давруқов Ш. Х[1]

Осори хаттӣ сарчашмаи бунёдии таҳқиқот ба шумор рафта, дар омӯзиши таъриху адабиёт ва урфу одот ва фарҳанги халқҳою миллатҳо манбаи аввалиндараҷа мебошанд. Дар фарҳанги халқҳои Осиёи Марказӣ, хосатан халқи тоҷик нигаҳдории нусхаҳои хаттӣ аз аҳди қадим вуҷуд дорад. Ҷамъоварии дастнависҳо дар Тоҷикистон баъди барқарор шудани ҳокимияти Шуравӣ ва бунёд гардидани институтҳо ва марказҳои илмӣ оғоз гардид. Аз аҳди Шуравӣ ва замони Истиқлол осори хаттии зиёд ҷамъоварӣ гардида, ки барои таҳқиқоти минбаъда заминаи мусоид фароҳам оварданд. Вале, бо вуҷуди ин, нусхаҳои зиёди нодир то ҳол аз таҳқиқу тадвин канор мондаанд, ки омӯзиши онҳо заруру ҳатмист. Мақолаи мазкур ба нусхаи аксии (фотокопия) дастнависе бо унвони «Ашъори Иброн» ихтисос дода шудааст, ки дар Ганҷинаи Маркази мероси хаттии АМИТ маҳфуз аст.

Дар «Феҳристи алифбоии дастнависҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон», ки натиҷаи пурбори экспедитсияи солҳои 1959-1963-и муҳаққиқон таҳти роҳбарии Бертелс А. ва Бақоев М. мебошад, ин нусхаи аксӣ таҳти унвони «Ашъори Иброн» дарҷ ёфтааст [1, 20]. Дар тавсифи ин нусха омадааст, ки муаллифи дастнавис Иброн, ё Ибронӣ аз шоирони Бадахшон буда, тахминан асрҳои XVIII-XIX зиндагӣ кардааст. Маълумоти дигаре, ки дар тавсиф омадааст, Иброн шоироне аз Шуғнон ва дур аз ватан – дар Афғонистон умр ба с ар бурда, мавзуи ашъораш асосан шикоят аз зиндагӣ ва нокомӣ мебошад.

Як нуктаи дигари муҳимме, ки ин муҳаққиқон зикр намудаанд, то ин замон (манзур экспедитсияи солҳои 1959-1963- Д. Ш.) доир ба ин шоири шуғнонӣ ягон маълумот мавҷуд набудааст. Илова бар ин, дар таҳқиқоти минбаъдаи муҳаққиқоне, ки ба масъалаи шеъру адаби Бадахшон даст задаанд ва аксари онҳо аз ин феҳрист истифода намудаанд, аз Иброн ва ашъораш ягон иттилое надодаанд, ки боиси тааҷҷубу таассуф аст. Барои равшан сохтани масъалаи мазкур ба чанд таҳқиқоти дар ин доира анҷомшуда муроҷиат мегардад.

Доир ба адабиёту эҷодиёти даҳонии мардуми Бадахшон дар таҳқиқоти олимони хориҷӣ, хосатан муҳаққиқони рус маълумоти зиёд оварда шудааст, вале ин ҷо танҳо аз он пажӯҳишгарон ёдоварӣ мегардад, ки мустақиман ба адабиёти китобии Бадахшони равона карда шудаанд.

Нахуст, Тилло Пӯлодӣ ба ҷамъоварии ашъори шоирони халқии Бадахшон, ки тавассути мардуми маҳаллии Бадахшон (хешу таборон ва наздикони ин шоирон - Д.Ш.) даст задааст. Пӯлодӣ дар як маҷмуа маълумоти 14 нафар шоири маҳаллиро бо намунаи ашъорашон соли 1964 ба нашр мерасонад [8]. Ашъори ҷамъовардаи Пӯлодӣ аз ҷиҳати замон бо экспедитсияи муаллифони «Феҳристи алифбоӣ» рост меояд. Аз рӯи аксҳои бойгонии Бақоев М. ва ёдовариҳои ҳамсараш маълум гардид, ки ин ду муҳаққиқ (Бақоев М. ва Пӯлодӣ Т.- Д. Ш.) дӯстони наздик ва робитаи таҳқиқии зич доштаанд. Зикр нагардидани Иброн дар мачмуаи Пӯлодӣ Т. аз он сабаб аст, ки Пӯлодӣ танҳо ба ҷамъоварии ашъори бозмондаи шоирони Бадахшон тавассути мардуми маҳаллӣ машғул гардидааст. Фарзияҳои дигар дар ин мавриди бидуни истидлол аст.

Таҳқиқоти нисбатан мукаммал дар ин мавзуъ ба қалами Абибов А. тааллуқ дорад, ки дар асоси осори хаттӣ: дастнависҳои девон ва баёзҳои шоирон, тазкираҳои дар Тоҷикистон ва қаламрави собиқ Шуравӣ мавҷудбуда, дар асари «Аз таърихи адабиёти Бадахшон» доир ба 21 нафар шоири асри XIX ва аввали асри XX маълумот дода шудааст [2]. Абибов А. дар таҳқиқоташ аз «Феҳристи алифбоӣ»-и Бертелс ва Бақоев истифода карда бошад ҳам, аз чи

1. Даруқов Ш. Х. – ходими калони илмии шуъбаи тавсиф ва таҳияи феҳристи дастхатҳои Маркази мероси хаттии АМИТ

сабабе ба дастнависи «Ашъори Иброн» рӯй наовардааст. Дар маҷмуаи «Ганҷи Бадахшон» низ аз ин дастнавис, ё худи Иброн ёдоварӣ нагардидааст [3].

Муҳаққиқони муосир, ки ба таҳқиқи осори шоирони Бадахшон таваҷҷуҳ кардаанд, Охонниёзов В. ва Давлатбеков Л. мебошанд.

Дар асари «Рӯзгор ва осори шоирони Бадахшон»-и Давлатбеков Л., ки ба таҳқиқи ашъори шоирони охири асри XIX ва аввали асри XX бахшида шудааст, аз Иброн, ё нусхаи мазкур ёдоварӣ нашудааст [5].

Муҳаққиқи адабиёти Бадахшон Охонниёзов В. дар силсилатаҳқиқоташ ҷанбаҳои гуногуни ин адабиётро мавриди омӯзиш қарор дода, дар ҷилди якуми «Таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ дар Бадахшон» доир ба заминаҳои пайдоиш ва таҳаввули адабиёти форсии тоҷикӣ маълумоти хеле муфассал овардааст [7].

Дар ин мақола бори нахуст саъй меравад, ки доир ба нусхаи мазкур ва таркиби он маълумот ироа гардад.

Муаллифони «Феҳристи алифбоӣ» баъзе аз хусусиятҳои нусхаи «ашъори Иброн»-ро мухтасаран тавсиф намудаанд, ки дар боло қайд гардид. Чун асли нусха дастрас нест ва бо нусхаи аксии он сару кор меравад, аз баъзе хусусиятҳои кодикологии он канор ҷуста мешавад ва он чизе ки дастрас аст, ба тавсифи он пардохта мешавад. Нусха куҳнаю фарсуда аст ва варақҳои аввалу охири он гум шудаанд. Аз қайди муаллифони «Феҳрист» равшан мегардад, ки дар нусха халои матн (лакуна) низ ба назар расидааст [1, 20]. Як нуктаи дигар низ дар ин замина қобили таъкид аст, баъзан дар нусха шеърҳо оғоз ва ё анҷом надоранд, ки аз гум шудани варақҳои зиёд аз таркиби ин нусха гувоҳӣ медиҳад. Дар варақҳо осори намкашидагӣ ва доғҳо дида мешаванд, ки боиси мушкилхон шудани калимаю ибора ва ҳатто баъзан сатрҳо гардидааст. Қисматҳои чапу рост ва болою поёни варақи охири нусха торику сиёҳранг гардидааст, ки барои пура хондани матн монеа эҷод кардааст. Хатти нусха настаълиқи хонои бо унсурҳои шикаста мебошад ва меъёрҳои хатнависӣ, ё хаттотӣ дар он то ҳадде риоят гардидааст.

Замони китобат шудани ин дастхат асри XIX қайд гардидааст [1, 20]. Нуктаи дигар ин аст, ки котиби он кӣ аст, оё худи муаллиф ё шахси дигар? Чун дастхат бидуни анҷома (колофон) аст, барои дақиқ намудани котиб ва санаи мушаххаси китобати он мушкилӣ пеш меояд. Аз ин ҷиҳат, ба корбурди меъёрҳои дигари таҳқиқоти нусхашиносӣ пардохтан зарурат меояд. Аз таҳқиқи нусхаи мазкур муайян гардид, ки дар таркибаш ба ғайр аз ашъори Иброн, ду ғазал ва як дубайтӣ ба шоире бо тахаллуси Ҳоҷӣ ва як ғазал ба шоир Мирзо (яқинан Мирзо Ибоди Шидзӣ- Д.Ш.) тааллуқ дорад. Аз ин рӯ, дастнависро танҳо ба Иброн мансуб додан он қадар дуруст нест. Аз ин мулоҳиза равшан мегардад, муаллиф, ё худ Иброн, котиби он набудааст, агар мебуд, танҳо ашъори худи ӯ дар нусха дарҷ меёфту халос.

Дар хусуси китобати нусха мебояд қайд намуд, ки котиби он аз тамоми меъёрҳои хаттотӣ ё хушнависии замонаш бархурдор будааст ва бо хатти маъмулии настаълиқи хоно бо аломатҳои шикаста онро навиштааст. Доир ба усули китобати нусха масъалагузорӣ намудан қобили эътибор мебошад.

Дар ин ҷо ба чанд хатоҳои имлоӣ ва дастурии котиб аҳаммият дода мешавад. Пеш аз он ки ба мулоҳиза пардозем, андаке ба таърихи хат ва хаттотии он замон рӯ меоварем. Лозим ба қайд аст, ки дар Бадахшони асримиёнагӣ, аниқтар дар асри XIX мактаби махсуси хаттотӣ вуҷуд надоштааст. Омӯши донишу хат ё ирсӣ, тавассути падар ба писар, ё интихобӣ буд. Интихобӣ он аст, ки як хаттот ё китобхон барои худаш чойнишин интихоб мекард ва ҳунару донишашро ба ӯ меомӯхт, то ин мерос аз насл ба насл интиқол ёбад. Қайд кардан зарур аст, ки шахсони зиёде, ки соҳиби молу мулк ва шароит будаанд, рафта дар мадрасаҳои Мовароуннаҳру Хуросон, Ҳиндустон ва дигар мамлакатҳо таҳсили хатту савод кардаанд. Котиби мавриди назари мо аз он гуна шогирдоне будааст, ки баъзан хусусиятҳои имло ва китобатро «ба таври худаш» ба кор бурдааст. Ин нукта аз он шаҳодат медиҳад, ки ӯ хатту саводро тавассути мактаби «бобоӣ» омӯхтааст.

Дар истифодаи изофат ин котиб дар бисёр мавридҳо ҳарфи «ی» -ро истифода кардааст,

ки ғайримаъмул аст. (Мисол: «1] «گردابی غریبی, в. 1], «1] «صورتی مارا», в. 4], «مهربانی ما», «روزیرسانی ما», وجودی من», в. 11], «1] «تمامی مردمی افغان», «چطری آسمانی ما»,«خونچکانی ما»,«امانی ما», «نشانی ما», 1] «نصیبی من», в. 12] ва ғайра).

Дар баъзе мавридҳо аз шакли дурусти ибораофарӣ низ истифода намудааст. (Мисол: «1] «مکان ما», «جوان ما», «دیوانهٔ مارا», в. 10]).

Хусусияти дигари китобати нусха дар корбурди ҳарфи рабт «و», ё худ пайвандаки пайвасткунандаи «ва, у» мебошад. Дар матн котиб аксаран барои алоқаи пайвасти ибораҳо ҳарфи «و» - ро канор гузоштааст: (Мисол: «1] «مور ماری, в. 1], «1] «شب روز, в. 4], «1] « زن فرزند, в. 10], «1] «کوشش سعی, в. 14], «1] « سود زیان», «خار زار, в. 15]).

Дар ин мавриди як нуктаи дигарро илова кардан шарту зарур аст, ки дар ин лаҳзаҳо котиб дар алоқаи пайвасти ибораҳо ҳаракати замма «ُ» - ро кор гирифтааст. (Мисол: «تحمل کردمُ 1] «دیدم, в. 6], « 1] «بهار گشت خزانُ», بسی ملولمُ, в. 7], «1]«خویشُ تبار, в. 6], «1] «خردُ کلان, в. 14].

Ҷанбаи дигари фаъолияти илмии А. Ҳабибовро робитаҳои адабӣ ташкил медиҳад, ки ба пиндори мо, ҳангоми таҳқиқи аҳвол ва ашъори шоирони Бадахшон муҳаққиқ бисёр шоиронеро пайдо намудааст, ки бо доираҳои адабии Ҳиндустон иртиботи мустаҳкам доштанд, аз ин лиҳоз, муайян намудани вижагиҳои ин падидаи нодир барояш хеле ҷолиб буд, беш аз он маводи фаровоне низ гирдоварӣ карда буд. Натиҷаи таҳқиқоти масъалаи мазкур дар асари арзишманди ӯ “Аз таърихи равобити адабии Бадахшон бо Ҳиндустон” [5] инъикос ёфтааст. Ин асар соли 1991 ба нашр расидааст, ки дар бораи шуарои асрҳои XVI то XVIII маълумот медиҳад. Ҳамчунин муаллиф ба таври мухтасар дар бораи пайдоиши шеъри форсӣ дар қаламрави Ҳиндустон зикр намудааст. Натиҷаи ковишҳо нишон додаанд, ки ки пеш аз асри XVI ва бахусус асрҳои XVI ва XVII байни ин ду сарзамин, яъне Бадахшон ва Ҳиндустон робитаҳои зичи сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ равнақу ривоҷ ёфта, барои иртиботи адибону шоирон низ шароит фароҳам омадааст. Муҳаққиқ далелҳои зиёде овардааст, ки равобити зичи адибони ин ду сарзаминро собит месозанд. Ва бояд таъкид намуд, ки омӯзиши робитаҳои адабии Ҳиндустону Бадахшон хеле муҳим буд, зеро пеш аз ҳама, ин як давраи хоси таърихи адабиёти тоҷик ба шумор рафта ва пайдоиши сабки нав, яъне сабки ҳиндӣ маҳз ба рушди адабиёт дар ин кишвар рабт дорад, ки баъдан ин сабк дар доираҳои

адабии дигар мамолики форсизабон низ густариш ёфт. Сониян, хусусиятҳои хоси ин равобит пеш аз ин мавриди омӯзиши илми адабиётшиносӣ қарор нагирифта буд, аз ин лиҳоз, анҷом додани чунин таҳқиқот метавонист ба паҳлуҳои гуногуни инкишофи адабиёти тоҷик дар замону макони гуногун равшанӣ андозад.

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки Амирбек Ҳабибов дар инкишофи илму фарҳанги тоҷик саҳми бориз дорад. Мероси илмии ӯ, ки беш аз 25 асар, аз ҷумла, 10 монографияю рисолаҳои сирф илмӣ ва зиёда аз 350 мақолаи илмӣ ва илмӣ-оммавиро ташкил медиҳанд, бозгӯи хидмати арзандаи адабиётшиноси маъруф ва олими пуркор дар соҳаи адабиётшиносии тоҷик мебошанд.

АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

1. Абибов А. Баёзи ҷавоҳироти сухан [Матн] / Амирбек Абибов. – Душанбе: Маориф, 1987. – 139 с.
2. Абибов А. Ганҷи Зарафшон [Матн] / Амирбек Абибов. – Душанбе” Адиб” 1991. – 543 с.
3. Ҳабибов А. Ганҷи Бадахшон [Матн] / Амирбек Ҳабибов. – Душанбе: Ирфон, 1972. – 318 с.
4. Ҳабибов А. Ганҷи парешон [Матн] / Амирбек Ҳабибов. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 302 с.
5. Ҳабибов А. Аз таърихи равобити адаби Бадахшон ва Ҳиндустон [Матн] / Амирбек Ҳабибов. – Душанбе: Дониш, 1991. – 171 с.
6. Ҳабибов А. Мероси адабии шоирони Ҳисор [Матн] / Амирбек Ҳабибов. – Душанбе: Дониш, 1974. – 237 с.

НАҚШИ АМИРБЕК ҲАБИБОВ ДАР ОМӮЗИШИ АДАБИЁТИ ТОҶИК ОХИРИ АСРИ XVIII ВА АВВАЛИ АСРИ XX

Дар мақола аҳаммияти фаъолияти илмии олими барҷаста Амирбек Ҳабибов дар рушди адабиётшиносии тоҷик баррасӣ шудааст.

Қайд мешавад, ки Амирбек Ҳабибов фаъолияти худро дар охири солҳои 50-уми асри XX ба ҳайси муҳаққиқ оғоз кардааст. Дар пажӯҳишҳои ӯ рушди адабиёти тоҷику форс дар манотиқи Бухорои Шарқӣ, бахусус дар Ҳисор, Дарвоз, Кӯлоб ва Бадахшон дар асрҳои XVII ва ибтидои садаи XX ҷойгоҳи марказиро ишғол мекунад.

Аҳаммияти омӯзиши ин масъала аз он иборат аст, ки мероси илмии Амирбек Ҳабибов, ки дар омӯзиши осори шоирон саҳми арзанда гузоштааст, ки номашон ба омма ва ҷаҳони илм номаълум буд, таҳқиқ карда омӯхтааст.

Тадқиқот нишон дод, ки Амирбек Ҳабибов дар натиҷаи заҳматҳои зиёд ном ва осори бисёре аз шоирони Бухорои Шарқӣ баргардонида, дар бахши қиёсшиносии адабӣ низ дар мисоли эҷодиёти шоирони адабӣ корҳои илмӣ бурдааст. Доираҳои Бадахшон ва Ҳиндустон, монография, мақолаҳои илмӣ ва илмӣ-оммавии чопкардаи ӯ натиҷаи фаъолияти илмии ӯ гардиданд. Маълум гардид, ки муҳаққиқ ба ғайр аз монографияҳое, ки ба доира ва давраи муайяни адабӣ бахшида шудаанд, маҷмуаҳои адабӣ низ ба табъ расонидааст, ки дар онҳо намунаҳои эҷодиёти бисёре аз шоирони то кунун номаълумро дар бар мегирад.

Ба мероси илмии Амирбек Ҳабибов монографияҳои «Аз таърихи адабиёти тоҷик дар Бадахшон» («Аз таърихи рушди адабиёти тоҷик дар Бадахшон»), «Ганҷи Бадахшон» («Хазинаи Бадахшон»), «Мероси адабиёти шоирони Ҳисор» дохил мешаванд. » («Мероси адабии шоирони Ҳисор»), «Доираҳои адабии Бухорои Шарқӣ» («Доираҳои адабии Бухорои Шарқӣ»), «Ганҷи Парешон» («Дӯстдорони ганҷ»), «Баёзи ҷавоҳироти сухан» («Маҷмуаи марворид»), «Ганҷи Зарафшон» , «Аз таърихи равобити адабии Бадахшон ва Ҳиндустон»(«Аз таърихи муносибатҳои адабии Бадахшону Ҳиндустон) ва ғайра дар омӯзиши таърихи адабиёти тоҷик саҳифаи нав кушода, барои тадқиқоти минбаъда оид ба эҷодиёти

намояндагони алоҳидаи доираҳои адабие, ки дар ҳудуди мардуми форсизабон амал мекунад, сарчашмаи пуразриш мебошад.

Калидвожаҳо: Адабиёти тоҷик, осори пароканда, захираи дастнависҳо, шоирони номаълум ва каммашҳур, доираҳои адабӣ, Бухорои шарқӣ, ҳавзаи адабии Бадахшон, маҳфили адабии Ҳисор, анъанаи адабиёт, санъати шеърӣ, ороиши лафзӣ, мероси пароканда, нусхаҳои қаламӣ, тазкира, маҷмуа, баёз, ҷунгҳо, робитаҳои адабӣ, адабиётшиносии тоҷик.

Маълумот доир ба муаллиф: Латифов Собир– ходими илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ.**Суроға:**Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ-21.
Тел.: 93 591 32 16. **E-mail** obxarv2011@mail.ru

РОЛЬ АМИРБЕКА ХАБИБОВА В ИССЛЕДОВАНИИ ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ КОНЦА XVIII И НАЧАЛА XX ВВ.

В статье рассматривается значение научной деятельности видного учёного Амирбека Хабибова в развитии таджикского литературо-ведения.

Отмечается, что Хабибов начал свою работу в качестве исследователя в конце 50-х годов XX столетия. Центральное место в его изысканиях занимают вопросы развития таджикско-персидской литературы в регионах Восточной Бухары, в частности, в Гиссаре, Дарвазе, Кулябе и Бадахшане XVII начало XX веков.

Актуальность изучения данного вопроса обусловлена тем, что, до сих пор не изучено научное наследие А. Хабибова, внесшего значимый вклад в исследовании творчества поэтов, имя которых было неизвестно широкой публике и научному мир.

Проведенное исследование показало, что А. Хабибов в результате кропотливой и скрупулёзной работы восстановил имя и творчества многих поэтов Восточной Бухары, также проводил научные изыскания в области литературной компаративистики на примере творчества поэтов литертаурных кругов Бадахшана и Индии. Результатом его научной деятельности стали опубликованные им монографии, научные и научно-популярные статьи. Выявлено, что кроме монографий, посвященных конкретному литературному кругу и периоду, исследователем изданы также литературные сборники, куда вошли образцы творчества многих ранее неизвестных поэтов.

Научное наследие А. Хабибова включающее монографии «Аз таърихи адабиёти тоҷик дар Бадахшон”(“Из истории развития таджикской литературы в Бадахшане”), “Ганҷи Бадахшон”(“Сокровище Бадахшана”), “Мероси адабии шоирони Ҳисор” (“Литературное наследие поэтов Гиссара”), “Доираҳои адабии Бухорои шарқӣ”(“Литературные круги Восточной Бухары”), “Ганҷи парешон”(“Россыпи клада”), “Баёзи ҷавоҳироти сухан”(“Собрание жемчужин”), “Ганҷи Зарафшон”(“Песни Зарафшана»), «Аз таърихи равобити адабии Бадахшон ва Ҳиндустон” (“Из истории литературных взаимосвязей Бадахшана и Индии) и др. открыло новую страницу в изучении истории таджикской литературы и является ценным источником для дальнейншего исследования творчества отдельных представителей литературных кругов, действующих на территории проживания персоязычных народов.

Ключивые слова: истории таджикской литературы, литертаурный круг, литертаурные круги Бадахшана и Гисара, поэзия, восточная Бухара, россыпные клады, художественние изоброжение, рукописы, литературные связы.

Сведение об авторе: Латифов Собир, научный сотрудник Института языка и литературы им. Рудаки НАНТ. **Адрес:** 734025. Республики Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки-21.
Тел.: 93 591 32 16. **E-mail:** obxarv2011@mail.ru

ROLE OF AMIRBEK HABIBOV IN THE STUDY OF TAJIK LITERATURE IN THE LATE 18TH AND EARLY 20TH CENTURIES

This article explores the importance of scientific work by researcher, Amirbek Habibov in the study of Tajik literature.

It is noted that Amirbek Habibov began his work as a researcher in the late 50s of the 20th century. Development of the Tajik-Persian literature in Eastern Bukhara region, particularly in Hisar, Darwaz, Kulab and Badakhshan of the 17th – early 20th centuries was the central focus of his research.

Relevance of studying this theme is due to the fact that the research heritage of Amirbek Habibov, who has made a significant contribution to the study of the works of poets - whose names have been unknown to the general public and the scientific world - has not been explored.

he study revealed that, as a result of painstaking and scrupulous works, Amirbek Habibov restored the names and works of many poets of Eastern Bukhara as well as studied literary comparative studies in the example of works of the poets of literal circles of Badakhshan and India. Based on the results of his research, monographs and research and popular science articles were developed. It was revealed that, in addition to the monographs dedicated to specific literary circles and period, the researcher has also published literary collections that included examples of works by many previously unknown poets.

The scientific heritage of Amirbek Habibov, such as monographs “Az ta’rikh-e adabiyat-e tajik dar Badakhshan”) (From the History of Development of Tajik Literature in Badakhshan), “Ganj-e Badakhshan” (Treasure of Badakhshan), “Meras-e adabiy-e shairan-i Hisar” (Literary Heritage of Poets of Hisar), “Daeraha-ye adabiy-e Bukhara-e Sharqi” (Literary Circles of Eastern Bukhara), “Ganj-e pareshan” (Scattered Treasure), “Bayaz-e jawaherat-e sokhan” (Collection of Pearls), “Ganj-e Zarafshan” (Treasure of Zarafshan), “Az ta’rikh-e rawabit-e adabiy-e Badakhshan wa Hindustan” (From the History of Literary Relations between Badakhshan and India) and others opened a new page in the study of the history of Tajik literature and is thus a valuable source of further research of the works of individual representatives of literary circles, functioning in the territory of Persian-speaking peoples.

Key words: history of Tajik literature, literary circle, literary circles of Badakhshan and Gisar, poetry, eastern Bukhara, placer treasures, artistic image, manuscripts, literary connections.

About the author: Latifov Sobir, researcher at the Institute of Language and Literature. Rudaki NAST. Address: 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe, 21 Rudaki Ave.

Tel: 93 591 32 16. **E-mail:** obxarv2011@mail.ru

ТДУ: 891.71.092.

ДНЕВНИК – ЛИТЕРАТУРНОЕ НАСЛЕДИЕ ЛЬВА ТОЛСТОГО

Рустамова Г.Р[1]

Дневники для всемирного писателя Льва Николаевича Толстого были литературным наследием и неотъемлемой частью биографии. В них запечатлена неустанная работа и мысли писателя, глубокие раздумья о жизни, социально-нравственные искания. Он вел их с перерывами в течение почти всей своей жизни, начиная с 1847 года 18-летним юношей-студентом, и закончил их в 1910 году 82-летним всемирно известным писателем.

Публицистическое наследие Толстого очень огромно. Перу писателя принадлежит 290 статей и трактатов, из которых 164 были завершены. Среди них такие известные во всем мире статьи, как «Исповедь», «Рабство нашего времени», «Одумайтесь!», «Не могу молчать». Вклад Л. Н. Толстого в процесс гуманизации мысли народов определяется широкой деятельностью как литературовед, исследователь, теоретик и как педагог. Он в течение своего творческой работы критиковал многих своих современников – представителей научного мира. Утверждал и напоминал о том, что задача учёного, писателя состоит в том, чтобы больше написать о народе. Исследователь творчества писателя А.И. Опульский пишет, что многие публи¬цистические мысли в основном выражены в дневниках писателя. По источникам исследования есть предположение об уничтожении некоторых дневников самим писателем [2]. Б. М. Эйхенбаум, основывается на не до конца выясненных обстоятельствах раннего периода жизни писателя, подчеркивает, что молодой Толстой, встречался в 1848-1849 годах «с людьми, имевшими связь с литературой» [9,с.52]. Приводимые предположения об уничтожении Толстым некоторых своих дневников связывались с тяжелыми обстоятельствами его личной жизни. Н.Н. Гусев исследуя записи определил, что Толстой, возможно, по этим мотивам уничтожил свой дневник за период с конца 1882 года по март 1884 года. Есть факт, что Толстой в 1884 году просил В.Г. Черткова уничтожить посланные ему в том году три письма о взаимоотношениях писателя с С. А. Толстой, а в 1894 году просил его уничтожить копию с хранившегося у него дневника 1884 года, что тот и сделал. Но и это предположение маловероятно. Уже в том письме к В. Г. Черткову (от 19 октября 1884 г.), которое имеет в виду Н. Н. Гусев, есть указание на то, что Толстой собирался уничтожить свой дневник. Хотя об этом существенных доказательств больше нигде не видно[3].

С детства писатель хотел быть в центре внимания общества, но этому мешали природная застенчивость и отсутствие внешней привлекательности. Толстого волновали главные вопросы бытия - мысли о счастье, смерти, Боге, любви, вечности и болезненно мучили его почти всю жизнь. Это привело к тому, что у Толстого создалась «привычка к постоянному моральному анализу».

Дневники всегда сопровождали и занимали особое место в его творчестве. Содержание их гораздо шире того, что обычно понимают под словом «дневник». Его дневники имели разное назначение. В ранних дневниках наряду с самовоспитанием, моральными упраж-нениями и писательскими упражнениями и тут же были записи, кратко отмечающие течение повседневной жизни. Кроме изложения внешних событий жизни, они содержали драгоценный материал для его писательской биографии, творческой истории произведений и эволюции миросозерцания писателя. В дневниках он высказывал свои самые сокровенные мысли, которыми не делился с окружающими. Здесь заметки о зарождении и развитии художественных замыслов, отклики на текущие события общественно-политической жизни, мысли по вопросам искусства, философии, педагогики и эстетики.

1.Рустамова Гуландом Рустамовна – д.ф.н., профессор кафедры языков Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана.

Писатель в разное время по-разному представлял себе назначение своего Дневника. Начинал писать дневники, будучи студентом Казанского университета, на одной из первых страниц отметил так: «Я никогда не имел дневника, потому что не видал никакой пользы от него. Теперь же, когда я занимаюсь развитием своих способностей, по дневнику я буду в состоянии судить о ходе этого развития» (запись от 7 апреля 1847г.) [6]. Следуя этой цели, Толстой первоначально заносил на страницы Дневника все, что, по его мнению, помогало развитию способностей, и, в первую очередь, разбор прочитанных книг. Первая его тетрадь полностью посвящена заданному в университете сравнительному анализу известного «Наказа» Екатерины II и трактата французского просветителя Монтескье «Дух законов» - анализу, выполненному со всей тщательностью: с цитатами, рассуждениями и выводами. Он прокомментировал весь «Наказ» Екатерины II сообразно правилам, которые сам себе установил:

1) «Что назначено, непременно исполнить, то исполняй, несмотря ни на что.

2) Что исполняешь, исполняй хорошо» (запись от 24 марта 1847г.) [6].

Через некоторое время с той же целью Толстой открыл в Дневнике разделы «Сведения» и «Наблюдения», куда записывал интересные факты, почерпнутые из книг или из собственных наблюдений над жизнью.

Параллельно с этим писатель начинает задумываться и над моральной стороной своей личности: «Хотя я уже много приобрел с тех пор, как начал заниматься собою, однако еще все я весьма недоволен собою. Чем далее подвигаешься в усовершенствовании самого себя, тем более видишь в себе недостатков, и правду сказал Сократ, что высшая степень совершенства человека есть знать то, что он ничего не знает» (запись от 8 апреля 1847г.) [6].

Он разрабатывает для себя «правила внутренние или в отношении к самому себе», которые разделяет на «правила образования нравственного и правила образования телесного».

Дневник Л.Н. Толстого служит также местом записей «дельных мыслей» и средством, способствующим самодисциплине. «Мало ли бывает в голове мыслей, которые кажутся весьма замечательными, а как рассмотришь, выйдет пустошь; иные же точно дельные - вот для этого-то и нужен дневник. По дневнику весьма удобно судить о самом себе. Потом, так как я нахожу необходимым определять все занятия вперед, то для этого тоже необходим дневник» (запись от 14 июня 1850 г.).

С течением времени, по мере расширения жизненного и писательского опыта его дневник претерпевает существенные изменения. Все написанное, которое имело характер кратковременных записей для памяти, заносится теперь в специальные записные книжки, которые начиная с 1855 года, всегда - дома и в пути, днем и ночью - держал при себе. У него имелись обыкновенно две записные книжки одновременно: «дневная» и «спальная», или «ночная». Первая находилась у него в кармане блузы, вторая лежала на ночном столике, в нее Толстой заносил свои мысли рано утром, или ночью, просыпаясь. С «дневной» книжкой Толстой никогда не расставался, часто записывал в нее и на прогулке и даже верхом на лошади. Он любил ездить верхом, быть на природе. Когда в книжках накоплялось много записей, Толстой переписывал их в дневник, из кратких заметок вырастали стройные афоризмы или обширные рассуждения. В Юбилейном издании сочинений Толстого дневники и записные книжки займут тринадцать томов. Эта кропотливая работа помогла ему стать гением с уникальным писательским талантом и умением анализировать и воспитывать себя. Он вспоминает иногда в своих заметках также о культуры Востока.

Дневники, записки, исповедь как жанр были особенно близки творческой индивидуальности Толстого. Издатель книг писателя В. Г. Чертков советовал ему о том, что «Вам непременно следовало бы вести постоянные записки, вроде дневника Ваших мыслей и чувств».

Дневник на протяжении многих веков был верным другом писателя, и, как и все литературное наследие, отражает всю сложность духовного мира, трагизм его переживаний. Современная молодежь может смело использовать как «учебное пособие» по разным вопросам самосовершенствования личности и о самовоспитании.

ЗИСПОЛЬЗОВАННАЯ ЛИТЕРАТУРА

1.Бирюков П.И. Биография Толстого ЛНТ 3 / П.И..-Бирюков. – М.: Госиздат,1992.
2. Булгаков В.Ф. Воспоминания и рассказы. - Тула: Приокское кн. изд-во,1964.
3. Гусев Н.Н. Толстой Л.Н. / Н.Н. Гусев – М.: Наука, 1970.
4. Мейлах Б. Уход и смерть Льва Толстого. М., 1979.
5. Толстая С. А. Дневники в 2-х томах, т. 1. М., 1978, с. 133.
6.Толстой Л.Н. Дневники 1847-1894. Собрание сочинений в 22-х томах, т.21.-М.: Художественнаялитература,1985.
7. Толстой Л.Н. Дневники 1895-1910. Собрание сочинений в 22-х томах, т.22.–М.: Художественнаялитература, 1985.
8. Толстой С.Л. Очерки былого / С.Л. Толстой. – Тула: Приокское кн. изд-во,1975.
9. Шифман А.И. Комментарии. Дневники Льва Толстого / А.И. Шифман – М.: Художественная литература, 1985.

ДНЕВНИК – ЛИТЕРАТУРНОЕ НАСЛЕДИЕ ЛЬВА ТОЛСТОГО

В данной статье говорится о роли дневника в творчестве всемирного писателя Льва Толстого. Дневник считается литературным наследием и неотъемлемой частью биографии писателя. В нём наряду с самовоспитанием и писательскими упражнениями были и записи, которые кратко отмечали течение повседневной жизни. Кроме написания событий жизни, они еще содержали драгоценный материал для его писательской биографии, и творческой истории произведений писателя.

Дневник и записные книжки в Юбилейном издании сочинений Толстого занимают тринадцать томов. Ведение дневниковых записей является кропотливой работой, помогла Толстому стать гением с уникальным писательским талантом и умением анализировать и воспитывать себя. Он вспоминает в своих заметках также о культуры Востока.

Ключевые слова: писательский опыт, дневник, запись, литература, личность, анализ, афоризм, том, книжка.

Сведение об авторе: Рустамова Гуландом Рустамовна, д.ф.н., профессор кафедры языков Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. 734055, г. Душанбе, ул. Борбада 48/5.

E-mail: rustamova-71@mail.ru **Тел.:** 907913677.

РӮЗНОМА – МЕРОСИ АДАБИИ ЛЕВ ТОЛСТОЙ

Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи нақши рӯзнома дар эҷодиёти нависандаи умумиҷаҳонӣ Лев Толстой меравад. Рӯзнома мероси адабӣ ва қисми ҷудонашавандаи тарҷумаи ҳоли нависанда ба ҳисоб меравад. Дар он дар баробари худтарбиякунӣ ва машқҳои нависандагӣ навиштаҷотҳое буданд, ки ба шакли кӯтоҳ ҷараёни ҳаёти ҳаррӯза қайд мешуданд. Ғайр аз навиштани ҳодисаҳои ҳаёт онҳо боз маводҳои қиматбаҳо барои тарҷумаи ҳоли нависандагии ӯ ва таърихи эҷоди асарҳои нависандаро доштанд, ки ба масоили фарҳанги Шарқ низ дахл кардааст.

Рӯзнома ва китобчаҳои хотираҳо дар нашри куллиёти ҷашнии Толстой сӣ ҷилдро ташкил медиҳанд. Навиштани қайдҳои рӯзнома кори заҳматталаб буда, он ба Толстой барои доҳӣ шудан бо истеъдоди нодири нависандагӣ, маҳорати таҳлил намудан ва худро тарбия намудан ёрӣ расонидааст.

Калидвожаҳо: таҷрибаи нависандагӣ, рӯзнома, қайд, адабиёт, шахсият, таҳлил, ҳикмат, ҷилд, китобча.

Маълумот дар бораи муаллиф: Рустамова Гуландом Рустамовна, д.и.ф., профессори кафедраи забонҳои Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. 734055, ш. Душанбе, к. Борбад 48/5.

E-mail: rustamova-71@mail.ru **Тел.:** 907913677.

DIARY LITERARY LEGACY OF LEV TOLSTOY

In this article talks about the role of the diary in the work of the world writer Leo Tolstoy. The diary is considered a literary heritage and an integral part of the writer's biography. In it, along with self-education and writing exercises, there were notes that briefly noted the course of everyday life. In addition to writing life events, they also contained precious material for his writer's biography, and the creative history of the writer's works.

The diary and notebooks in the Jubilee edition of Tolstoy's works occupy thirteen volumes. Keeping diary entries is painstaking work, helped Tolstoy become a genius with a unique writing talent and the ability to analyze and educate himself.

Key words: writing experience, diary, record, literature, personality, analysis, aphorism, volume, book.

Information about the author: Rustamova Gulandom Rustamovna, Doctor of Philology, Professor of the Department of Languages of the Inter national University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. 734055, Dushanbe, st. Borbad 48/5.

E-mail: rustamova-71@mail.ru **Tel.:** 907913677.

ТДУ 61 (575.3)

ТАЪСИРИ НАЗМИ АРАБ БА АШЪОРИ СӮЗАНИИ САМАРҚАНДӢ

Хуҷова М.У[1].

Сӯзании Самарқандӣ яке аз шоирони сермаҳсули адабиёти тоҷикии форсӣ ба ҳисоб меравад, ки дар ашъораш хеле фарован аз вожаҳои арабӣ истифода бурдааст. Сабаби ворид гардидани вожаҳои арабӣ дар шеър ва рӯ овардани шоирон ба ин забон дар он давра аз он иборат буд, ки забони арабӣ аз асри X сар карда ҳамчун забони илм ба кор бурда мешуд. Дар ин давр дар ибтидо луғоти арабӣ камтар ба назар мерасид, лекин баъдтар дар аҳди Ғазнавиёну Салҷуқиён луғоти арабӣ дар назм ба таври фаровон ворид гашт, ки инро метавон дар ашъори Сӯзании Самарқандӣ хеле хуб мушоҳида кард:

Лошайъа ва шайъа ба қудрати тақдири ӯ шаванд,
Ӯ бар ҳар он чи номи шаъй ӯ фитад қадир.
[5, 3]

***

Дафъи вабо буд чу уфунат кард ҳаво,
Рӯи ҳаво зи лашкари куффор шуд афан.
[5, 13]

***

Зи саҳми ӯ чунон гардад, ки доди хеш бистонад,
Тазарв аз бозу меш аз гургу гур аз нерӯи зайғам.
[5, 13]

***

Зи бими ҳайбату саҳми сиёсати ту ба дашт,
Зи гург панҷа фурӯрезад аз ниҳеби ниёз.
[5, 13]

Мавзуи таъсири адабиёти араб ба адабиёти форсии тоҷикӣ яке аз масъалаҳои ҷиддиест, ки то ба имрӯз дар маркази таҳқиқи муҳаққиқон қарор гирифтааст ва то як андоза таҳқиқи худро пайдо кардааст. Мисол, муҳаққиқи тоҷик Тоҷиддин Мардонӣ дар мақолаи «Даад и Рубаб в стихах Насир Хусрава» мавзуи мазкурро дар қасоиди яке аз намояндагони барҷастаи адабиёт иасри X1 пайгирӣ ва баррасӣ намудааст [1,393]. Чунки дар олам ягон забоне мавҷуд нест, ки таъсиргузору таъсирпазир набошад, аз ҷумла забони арабӣ. Таҷрибаҳои илмию фарҳангӣ борҳо нишон додаанд, ки забонҳо дар иртиботу таъсири мутақобила таҳаввулу рушд менамоянд. Ба ин хотир, равобити забонҳои арабу аҷам ё худ арабӣ ва тоҷикӣ то ғазавоти араб ва мушаххасан дар давраи миёнаи таърихи забони тоҷикӣ (паҳлавӣ) рост меояд. Дар аҳди ғазавоти араб ва интишор гардидани Ислом раванди мазкур нумуи хосса кард, ки шоирони он давр дар ашъорашон пурра ба сураҳои Қуръон такя мекарданд, ки Сӯзании Самарқандӣ аз ҷумлаи онҳост:

Ё дар ҷои дигар:

Оварду кард фатҳу зафар пеши чашми мо,
Бод аз риқоби олӣ лозола олиё.
[5,13]

***

Барӣ макун зи мусалмонӣ ар барӣ ҷонам.
Ба ҳаққи ашҳаду ан ло илоҳа иллаллоҳ.
[5, 12]

1. Хуҷова Мавҷуда Ӯроқовна – ходими пешбари илмии Шуъбаи матншиносӣ, таҳқиқ ва нашри мероси хаттии Маркази мероси хаттии назди Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Ё дар ҷои дигар:

Ҳаво намонад то соате ба ҳазрати Ҳува,
Ҳуваллаҳ бизанам ҳалқа бичунбонам.

[5, 10]

Муҳаққиқони дигар ҳамаи мавзуи таъсири адабиёти арабро ба ашъори шоирони асри мавриди назар қарор додаанд. Масалан, мақолаи устоди Донишкадаи адабиёт ва улуми инсонии Донишгоҳи Теҳрон дуктур Ҳумайро Зумуррадӣ ва Аҳмади Муҳаммадӣ ба “ Васфи атлолу даман дар шеъри форсӣ ва тозӣ” бахшида шудааст, ки оид ба ин мавзуъ андешаҳои ҷолибро пеш овардаанд [2,73-93].

Дар давраи ҳукмронии Исмоили Сомонӣ (892 - 907) забони арабӣ ҳамчун забони илм боқӣ монд ва бо ин забон дар он давра садҳо асарҳои оламшумуле навишта шудаанд, ки ба ин асари мондагори Абурайҳони Берунӣ «Осор-ул-боқия» мисол шуда метавонад. Бузургони миллати мо дар асрҳои миёна қисме аз осори илмии хешро ба ин забон эҷод кардаанд, ё дар эҷодиёташон хеле фаровон аз вожаҳои арабӣ истифода бурдаанд, ки намунаҳое аз ашъори Сӯзании Самарқандӣ баёнгари ин андешаанд:

Ҳаст аз ҳама гузиру в-аз Аллоҳ ногузир,
Дорои осмону замин Холиқ- ул- башир. [5, 2]

***

Аё шаҳе, ки дар офоқ ҳар куҷо шаҳрест,
Ки дину суннат фош асту куфру бидъат роз. [5, 20]

***

Дар мулки ӯст қуввати дин лоҷарам бувад,
Бар хасми дину мулки музаффар худойгон. [5, 13]

Ба андешаи Забеҳуллоҳи Сафо, сабаби асосии он нуфузи дини ислом дар ин ду қарн (XI-XII) ва забони мулозими он, яъне забони арабӣ буд. Дигар он ки дар ин ду қарн таълим ва тааллуми забони арабӣ бо шиддати бештар аз пеш дар Эрон ривоҷ дошт ва чун тавсиа ва афзоиши мадорис дар қарнҳои мазкур бо қуввати бисёр сурат гирифта, аз маводи аслӣ ва асосии дуруст дар ин мадорис забон ва адаби арабӣ буд, табъан ҳамаи аҳли савод ва касоне, ки дар пайи таҳсили илму адаб буданд, аз забону адаби арабӣ огоҳӣ меёфтанд. Мисол, асарҳои мутааддид ва басе судманди илмии эронизодагон Абдуллоҳ ибни Ал-Муқаффаъ (724-759), Абдулҳомид ал-Котиб (ваф.750), Ал-Хоразмӣ (780-847), Ибни Хурдодбеҳ (820- такр. 912), Табарӣ (ваф. 923), Абунасри Форобӣ (870-950), Саъолабӣ (961-1038), Абурайҳони Берунӣ (973-1046), Абуалӣ ибни Сино (980-1037) ва дигарон бештар ба арабист. Инчунин мо дар адабиёт шоироне монанди, Башшор ибни Бурд (741-784), Абунуввос (762-813), шоири суғдӣ Ал-Хураймӣ, Ибни Румӣ (836—896) ва дигарон дорем, ки асарҳои соф арабӣ навиштаанд. Сабаби бештар ворид гардидани калимаю ибораҳои арабиро дар ин аҳд мо дар бисёрии мадорис ва уламои динии он замон мебинем, ки адибон нахуст аз илми калом, аҳодис ва фиқҳ дониш омӯхта, баъдан дар радифи инҳо аз илми адаб бархурдор мегаштанд. Баъзе аз муҳаққиқон вуруди калимаҳоро ба ин ё он забон чунин иброз доштаанд, ки «вомгирӣ ва вомдиҳӣ содатарин шакли таъсиргузории забони ду миллат бар якдигар аст, ки баёнгари нуфузи падидаи иҷтимоӣ-фарҳангии миллате дар миёни миллати дигар аст» [5, 430]. Пажӯҳишгари тоҷик Садрӣ Саъдиев дар китоби худ «Сӯзанӣ ва муҳити адабии Самарқанди асри XII” [6, 163] хеле хуб сабаби бештар ворид гардидани калимаю ибораҳои арабиро дар ин аҳд нишон дода, сабаби онро дар бисёрии мадорис ва уламои динии он замон мебинад.

Мавзуи марказии адабиёти дарбори Ғазнавиён мадҳ буда, қолаби асосии мадҳ қасида аст, мо вуруди аносири забони арабиро беш аз ҳама дар ҳамин қолаби шеърӣ мушоҳида менамоем, зеро аз лиҳози теъдоди абёт қасида пас аз маснавӣ қарор дорад ва қофияҳои он аз оғоз то анҷом якнавохт аст, аз шоир тақозои ҷустуҷӯйи қофияҳои тозаи якнавохт мекунад

ва ӯро ба он вомедорад, ки бештар барои овардани қофияи мувофиқ ба забони арабӣ ручуъ намояд [5, 430]. Ҳамсадоҳои ташдиддор дар калимаҳои иқтибосии арабӣ, тибқи қоида дар қолабҳои фаъол (наҷҷор, раззоқ, ҳаммол); тафаъул (ташаккур, таҳаввул, таназзул); муфаъал (мураккаб, мураввақ, муаззам, мунаққаш); муфаъъил (мусаввир, мударрис, мумаййиз); мутафаъъил (мутавассит, мутакаббир, муқассир, мутаҳаййир); мутафаъъал (мутақаддам, мутааххар, футувват); ва калимаҳои навъи иттиҳод, иттилоъ, иттисол, муттаҳид, муттафиқ, мубарро, муҷалло, мусаммо, мутасаддӣ, мутасаллӣ, мутаваллӣ, табарро, тавалло, тасалло ва ғ. навишта мешаванд, ки дар ашъори Сӯзании Самарқандӣ хеле фаровон истифода шудааст.

Мисол:

Эй ровии ин қасида бихону маро мабин!
Касамъи билмуъида хайрун мин ан тароҳ.
[5, 8]

***

То зинати мулук бувад зи афсару нигин,
Бод аз нигин музаййану зи афсар худойгон.
[5, 13]

Ё дар ҷои дигар:

Ҳаргиз ба сӯйи Каъбаи маъмури дили ман,
Ҳаҷҷоҷи малъун накуҳад гаштани ҳуҷҷоҷ.
[2,20]

Абдушукури Абдусаттор перомуни ин масъала вуруди калимаҳоро ба ин ё он забон чунин иброз доштааст, ки «вомгирӣ ва вомдиҳӣ содатарин шакли таъсиргузории забони ду миллат бар якдигар аст, ки баёнгари нуфузи падидаи иҷтимоӣ-фарҳангии миллате дар миёни миллати дигар аст ва мавзӯи марказии адабиёти дарбори Ғазнавиён мадҳ буда, қолаби асосии мадҳ қасида аст, мо вуруди аносири забони арабиро беш аз ҳама дар ҳамин қолаби шеър мушоҳида менамоем, зеро аз лиҳози теъдоди абёт қасида пас аз маснавӣ қарор дорад ва қофияҳои он аз оғоз то анҷом якнавохт аст, аз шоир тақозои ҷустуҷӯйи қофияҳои тозаи якнавохт мекунад ва ӯро ба он вомедорад, ки бештар барои овардани қофияи мувофиқ ба забони арабӣ ручуъ намояд» [5, 430], ки ин тарзи қофиябандӣ дар ашъори Сӯзании Самарқандӣ хеле зиёд ба чашм мерасад:

Чун қир гашт номаи аъмоли ман зи ҷурм,
Бар ман вуболу ҷурм зи қитмиру аз нақир.
[5, 2]

***

Дорои осмону замин Холиқ-ул-башар,
Ка-з вай ба мост омада хайр-ул-башар башир.
[5, 8]

Дар гузашта забони арабӣ забони давлатӣ эълон гардида, коргузорӣ низ бо ин забон амалӣ мешуд. Ҳатто, дар Хуросону Мовароуннаҳр низ донистани забони арабӣ барои маъмурони давлатӣ ҳатмию маҷбурӣ буд. Забони аҳкоми дину қонунгузорӣ кайҳо арабӣ шуда буд. Ин ҳолат боис шуд, ки адабиёти мардумони эронинажод дар тули кариб 200 соли тасаллути араб асосан ба забони арабӣ иншо гардад, аммо саҳми шоистаи эронитаборон дар инкишофи адабиёт, илм, фалсафа ва умуман, фарҳанги арабизабон аз он иборат буд, ки онҳо дар бунёди тамаддуни умумиарабӣ на фақат қишри соф эрониро ба вуҷуд оварданд, балки асарҳои зиёди юнонӣ, ҳиндӣ ва Эрони бостонро ба забони арабӣ баргардонида, заминаи мустаҳками насру фалсафаи арабро ба миён оварданд. Баъди ҷараёни мустақил гирифтани адабиёти форсии тоҷикӣ ба забони модарӣ низ то муддате ба баъд дар Эрону

Хуросону Мовароуннаҳр адабиёти арабизабон идома намуда, шоироне пайдо шуданд, ки ҳам ба арабию ҳам ба форсӣ шеър мегуфтанд. Аз 415 шоире, ки дар тазкираи Саъолаби «Ятимат-уд-даҳр» оварда мешавад, 124 нафарашон дар замони хукумати Сомониён (875-999) ва ибтидои асри XI масеҳӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр зиста, ё танҳо ба арабӣ ва ё ба ду забон- арабию форсии тоҷикӣ эҷод мекардаанд [7, 555], ё ки дар ашъорашон ба таври фаровон аз вожаҳои арабӣ истифода мекарданд, ки Сӯзании Самарқандӣ аз ҷумлаи онҳост:

Ҷои диранги мост ба дузах зи адли ту,
В-аз фазлу раҳмати ту ба хулди барин диранг.
[5, 13]

***

Варо аз он ки нагӯем назиру нашносем,
Зи ҷаври ин тани ҷобир бувад муҷир маро.
[5, 5]

***

Дорои осмону замин Холиқ-ул-башар,
Ка-з вай ба мост омада хайр-ул-башар башир.
[5, 2]

Хулоса, миллате, ки хоҳад ба қавмҳои дигар фарҳанг, забон ва тамоми анъана ва урфу оддати миллии хешро муаррифӣ кунад, инро метавонад тавассути донистани забони дигар миллатҳо амалӣ гардонад. Ба ин восита метавонад ҷаҳони луғавии насли ҷавони миллатро бой созад. Насли ҷавон бояд таҳкурсии бойи луғатдониашон мустаҳкам бошад, ки дар вақти мутолиаи асарҳои оламшумули ниёгонамон чун Рӯдакию Ҳофиз, чун Саъдию Бедил, чун Аттору Мавлонои Балхӣ ва чун Саноию Сӯзании Самарқандӣ ва дигарон сарфаҳм равад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин бобат аҳаммияти хосса дода, ба насли ҷавон омӯхтани забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла забони арабӣ аз ҷониби сарвари давлат борҳо таъкид гардидааст. Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфтаҳои Сарвари давлатро ба инобат гирифта, қарори махсусе ба тасвиб расондааст, ки тибқи он омӯзиши забони арабӣ дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ ҷорӣ карда мешавад. Бояд зикр намуд, ки чунин иқдом хеле бамаврид буда, на танҳо боиси хубтару беҳтар омӯхтани ин забони барои мо азиз мегардад, балки сабаби аз «ҳуҷраҳо» берун омадани адади зиёди хонандагони мактаб низ хоҳад шуд. Албатта, омӯхтани як забони бегона бе муҳайё сохтани маводи таълимӣ муяссар нахоҳад шуд.

АДАБИЁТИИСТИФОДАШУДА:

Абдусаттор, А. Фарҳанги арабӣ ва адабиёти аҳди Ғазнавиён [Матн]
/ А. Абдусаттор. – Душанбе: Бухоро, 2015. – 430 саҳ ро, 2015. – 430 саҳ.
2. Бертельс, Е. Э. История персидско-таджикской литературы [Текст] / Е.
Э. Бертельс // Избранные труды. Т. 1. – Москва: Издат. восточ. Литер, 1960. – 555 с.
3. Забеҳуллоҳи Сафо.Таърихи адабиёти Эрон. Ҷилди дувум [Матн]. –Теҳрон, 1371.- 1127. саҳ.3-4,10-2.
4. Мардони Таджиддин. Даад и Рубаб в стихах Насира Хусрава [Текст] / Таджиддин Мардони // Арабско-таджикское литературные
связи (История и современность. Сборник статей). –Душанбе: Ирфон 2006. – 400стр. – С. 218-240.
5.Сӯзании Самарқандӣ. Девон [Матн]. Дастхати № 440.
6. Саъдиев Садрӣ. Сӯзанӣ ва муҳити адабии Самарқанди асри XII [Матн] / Садрӣ Саъдиев: – Душанбе:Дониш, 1974. –163 .

ТАЪСИРИ НАЗМИ АРАБ БА АШЪОРИ СӮЗАНИИ САМАРҚАНДӢ

Мавзуи таъсири адабиёти арабӣ ба адабиёти форсии тоҷикӣ яке аз масъалаҳои ҷиддиест, ки то ба имрӯз дар маркази таҳқиқи муҳаққиқон қарор гирифтааст ва то як андоза таҳқиқи худро пайдо кардааст. Дар аҳди ғазавоти араб ва интишор гардидани Ислом раванди мазкур нумуи хосса кард, ки шоирони он давр дар ашъорашон пурра ба сураҳои Қуръон такъя мекарданд, ки Сӯзании Самарқандӣ аз ҷумлаи онҳост.

Калидвожаҳо: адабиёти араб, адабиёти форсии тоҷикӣ, Сӯзании Самарқандӣ, вожаҳои арабӣ.

Маълумот дар бораи муаллиф: Хуҷова Мавҷуда Уроқовна – ходими пешбари илмии Шуъбаи матншиносӣ, таҳқиқ ва нашри мероси хаттии Маркази мероси хаттии назди Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, индекс: 734025 ҶумҳурииТоҷикистон: шаҳри Душнбе, кучаи Ш. Ҳусейнзода 35. тел.: 935044963.

ВЛИЯНИЕ АРАБСКОЙ ПОЭЗИИ В ТВОРЧЕСТВО СУЗАНИ САМАРКАНДИ

Следует отметит, что язык всегда был основным средством реализации сознания.Вапрос о влиянии арабского языка на персидско-таджикскую литературу-один из самых серьёзных вапросов, который до сихпор находится в центре исследования и в некоторой степени нашел свое собсвенное исследование. В эпоху арабского завоевания и распространения ислама этот процесс стал особым примером, когда поэты того времени всецело пологались на суры Карана, в том числе Сузани Самарканди.

Ключевые слова: Диван, арабская литература, центре исследования, суры Карана, Сузани Самарканди. искусства, миф, религия ислама, истарический персонаж, милосердие, верност и преданность, Коран.

Сведения об авторе: ХуджоваМавджудаУраковна– ведущий научный сотрудник отделом текстологии, исследование и публикации письменного наследие Центра письменного наследия при Президиуме Национальной академии наук Таджикистана. Адрес: 734025 Республики Таджикистана; город Душанбе, ул.Ш. Хусейнзода,тел.: 935044963.

INFLUENCT ARABIC POETRY ON SUZANI SAMARKANDI

It should be noted that language has always been the main means of realizing consciousness. The question of the influence of the Arabic language on the Persian-Tajik literature is on of the most serious questions, which is still at the center of research and, to some extent, has found its ows research. In the era of the Arab conquest and the spread of Islam, this process became a special example, when the poests of that time completely relied on the suras of the Koran, including Suzani Samarkandi.

Key words: Divan,SyzaniSamarqandi,persian-tajik literature, arabic language, suras, Koran, image, myth, personality, history, sivilizationpoet, nation.

Information about the author: KhujovaMavjudaUraqovna. Leading researcher of TextualStudies, Researcher andPublicationof written Heritage of the Center of the written Heritage of the Tajik national Academy of science.Address: 734025 of Respublic of Tajikistan;Dusanbe city,st.Sh.Khuseinzoda, тел.: 935044963.

Ҷилди рӯйи китоби “Радоиф-ул-ашъор”-и мураттибаш номаълум, ки дар асри XVIII китобат шудааст



Ғазали Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ дар хушнависии Кайхусрави Хурӯш

МУНДАРИҶА

ТАЪРИХ

Давлатов Р.М. Осебшиносии мактаби миллии даврони истиқлол.....5
Давлатхоҷа Довутов, Абдували Шарифзода. Ганҷинаи дирҳамҳои аббосии асри IX аз шаҳри Душанбе.....11
Шарифов А. Маълумоти нав аз ҳамкориҳои тоҷику қазоқ.....22
Бобомуллоев М. Ғ. Ёдгориҳои Алмосӣ.....30

ЗАБОНШИНОСӢ

Назарзода С. Этноними “Тоҷик” ва забони бохтарӣ.....36
Собирҷонов С. Вежагиҳои сохторию услубии силсилабандҳои наҳвӣ дар достони “Лайлӣ ва Маҷнун”-и Низомии Ганҷавӣ.....46
Пудинаев У. Назаре ба вожасозии Назри Яздон.....53
Қудратова Б. А. Номвожаҳои нуҷумӣ дар ашъори Абдураҳмони Ҷомӣ.....61

АДАБИЁТШИНОСӢ

Хокироев Р.Г. Ғиёсиев М. И. Поёни давраи паҳлавонӣ дар “Шоҳнома”.....68
Исрофилниё Ш.Р. Нақде бар “Девон”-и Шайх Камоли Хуҷандӣ.....81
Муҳаммадзода С. Мероси адабии Алишери Навоӣ 90
Ализода С. Андешае чанд дар бораи як нусхаи нодири «Радоиф-ул-ашъор».....97
Давруқов Ш. Х. Назаре ба як дастнависи ашъори шоирони Бадахшон.....109
Мардонӣ Т. Маҷаллаҳои куҳнаро варақ зада (Пажӯҳишгоҳи дастнависҳои арабии МДА).....117
Латифов С. Нақши Амирбек Ҳабибов дар таҳқиқи адабиёти тоҷики охири асри XVIII ва ибтидои асри XX.....132
Рустамова Г.Р. Дневник – литературное наследие Льва Толстого.....139
Хуҷова М.Ӯ Таъсири назми Араб ба ашъори Сӯзании Самарқандӣ.....143

СОДЕРЖАНИЕ

ИСТОРИЯ

Давлатов Р.М. Задачи национальной школы эпохи независимости 5
Давлатходжа Довутов, Абдували Шарифзода. Душанбинский клад аббасидских дирхамов IX в.....11
Шарифов А. Новые сведения из истории таджикско-казахских взаимоотношений.....22
Бобомуллоев М. Г. Памятник Алмоси 30

ЯЗЫКОЗНАНИЕ

Назарзода С . Этноним «Таджик» и бактрийский язык.....36
Сабиржанов С. Структурно – стилистические особенности Сложных синтаксических цепей в поэме «Лейли и Меджнун» Низами Гянджеви 46
Пудинаев У. Взгляд в словообразовании Назри Яздон.....53
Саидходжа А. Астрономических терминов в поэзии Абдурахмана Джами 61

ЛИТЕРАТУРОВЕДЕНИЕ

Хокироев Р.Г. Гиясиев М. И. Завершение периода богатырства (героизма) в «Шахнаме».....68
Исрофилиё Ш.Р. Критика к “Диван”-а Шейха Камола Худжанди 81
Мухаммадзода С. Литературное наследие Алишера Наваи.....90
Ализода С. Некоторые взгляди об одном рукописьей “Радаиф-ал-ашъар” 97
Даврукова Ш. Х.Об одной рукописи произведений Бадахшанских поэтов 109
Мардони Т. Листая старые журналы…(обзор некоторых выпусков «Журнала института арабских рукописей-»лиги арабских стран) 117
Латифов С. Роль Амирбека Хабибова в исследовании таджикской литературы конца XVIII и начала XX вв.....132
Рустамова Г.Р. Дневник – литературное наследие Льва Толстого.....139
Худжова М. У. Влияние арабской поэзии в творчество Сузани Самарканди.....143

CONTENTS

HISTORY

Davlatov R.M. Objectives of the national school of the independence era.....5
Sharifzoda A. Dushanbe treasure of abbasid dirhams Of the IX century.....11
Sharipov A. New information from the history of tajik-kazakh relations.....22
Bobomulloev M. G. The site of Almosi.....30

LANGUSITIK

Nazarzoda S. Ethnonym "tajik" and the bactrian language?.....36
Sobirjoni S. Structural and stylistic features of complex syntactic chains in the poem of "Leyli and Majnun" by Nizami Ganjavi.....46
Pudinaev U. A look at Nazri Yazdon's word formation.....53
Kudratova B. Astrological terms in the poetry of Abdurahman Jami 61

LITERATURE

Khokiroev R. G. Giyosiev M. I. The end of the period of heroism in "Shahnama".....68
Isrofilniyo Sh. Criticism of “Dewan” Sheikh Kamoli Khujandi 81
Muhammadzoda S. literary heritage of Alisher Navoi.....90
Alizoda S . Some look about one manuscript “Radaif-fl-asya” 97
Davrukov Sh. Kh. One manuscript of the poems of the Badakhshani poets 109
Mardoni T. Looking through old magazin's of the Institute of arabic manuscripts 117
Latifov S. Role of amirbek habibov in the study of tajik literature in the late 18th And early 20th centuries 132
Rustamova G. R. Diary of the literary legacy of Lev Tolstoy 139
Khujova M.U. Influence arabic poetry on Suzani Samarkandi 143

АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
МАРКАЗИ МЕРОСИ ХАТТӢ

НАЦИОНАЛЬНАЯ АКАДЕМИЯ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
ЦЕНТР ПИСЬМЕННОГО НАСЛЕДИЯ

NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF THE TAJIKISTAN
CENTER OF WRITTEN HERITAGE

МЕРОСИ ШАРҚ

(МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ)
№ 1 (3), 2023

Муҳаррири масъул: А. Муҳаммадӣ
Муҳаррири техникӣ: М. Шаҳобиддин
Мусаҳҳеҳ: Д. Валиева
Тарроҳ: Б. Назарзода

Ба матбаа супорида шуд 20.10.2022
Барои нашр имзо шуд 27.10.2022
Чопи офсетӣ. Ҷузъи чопӣ - 18,25. Андоза 60Х84 $^{1}/_{8}$.
Адади нашр 200 нусха. Супориши №39

ҶДММ “Меҳроҷ-Граф”,
ш. Душанбе, 734063, кӯчаи Айнӣ 29/2